Алфа ва Омега

# ТАКРОРИ ШАРИАТ

14 дарс



Реҷеп ва Лайла Айдин

*Алфа ва Омега*

# ТАКРОРИ ШАРИАТ

14 дарс



Реҷеп ва Лайла Айдин

KITABI-KNIGI.COM

Китобҳои электронии ройгон барои тамоми оила!
Дар ҳама гуна дастгоҳ зеркашӣ кунед ва бо забони модарии худ хонед.

KITABI-KNIGI.COM

Ҳуқуқи муаллифӣ © 2025 аз ҷониби Алфа ва Омега. Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфуз шуда аст.
*alphaomegasilkroad@gmail.com*

Ҳуқуқи муаллифӣ © 2026 барои нашри тоҷикӣ.
Бо иҷозат тарҷума шудааст. Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфуз шуда аст.

Ҳуқуқи муаллифӣ © 2025 барои тасвирҳо аз ҷониби Ҷим. Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфуз шуда аст.

Оятҳои Навиштаҷот аз Китоби Муқаддас с. 1992, с. 1999 ва Китоби Муқаддас Оммафаҳм гирифта шуд.

# Чаро китоби Такрори Шариатро бояд омӯхт?

Дар китоби Такрори Шариат таълимоте аст, ки барои боқимондаи Аҳди Қадим асос мебошад. Мо метавонем таъсири ин китобро ба ҳамаи пайғамбарони Аҳди Қадим (хусусан Ирмиё), подшоҳони Исроил (масалан, 4 Подшоҳон 22:8), Забур ва китоби Масалҳо бубинем.

Исои Масеҳ оятҳоро аз китоби Такрори Шариат бештар аз ҳама китобҳои дигари Аҳди Қадим истифода мебурд (масалан, Матто 4:1–11; 5:33; 19:18–19).

Дар тамоми Аҳди Нав оятҳо ва истинодҳои зиёде аз ин китоб аст.

Паёми ин китоб на танҳо барои исроилиён дар Аҳди Қадим буд, балки барои ҳамаи мо имрӯз низ аст. Ҳангоми омӯхтани он, мо бештар мефаҳмем, ки Худои мо чӣ қадар аҷоиб аст ва Ӯ барои мо чӣ кор кард.

Ин курси омӯзишӣ аз 14 дарс иборат аст, ки ба шумо дар фаҳмидани ин китоби аҷоиб кӯмак мекунад!

Агар шумо курси шиносоӣ бо Китоби Муқаддас «Алфа ва Омега»-ро нагузашта бошед, пеш аз анҷом додани ин курс, барои шумо омӯхтани он фоидаовар хоҳад буд.

Дар ҳар дарс саволҳои зиёде аст, ки шумо бояд ба онҳо ҷавоб диҳед. Рақами дар қавс пас аз ҳар савол ин рақами ҷавоб аст, ки дар поёни дарс нишон дода шуд. Кӯшиш кунед, ки пеш аз дидани ҷавоб ба савол ҷавоб диҳед.

Дар ҳар дарс оятҳо аз дигар китобҳои Китоби Муқаддас оварда шуд. Агар онҳо бо ҳарфи **ғафс** навишта шуда бошанд, ёфтан ва хондани онҳо муҳим аст. Агар онҳо бо ҳарфи ғафс навишта нашуда бошанд, агар шумо вақт дошта бошед, метавонед онҳоро ҷустуҷӯ кунед.

Қуттиҳои «иловагӣ» барои онҳое аст, ки мехоҳанд он бобро каме бештар омӯзанд. Онро дар вақти дарс ё ҳамчун вазифаи хонагӣ омӯхта метавонед.

Мо дуо мекунем, ки шумо аз омӯхтани ин китоби аҷоиб ва нақл кардани он ба дигарон лаззат баред!

Такрори Шариат — дарси 1:

# Пайғамбар ва ваъда



## Муқаддима

### Маълумоти умумӣ

Дар китоби Такрори Шариат мо суханони арзишмандро мехонем, ки Худо ба қавми Худ ба воситаи бандааш Мусо гуфта буд. Пеш аз он ки халқи Исроил ба замини Канъон, ки Худо ба онҳо ваъда дода буд, омаданд, Мусо ба онҳо сухан гуфт.




Заминаи китоби Такрори Шариат дар китобҳои Ҳастӣ, Хуруҷ ва Ададҳо оварда шудааст.

Ин гапҳоро хонед ва бубинед, ки оё шумо метавонед ҳамаи онҳоро такрор кунед:

- Худо ҳама чизро хуб офарид: ҷаҳон ва ду инсони аввал, Одам ва Ҳавво.
- Ба ҷои итоат кардан ба Худо, шайтон онҳоро ба васваса андохт, ки ба Худо беитоатӣ кунанд.

- Аз ин сабаб, онҳо аз ҳузури Худо ронда шуданд. Ва аз ин рӯ, онҳо баракатҳои Худоро, аз ҷумла ҳаёти ҷовидониро, аз даст доданд.

- Баъди солҳои зиёд, Худо ба Иброҳим, ки пиру бефарзанд буд ва замин надошт, ва дар минтақаи шарқии Канъон зиндагӣ мекард чунин ваъдаҳо дод:
  - ӯ падари як миллати бузург хоҳад буд;
  - насли ӯ дар замини Канъон зиндагӣ хоҳанд кард;
  - ба воситаи ӯ ҳамаи халқҳои замин баракат хоҳанд ёфт!

- Аммо авлоди Иброҳим барои гурехтан аз гуруснагии даҳшатнок ба Миср кӯчида рафтанд. Ин замине НАБУД, ки Худо ба онҳо ваъда дода буд. Ва дар он ҷо онҳо дар ғуломии тоқатфарсо қарор гирифтанд.

- Пас, Худо Мусоро бардошт, то онҳоро аз ғуломӣ озод кунад. Ин наҷот муҳимтарин рӯйдоди мардуми Худо дар Аҳди Қадим аст. Он **хуруҷ** ном дорад.

Шумо метавонед дар бораи ин воқеаҳо дар китобҳои Ҳастӣ ва Хуруҷ аз бобҳои 1 то 19 хонед.

Акнун, дар китоби Такрори Шариат, Худо ниҳоят қавми худро ба замини ваъдашуда мебиёрад.

## 1. Аҳду паймон

Тамоми китоби Такрори Шариат ба аҳду паймони қадимие монанд аст, ки подшоҳон дар он замон бо одамони забтшуда мебастанд. Ин аҳду паймонҳо одатан панҷ қисми асосӣ доштанд:

1. Муқаддимаи таърихӣ (Такрори Шариат 1:1–4:49).

2. Талаботи умумии аҳду паймон (Такрори Шариат бобҳои 5–11).

3. Дастурҳои муфассал дар бораи он ки мардуми забтшуда чӣ кор бояд мекард (Такрори Шариат бобҳои 12–26).

4. Баракат ва лаънат (Такрори Шариат бобҳои 27–28).

5. Шоҳидон (Такрори Шариат 30:19; 31:19; боби 32).

Пас, китоби Такрори Шариат ба монанди аҳду паймони Худо бо қавмаш аст. Ӯ подшоҳи нави онҳо аст (Такрори Шариат 33:5). Қавми Худо аз ин китоб фаҳмида метавонанд, ки подшоҳашон аз онҳо чӣ интизор аст.

## 2. Ҷуғрофия

Дар се боби аввал халқи Худо сафар мекарданд. Дар он бисёр ҷойҳо зикр шудаанд. Ин ба мо нишон медиҳад, ки мо дар бораи рӯйдодҳое мехонем, ки воқеан рӯй додаанд. Барои фаҳмидани он чизҳое, ки ин оятҳо ба шумо чӣ таълим медиҳанд, ба шумо лозим нест, ки ҳамаи ин ҷойҳоро донед. Мо ҷойҳои муҳимро дар харита нишон медиҳем.

Акнун мо тайёр ҳастем, ки курси омӯзиширо сар кунем!

# Пайғамбар ва ваъда

Дар дарси аввал мо чизҳое зеринро дида мебароем:

- Пайғамбари муҳимтарин ва ваъдаи Худо дар Аҳди Қадим.
- Пайғамбари муҳимтарин ва ваъдаи Худо дар Аҳди Нав.

Биёед аз Аҳди Қадим сар кунем.

## Пайғамбари муҳимтарини Худо дар Аҳди Қадим: Мусо

**Такрори Шариат 1:1–5-ро** хонед.

Мо дар ин ҷо се сифати Мусоро мебинем. Ӯ чунин буд:

### 1. Ба Худо таваккал мекард

Мусо дар **Хуруҷ 4:10** дар бораи худаш чӣ гуфта буд? [1]

Ва Худо дар **Хуруҷ 4:11–12** ба ӯ чӣ гуфта буд? [2]

Дар ин китоб мо натиҷаҳоро мебинем! Худо Мусоро ба як сухангӯи вафодор табдил дод, ки метавонист Каломи Худоро ба таври фаҳмо таълим диҳад ва фаҳмонад. Бо вуҷуди сустиҳои Мусо, Худо ӯро барои озод кардани халқи Худо аз ғуломӣ ва тайёр кардани онҳо барои зиндагӣ дар замини ваъдашуда истифода бурд. Аммо Мусо ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекард, ки то чӣ андоза аз Худо вобаста аст (Такрори Шариат 34:10).

### 2. Муаллими хуб

Мусо дар Такрори Шариат 1:1 ба кӣ сӯҳбат мекард? [3]

Мусо ин суханонро ба **тамоми** мардуми Исроил гуфт, на танҳо ба роҳбарон. Ин суханон барои ҳама аст! Ба ҳамин монанд, китоби Такрори Шариат на танҳо барои роҳбарон аст, балки китоби асосиест, ки ҳамаи имондорон бояд онро омӯзанд.

Оё таълимоти Мусо аз куҷо сарчашма мегирад (ояти 3)? [4]

Мисли ҳамаи китобҳои дигари Китоби Муқаддас, ин овози инсон аст, аммо дар айни замон ин суханон аз Худо аст.

Мусо чӣ кор кард (ояти 5)? [5]

Мусо каломи Худоро на танҳо ба мардум гуфта буд, балки онро фаҳмонда дод. Халқи Худо бояд каломи Худоро донанд **ва** фаҳманд. Мусо муаллими хуб буд!

## 3. Подшоҳии Худоро содиқона эълон мекард

Вазифаи Мусо ҳамчун пайғамбари Худо он буд, ки қавми Худоро ба итоат кардани Худо, подшоҳашон, ки онҳоро наҷот дода буд, даъват кунад (Такрори Шариат 33:5). Яъне, итоаткорӣ мавзӯи муҳим дар китоби Такрори Шариат аст. Онҳо аз они Худо буданд. Муҳим буд, ки онҳо ба Ӯ итоат кунанд!




Дар Такрори Шариат 1:1 мардум дар куҷо буданд? [6]

Ин ҷойро дар харита пайдо кунед.

Мусо дар кадом сол пас аз хуруҷ аз Миср сухан гуфт (ояти 3)? [7]

Сафар аз Ҳориб (ё кӯҳи Сино) то Қодеш-Барнеа одатан чӣ қадар давом медиҳад (ояти 2)? [8]

Пас, сафари 11-рӯза 40 сол давом ёфт! Ин нархи нофармонӣ аст. Азбаски исроилиён беитоатӣ карданд, онҳо маҷбур шуданд, ки 40 сол дар биёбон саргардон шаванд.

**Такрори Шариат 30:16-ро** хонед. Худо мегӯяд, ки агар қавмаш ба Ӯ итоат кунад, натиҷааш чӣ мешавад? [9]

**Такрори Шариат 30:17–18-ро** хонед. Худо мегӯяд, ки агар қавмаш ба Ӯ итоат накунад, натиҷааш чӣ мешавад? [10]

Аҳди Қадим як ҳикояи ғайриоддӣ аст. Дар тамоми Аҳди Қадим мо мехонем, ки:
- Халқи Худо пайваста ба Ӯ беитоатӣ мекарданд.
- Худо пайваста муносибатро бо қавмаш барқарор мекард.

Чӣ қадар аҷоиб аст, ки Худо чунин Худои раҳим ва меҳрубон аст! Дар китоби Такрори Шариат мо дар бораи он мехонем, ки Мусо борҳо ба қавми Худо дар ин бора хотиррасон мекард.

Мусо ҳамеша мегуфт, ки қавми Худо бояд ба подшоҳашон итоат кунанд ва шаҳрвандони содиқи Подшоҳии Худо бошанд.

## Муҳимтарин ваъдаи Худо дар Аҳди Қадим — ин замини ваъдашуда аст

**Такрори Шариат 1:6–8-ро** хонед.




Ба харита нигоҳ кунед ва ин ҷойҳоро пайдо кунед:

- Кӯҳи Сино (дар Такрори Шариат онро Ҳӯриб низ меноманд)
- Кишвари амӯриён
- Водии Араба
- Доманакӯҳҳои ғарбӣ
- Негев
- Лубнон
- Дарёи Фурот

Панҷсад сол пеш аз Мусо, Худо ваъда дода буд, ки замини Канъонро ба насли Иброҳим медиҳад (Ҳастӣ 15:18–21). Акнун, ниҳоят Худо ин заминро ба қавми худ медиҳад.

Дар Такрори Шариат 1:6 Мусо ба замоне нигоҳ мекунад, ки Худо бо халқаш дар кӯҳи Сино (ки онро Ҳориб низ меноманд) вохӯрд. Ин 40 сол пеш аз он буд, ки Мусо суханони ин китобро бигӯяд.

Худо ба онҳо 40 сол пеш (ояти 7) кадом корҳоро гуфта буд? [11]

Чил сол пеш Худо ба онҳо гуфта буд, ки ба замини ваъдашуда дароянд. Аммо, чунон ки мо дар дарси оянда мехонем, онҳо аз рафтан саркашӣ карданд! Худо ба онҳо замини аҷоиб ваъда дод, аммо дар он вақт халқи Худо нахостанд ба он дароянд!

# Аҳди Нав

То ҳол дар ин дарс мо ба ин чизҳо нигоҳ кардем:

- **Пайғамбари** муҳимтарини Аҳди Қадим — Мусо. Вазифаи ӯ он буд, ки мардумро ба итоат кардани Худо, подшоҳашон, даъват кунад.

- **Ваъдаи** муҳимтарини Аҳди Қадим — замини ваъдашуда. Халки Худо ин ваъдаро танҳо дар он сурат метавонистанд қабул кунанд, агар итоат мекарданд ва ба замини ваъдашуда дохил шаванд.

Акнун биёед ба пайғамбари муҳимтарин ва ваъдаи муҳимтарин дар Аҳди Нав нигоҳ кунем.

## Пайғамбари муҳимтарин дар Аҳди Нав

**Ибриён 1:1—2-ро** хонед. Пайғамбари муҳимтарин дар Аҳди Нав кӣ аст? [12]

Мисли Мусо ӯ пайғамбари Худо буд (Марқӯс 6:4), ки:
- Суханонеро, ки Худои Падар ба ӯ гуфта буд, мегуфт (Юҳанно 8:28);
- Муаллими хеле нағз буд (Матто 7:28);
- Подшоҳии Худоро эълон мекард (Луқо 8:1).

Исо пайғамбари махсусе буд, ки Мусо дар борааш пешгӯӣ карда буд, ки Худо ӯро мефиристад:

«*Пайғамбаре мисли ман аз миёни ту, аз бародарони ту Худованд Худоят барои ту ба майдон хоҳад овард; ба Вай гӯш диҳед*» (Такрори Шариат 18:15).

Дар мавъизаи худ дар рӯзи Пантикост ҳаввори Петрус ин оятро гуфт, то нишон диҳад, ки чӣ тавр Исо он Масеҳе буд, ки Худо ӯро аз қадим ба воситаи Мусо ваъда дода буд (Аъмол 3:20—22).

Дар Инҷили Юҳанно Исо ба онҳое, ки ба ӯ имон наоварда буданд, гуфт: «*Зеро ки агар шумо ба Мусо имон медоштед, ба Ман ҳам имон меовардед, чунки вай дар бораи Ман навиштааст*» (Юҳанно 5:46).

Худо ба воситаи Мусо ба халқаш мегуфт, ки шахси хеле муҳиме меояд. Ин танҳо як мисоли он аст, ки чӣ тавр Аҳди Қадим моро барои омадани Исои Масеҳ, пайғамбари муҳимтарин, тайёр мекунад.

## Ваъдаи муҳимтарин дар Аҳди Нав

**1 Юҳанно 2:25-ро** хонед. Ваъдаи муҳимтарин, ки Худо дар Аҳди Нав ба мо додааст, чӣ аст? [13]

Худо ба мо дар замини ваъдашудаи абадии худ, Ерусалими нав, хонаро ваъда медиҳад!

**Юҳанно 1:12-ро** хонед. Барои қабул кардани ваъдаи Худо дар бораи ҳаёти абадӣ мо чӣ кор бояд кунем? [14]

Мо фақат ба восиати Исо ба Худои Падар наздик шуда метавонем (Юҳанно 14:6).

Аммо то он даме, ки мо тӯҳфа қабул накунем, он аз они мо нест. Мо набояд мисли исроилиён бошем, ки пешниҳоди аҷоиби Худоро рад карданд!

Худо Мусоро дар Аҳди Қадим истифода бурд, ки қавми худро ба канори замини ваъдашуда биёрад ва баъд Мусо вафот кард. Роҳбарони дигар онҳоро ба замини ваъдашуда оварданд ва дар солҳои оянда бар онҳо ҳукмронӣ карданд. Аммо, дар Аҳди Нав худи Исо моро ба замини ваъдашудаи абадӣ мебиёрад ва то абад бо мо хоҳад буд (Юҳанно 14:1–6). Бар хилофи Мусо ва замини ваъдашуда, Исо аз ваъдаи ҳаёти абадӣ ҷудонашаванда аст!

Мо мисли исроилиён дар сафар сӯи замини ваъдашуда ҳастем! Аммо, бар хилофи исроилиён, замине, ки мо ба он меравем, замини комил аст, ки то абад боқӣ мемонад (Ваҳӣ 21:1–4).

Сафари мо ба замини ваъдашудаи абадӣ аз сафари исроилиён ба замини ваъдашуда дар кадом ду роҳ фарқ мекунад? [15]

## *Иловагӣ:* Чаро халқи Худо бояд ин қадар вақти зиёд интизор мешуданд, то ба замини ваъдашуда дохил шаванд?

1. Дар замони Юсуф чанд нафар аз қавми Худо (авлоди Иброҳим) ба Миср рафтанд (**Ҳастӣ 46:27**)? [16]

   Онҳо барои пур кардани он замин кифоя набуданд!

   Шумораи қавми Худо (мардон), вақте ки онҳо аз Миср баромаданд, чӣ қадар буд (**Ададҳо 1:46**)? [17]

   Пас, агар мо занон ва кӯдаконро илова кунем, шояд тақрибан ду миллион нафар буданд. Акнун шумораи онҳо барои зиндагӣ дар замини ваъдашуда кифоя аст!

2. Чаро амӯриён замини Канъонро аз даст доданд (**Ҳастӣ 15:16**)? [18]

   Худо бо мардуми ин сарзамин хеле пурсабр буд. Ӯ ба онҳо муддати дароз дод, то тавба кунанд ва тарзи зиндагии худро дигар кунанд. Танҳо вақте ки онҳо ниҳоят ва дар воқеият бад шуданд, Ӯ онҳоро нобуд кард.

## Даъват

Мусо барои мо намунаи ибрати олӣ ҳаст! Ӯ гуфт, ки суханронииаш нағз нест, аммо муаллими бузург шуд. Албатта, суханони мо қисми Китоби Муқаддас намешавад. Каломи Худо пурра аст ва ба он илова кардан мумкин нест. Аммо одамон бояд он чизеро, ки Худо аллакай гуфтааст, шунаванд. Барои он ки ба одамон хушхабарро нақл кунем, мо набояд дар суханронӣ нағз бошем.

Ҳатто ҳаввории Павлус дар Аҳди Нав ба худ боварӣ надошт! Ӯ ба Қӯринтиён чунин гуфт: «*Ва ман дар заъф ва дар тарсу ларзи бузурге назди шумо будам, Ва каломy мавъизаи ман на дар суханони исботкоронаи ҳикмати инсон, балки дар зуҳури рӯҳ ва қувват буд*» (1 ба Қӯринтиён 2:3–4).

У дертар навишт: «*Бинобар ин ман аз заъфҳо, озорҳо, мӯҳтоҷиҳо, таъқиботҳо ва ситамҳое ки ба хотири Масеҳ мебинам, дилшодам, зеро ки дар ҳолати заъф боқувватам*» (2 Қӯринтиён 12:10).

Пас, бигзор намунаи ибрати Мусо ва ҳаввории Павлус моро рӯҳбаланд кунад! Вазифаи мо ин аст:

- **Ба Худо такя кунем.** Мо бояд дуо гӯем, ки Рӯҳи Муқаддас чашмони хешовандону дӯстони моро барои ҳақиқат кушояд;
- **Муаллимони нағз бошем.** Мо бояд ба онҳо нақл кунем, ки чӣ гуна Худо худро ба воситаи Исои Масеҳ зоҳир кард;
- **Подшоҳии Худоро эълон кунем.** Мо бояд ба онҳо кӯмак кунем, ки Каломи Худоро дӯст доранд ва ба Ӯ итоат кунанд, то онҳо низ сокинони хуби Подшоҳии Худо бошанд.

Бигзор Худо дар мо бахшоиши башоратдиҳӣ ва таълим доданро инкишоф диҳад, вақте ки мо бо одамон дар бораи Худои аҷоибамон сӯҳбат мекунем!

Мусо ва ҳаввории Павлус барои мо чӣ тавр намунаи ибрат ҳастанд? [19]

Оё ягон шахс ҳаст, ки шумо ин дарсҳоро ба ӯ таълим дода метавонед?

## Худо дар ин дарс ба шумо чӣ гуфт?

## Имрӯз инро ба кӣ нақл карда метавонед?

# Вазифаи хонагӣ

Пеш аз дарси оянда **Такрори Шариат 1:6–3:11-ро** хонед.

# Ҷавобҳо

1 – Ӯ гуфт, ки дар сухан гуфтан суст аст.
2 – Ман ба ту дар сухан гуфтан кӯмак мекунам ва ба ту чӣ гуфтанро меомӯзонам.
3 – Мусо ба тамоми қавми Исроил сухан мегуфт.
4 – Таълимоти Мусо аз ҷониби Худованд омада буд.
5 – Мусо шариати Худоро **мефаҳмонд**.
6 – Дар биёбон, шарқи дарёи Урдун.
7 – Дар соли чилум пас аз хуруҷ аз Миср.
8 – Одатан сафар танҳо ёздаҳ рӯзро дар бар мегирифт.
9 – Худо ба онҳо ваъда дод, ки онҳо зиндагӣ мекунанд ва афзоиш меёбанд ва онҳоро дар замини ваъдашуда баракат медиҳад.
10 – Худо гуфт, ки онҳо нобуд мешаванд ва дар замини ваъдашуда муддати зиёд зиндагӣ нахоҳанд кард.
11 – Равед ва замини ваъдашударо соҳиб шавед.
12 – Писари Худо, Исои Масеҳ.
13 – Худо ваъда дод, ки ба мо ҳаёти ҷовидонӣ медиҳад!
14 – Мо бояд Исои Масеҳро қабул кунем ва ба номи Ӯ имон оварем.
15 – Худи Исо моро ба он ҷо мебарад ва то абад бо мо хоҳад буд! Ҳамчунин замини ваъдашудае, ки мо ба он ҷо меравем, комил аст ва то абад боқӣ хоҳад монд!
16 – Ҳафтод нафар.
17 – Зиёда аз 600 000 мард буданд.
18 – Онҳо замини Канъонро аз даст доданд, зеро онҳо хеле бадкор шуда буданд.
19 – Онҳо аз таълим додани одамон дар бораи Худо метарсиданд, аммо Худо онҳоро ба муаллимони бузург табдил дод.

# Такрори Шариат — дарси 2:
# Роҳбарон ва пайравон



Дар ин дарс мо дар бораи чизҳои зерин фикр мекунем:
- чӣ хел роҳбари нағз бошем;
- чӣ хел пайрави нағз бошем;
- чӣ хел итоаткориро омӯзем.

## Пешвоён

**Такрори Шариат 1:9–18-ро** хонед.

Мушкили Мусо дар чӣ буд ва ӯ дар ин бора чӣ кор кард (оятҳои 10–15)? [1]

> **Мириҳазорҳо, мирисадҳо, мирипанҷоҳҳо ва миридаҳҳо** (ояти 15) ин афсарони артиш ва инчунин онҳое буданд, ки гурӯҳҳои гуногуни одамонро, ки корҳои муайяне доштанд, назорат мекарданд.
>
> **Нозирони сибтҳо** (ояти 15) мансабдорони шаҳрвандӣ (ғайриҳарбӣ) буданд, ки барои ташкили кори мардум ёрдам мекарданд.
>
> **Доварон** (ояти 16) касоне буданд, ки ҳар вақте ки ҷиноят содир мешуд, адолатро иҷро мекарданд.

Дар боби 5 ва инчунин дар бобҳои баъдӣ Мусо ба мардум шариати Худоро хотиррасон кард. Худо ин шариатро 40 сол пеш дар кӯҳи Сино (ки онро кӯҳи Ҳориб низ меноманд) ба онҳо дода буд. Пешвоён бояд **ин шариатро меомӯхтанд ва онро иҷро мекарданд**, то оқилона роҳбарӣ кунанд ва одилона доварӣ кунанд. Онҳо бояд дар бораи камбағалон ва одамони бепушту паноҳ ғамхорӣ кунанд (Такрори Шариат 15:7; 24:14). Онҳо набояд пора гиранд. Онҳо набояд аз одамони пурқудрате тарсанд, ки мехоҳанд доварии нодуруст иҷро шавад (Такрори Шариат 16:19).

**Мириҳазорҳо, нозирони сибтҳо ва доварон** бояд чӣ кор мекарданд, то кори худро дуруст иҷро кунанд? [2]

# Пайравон

**Такрори Шариат 1:19–28-ро** хонед.




Онҳо ба куҷо расиданд ва бояд ба куҷо мерафтанд (оятҳои 19–21)? [3]

Чӣ шуд (оятҳои 22–28)? [4]

Мушкилӣ чӣ буд (оятҳои 28)? [5]

**Такрори Шариат 1:29–46-ро** хонед.

Мусо ба исроилиён чӣ гуфт (оятҳои 29–30)? [6]

Вақте ки Мусо дар бораи ғамхории Худо барои Исроилиён сухан ронд, дар ояти 31 Худоро ба чӣ монанд мекунад? [7]

Исроилиён медонистанд, ки онҳо ба Худо такя карда метавонанд. Худо барои ин ду миллион нафар дар биёбон аз замони тарк кардани Миср ғамхорӣ мекард. Аммо мардум чӣ гуна ба Худо ҷавоб доданд (ояти 32)? [8]

Ин ҳайратовар буд! Худо барои халқи худ ин қадар корҳои зиёд карда буд. Ӯ онҳоро аз ғуломии даҳшатнок ба таври мӯъҷизаовар наҷот дода буд. Ӯ онҳоро ба таври мӯъҷизаовар роҳнамоӣ карда буд. Ва Ӯ онҳоро дар биёбон ба таври мӯъҷизаовар таъмин карда буд. Бо вуҷуди ин, онҳо аз бовар кардан ба Ӯ саркашӣ карданд. Ба ҷои ин, онҳо ба тарси худ дода шуданд ва беитоатӣ карданро интихоб карданд.

Пас, Худо ба онҳо чӣ гуфт (оятҳои 35–38)? [9]

Вақте ки одамон як бор беитоатӣ мекунанд, бори дуюм беитоатӣ кардан осонтар мешавад. Бубинед, ки чӣ гуна як гуноҳи исроилиён ба гуноҳи дигар оварда расонд. Мардум чӣ қарор карданд ва натиҷаи он чӣ шуд (оятҳои 41–46)? [10]

Онҳо мағлуб шуданд, хеле нороҳат шуданд ва аз ҳама бадтараш, муносибаташон бо Худо вайрон шуд.

Мо дар Аҳди Қадим дидем, ки пешвоён ва пайравони халқи Худо бояд вафодор мешуданд. Аҳди Нав низ айни ҳамин чизро мегӯяд.

## Пешвоён дар Аҳди Нав

Роҳбарони халқи Худо бояд каломи Худоро хуб донанд, ба он итоат кунанд ва онро дуруст таълим диҳанд (2 Тимотиюс 2:2).

**Марқӯс 10:42–45-ро** хонед. Исо ба шогирдонаш дар бораи роҳбарӣ чӣ гуфт? [11]

**1 Петрус 5:2–3-ро** хонед. Петрус дар бораи пирони калисо чӣ мегӯяд? [12]

### Даъвати 1



Пешвоёни калисо набояд мисли подшоҳон ҳукмронӣ кунанд. Баръакс, онҳо бояд ҳамчун чӯпонони ғамхор роҳбарӣ кунанд ва ёрдам кунанд, ки аъзоёни калисоашон дар донишу муҳаббати Худо калон шаванд.

Мусо фаҳмид, ки наметавонад ҳама корҳоро худаш кунад. Ба ҳамин монанд, пешвоёни калисо набояд кӯшиш кунанд, ки ҳама корҳоро худашон кунанд. Дар 1 Қӯринтиён боби 12 Павлус калисоро ҳамчун бадане тасвир мекунад, ки аз қисмҳои гуногун иборат аст. Пешвои нағз мебинад, ки Худо ба аъзоёни гуногуни калисо кадом бахшоишҳоро додааст. Ӯ онҳоро рӯҳбаланд мекунад, ки бахшоишҳои худро барои фоидаи калисо ва ҷомеа истифода баранд.

Агар шумо роҳбар бошед:

- Оё шумо пайваста каломи Худоро меомӯзед, онро иҷро мекунед ва таълим медиҳед?
- Оё шумо бо фурӯтанӣ роҳбарӣ мекунед ва ҳамчун чӯпони ғамхору дилсӯз ба аъзоёни калисо хизмат мекунед?
- Оё шумо ба аъзоёни калисо ёрдам мекунед, ки он бахшоишҳоеро, ки Худо ба онҳо додааст, инкишоф диҳанд? Ё шумо кӯшиш мекунед, ки ҳама корҳоро худатон кунед?
- Оё шумо ҳамаи одамонро бе рӯйбинӣ рӯҳбаланд мекунед (1 Тимотиюс 5:21)?

Аз болои кадом аз инҳо шумо бояд бештар кор кунед?

# Пайравон дар Аҳди Нав

**Марқӯс 8:34-ро** хонед. Исо дар бораи пайрав будан чӣ гуфт? [13]

Аъзоёни калисо набояд барои худашон шараф ҷӯянд, лекин шарафи Исоро ҷӯянд. Онҳо бояд ҳар кори даркориро кунанд, то калисо якҷоя содиқона дар бораи Исо шаҳодат диҳад. Ҳамаи мо бояд барои хизмат кардан тайёр бошем!

## Даъвати 2

Агар шумо узви калисо бошед:

- Оё шумо бо тарс ё бо имон зиндагӣ мекунед? Ин дар ҳаёти шумо чӣ гуна ба назар мерасад?
- Оё шумо барои пешвоёни калисои худ дуо мехонед, ки нағз роҳбарӣ кунанд? Ё шумо фақат аз онҳо шикоят мекунед?
- Оё шумо бахшоишу истеъдодҳои худро истифода мебаред, ки аз таҳти дил барои фоидаи калисо хизмат кунед?

Аз болои кадом аз инҳо шумо бояд бештар кор кунед?

# Омӯхтани итоаткорӣ

Худо мехост, ки исроилиён сарзамини Канъонро забт кунанд.

## Чаро халқи Худо бояд канъониёнро забт мекарданд?

Дар китоби Ҳастӣ мо дар бораи он мехонем, ки Худо Иброҳимро интихоб кард, то ӯ падари миллате шавад, ки барои Худо махсус мешавад. Худо ба ӯ ваъда дод, ки рӯзе наслаш дар замини Канъон зиндагӣ хоҳанд кард. Тақрибан баъд аз 500 сол Худо ин ваъдаро иҷро кард.

Мардуме, ки дар замини Канъон зиндагӣ мекарданд, бадкор буданд. Онҳо ҳатто писарон ва духтарони худро ҳамчун қурбонӣ ба худоёнашон дар оташ месӯзонданд (Такрори Шариат 12:31). Худо мехост ин миллатҳоро аз сабаби бадкории даҳшатнокашон нобуд кунад.

Худо мехост замини Канъонро ба халқаш диҳад, то онҳо барои тамоми ҷаҳон намуна бошанд. Онҳо бояд ба ҳама нишон медоданд, ки чӣ хел зиндагӣ бояд кунанд. Он гоҳ одамони дигар метавонистанд бинанд, ки Худо то чӣ андоза нек ва бохирад аст ва донанд, ки чӣ хел ба Худо писанд оянд (Такрори Шариат 4:6–8).

Аммо сабаби дигаре буд, ки Худо ин сарзаминро ба қавми худ дод. Худо ба воситаи қавмаш, ки дар сарзамини ваъдашуда зиндагӣ мекарданд, ҷаҳонро барои омадани Писари худ, Масеҳ, тайёр кард. Масеҳ бояд ҷаҳонро аз гуноҳ, марг ва шайтон наҷот медод. Агар қавми Худо дар сарзамини ваъдашуда аз рӯи шариати неки Худо зиндагӣ намекарданд, ҳеҷ кас намефаҳмид, ки Масеҳ чӣ кор мекунад.

Дар таърихи ҷаҳон нобудшавии канъониён ҳодисаи якдафъаина буд. Ин барои мо мисоли он нест, ки имрӯз ягон кишварро забт кунем!

Имрӯз замини ваъдашудаи ҷисмонӣ вуҷуд надорад. Замине нест, ки мо бояд барои он мубориза барем. Имондорон фақат дар як макони ҷуғрофӣ зиндагӣ намекунанд, балки дар ҳар кишвари ҷаҳон ҳастанд.

Мо интизори рӯзе ҳастем, ки Исо бармегардад ва ҳамаи моро барои зиндагӣ бо худ дар сарзамини ваъдашудаи абадӣ — Ерусалими нав мебарад.

Пеш аз хондани порчаи дигарӣ, ба харита нигоҳ кунед ва ин ҷойҳоро пайдо кунед:

- Эдом (эдомиён аз насли Эсов, бародари Яъқуб, буданд).
- Мӯоб (мӯобиён аз насли Лут, ҷияни Иброҳим, буданд).
- Аммон (аммониён низ аз насли Лут, ҷияни Иброҳим, буданд).
- Дарёи Веред
- Дарёи Арнон




**Такрори Шариат 2:1–13-ро** хонед.

Мусо ба исроилиён хотиррасон мекунад, ки пас аз 40 соли саргардонии онҳо дар биёбон ба онҳо чӣ рӯй дод. Баъд аз 40 сол исроилиён акнун ёд гирифтанд, ки чӣ хел ба Худо итоат кунанд!

**Такрори Шариат 2:24–37-ро** хонед.

Замини ваъдашуда пур аз одамони қавӣ буд, ки дар шаҳрҳои мустаҳкам зиндагӣ мекарданд. Чӣ хел исроилиён тавонистанд ба замини ваъдашуда дохил шаванд (ояти 25)? [14]

Исроилиён бояд чӣ кор мекарданд, то ба замини ваъдашуда дохил шаванд (ояти 24)? [15]

Замини ваъдашуда тӯҳфаи Худо буд. Аммо онҳо бояд барои забт кардани ин замин мубориза мебурданд.

Мусо ба Сиҳӯн, подшоҳи Ҳешбӯн, чӣ паём фиристод ва ӯ чӣ ҷавоб дод (оятҳои 26–30)? [16]

Пас чӣ шуд (оятҳои 32–33)? [17]

Ин аввалин ҷанги исроилиён барои забти замини ваъдашуда буд! Ин ба онҳо нишон дод, ки агар онҳо ба Худо бовар ва итоат кунанд, Худо дар ҳақиқат замини ваъдашударо ба онҳо медиҳад!

**Такрори Шариат 3:1–11-ро** хонед.

Баъд аз он Худо ба исроилиён болои кӣ ғалаба дод (ояти 3)? [18]

Онҳо чанд шаҳрро забт карданд (ояти 4)? [19]

Ин як дастоварди ғайриоддӣ буд!

Онҳо чиро нобуд карданд ва чиро нигоҳ доштанд (оятҳои 6–7)? [20]

Сокинони ин сарзамин хеле бадкор буданд. Худо мехост онҳоро нобуд кунад, то халқи Худо ба гуноҳ наафтанд (Мусо дар ин бора дар Такрори Шариат 7:3–4 нақл мекунад).

Сарвати забтшуда тӯҳфаи Худо буд. Худо бо ин роҳ онҳоро дар давоми сафарашон таъмин мекард.

Ин ҷангҳо ба исроилиён нишон медод, ки агар онҳо ба Худо итоат кунанд, Ӯ ба онҳо дар замини ваъдашуда ғалаба медиҳад.

## *Иловагӣ:* Подшоҳ Ӯҷ



Подшоҳ Ӯҷ аз рафоиён буд. Рафоиён одамони хеле қадбаланд ва қавӣ буданд (Такрори Шариат 2:20–21).

Дар он рӯзҳо танҳо одамони сарватмандтарин оҳан доштанд. Ва барои Ӯҷ кати хеле калон лозим буд. Исроилиён подшоҳи бузург ва пурқудратро мағлуб карда буданд!

# Ёд гирифтани итоаткорӣ дар Аҳди Нав

Дар Аҳди Қадим Худо қавми худро роҳнамоӣ мекард. Вақте ки онҳо итоаткор буданд, Ӯ ба онҳо ғалаба медод, то онҳо дар замини ваъдашуда зиндагӣ кунанд. Ба ҳамин монанд, Худо имрӯз моро роҳнамоӣ мекунад. Вақте ки мо итоаткор ҳастем, Худо ба мо ғалаба бар гуноҳ медиҳад, то мо ба замини ваъдашудаи абадӣ ва комил дохил шавем. Исо ба наздикӣ баргашта, моро барои зиндагӣ бо худ мебарад!

Ҳаёти абадӣ ин тӯҳфаи Худо аст, аммо мо ором шуда наметавонем! Мо ҳам дар ҷанг ҳастем ва бояд ҳар дақиқа ва ҳар рӯз ба подшоҳамон итоат кунем.

## Даъвати 3



**Эфсӯсиён 6:10–18-ро** хонед.

Мо бояд бо кӣ мубориза барем (ояти 12)? [21]

Исроилиён бояд бар зидди одамони бадкор, ки дар замини ваъдашуда зиндагӣ мекарданд, меҷангиданд. Ба ҳамин монанд, Худо ба мо мефармояд, ки бар зидди гуноҳ, шайтон ва девҳо, мубориза барем.

Бо кадом ду роҳ мо метавонем бар зидди шайтон ва девҳо мубориза барем (оятҳои 11, 18)? [22]

Дар бораи ҳар як зиреҳ ва вазифаи он фикр кунед. Чӣ мешавад, агар имондорон фаромӯш кунад, ки Худо ба онҳо ин зиреҳро додааст?

- Вақте ки мо фаромӯш мекунем, ки камарбанди ростӣ дорем, чӣ мешавад? [23]
- Вақте ки мо фаромӯш мекунем, ки ҷавшани адолатро дорем, чӣ мешавад? [24]
- Вақте ки мо фаромӯш мекунем, ки пойафзоли омодагӣ барои башорат додан дар бораи Исоро дорем, чӣ мешавад? [25]
- Вақте ки мо фаромӯш мекунем, ки сипари имонро дорем, чӣ мешавад? [26]
- Вақте ки мо фаромӯш мекунем, ки бояд Каломи Худоро маҳкам нигоҳ дорем, чӣ мешавад? [27]
- Вақте ки мо фаромӯш мекунем, ки кулоҳи наҷотро дорем, чӣ мешавад? [28]

Чӣ корҳоеро мо карда метавонем, то бар зидди шайтон ва девҳо якҷоя истодагарӣ кунем? [29]

### Худо имрӯз ба воситаи дар ин дарс ба шумо чӣ гуфт?

### Имрӯз инро ба кӣ нақл карда метавонед?

## Вазифаи хонагӣ

Пеш аз дарси оянда **Такрори Шариат 3:12–29-ро** хонед.

# Ҷавобҳо

1 – Акнун одамон он қадар зиёд буданд, ки Мусо наметавонист ҳамаи баҳсҳои онҳоро худаш ҳал кунад. Аз ин рӯ, ӯ мардони оқил ва мӯътабарро барои роҳбарӣ кардани мардум таъин кард.
2 – Онҳо бояд шариати Худоро меомӯхтанд ва онро иҷро мекарданд.
3 – Онҳо ба Қодеш-Барнеа расида буданд ва бояд ба кӯҳистони амӯриён мерафтанд.
4 – Онҳо чанд ҷосус фиристоданд, то бубинанд, ки замин чӣ гуна аст. Бисёри ҷосусон гуфтанд, ки ин замини хуб аст, аммо мардуми он ҷо қавӣ ва қадбаланд ҳастанд ва шаҳрҳо деворҳои хеле баланд доранд. Аз ин рӯ, исроилиён намехостанд ба Худо итоат кунанд ва ба ин замин раванд.
5 – Онҳо тарсиданд.
6 – Мусо ба онҳо хотиррасон кард, ки онҳо набояд тарсанд, зеро Худо барои онҳо меҷангад мисли он вақте, ки онҳо аз Миср баромада буданд.
7 – Ӯ Худоро бо падаре муқоиса кард, ки писарашро мебурд.
8 – Онҳо ба Худо боварӣ надоштанд.
9 – Ҳеҷ яке аз ин одамони калонсол замини ваъдашударо намедиданд, ба ҷуз аз Колеб ва Еҳушаъ.
10 – Онҳо баромада ҷангиданд, ҳарчанд Худо ба онҳо гуфта буд, ки ин корро накунанд. Пас, онҳо мағлуб шуданд.
11 – Ҳамон тавре ки Исо хизмат кард ва барои мо ҷонашро фидо кард, роҳбарон бояд мисли хизматгорон бошанд, на ҳокимон.
12 – Пирон бояд чӯпони рамаи Худо бошанд.
13 – Пайравон бояд худро инкор кунанд, салиби худро бардошта, Исоро пайравӣ кунанд.
14 – Худо ҳамаи халқҳои он ҷоро аз исроилиён тарсонд.
15 – Онҳо бояд бо мардум дар ҷанг мубориза мебурданд.
16 – Моро иҷозат диҳед, ки аз кишвари шумо дар сулҳ гузарем. Ӯ иҷозат надод.
17 – Худо ба исроилиён болои подшоҳ Сиҳон ғалаба дод.
18 – Подшоҳ Ӯҷ.
19 – Шаст!
20 – Онҳо тамоми мардумро нобуд карданд, аммо тамоми дороии онҳоро нигоҳ доштанд.
21 – Мо бар зидди одамон не, балки бар зидди шайтон ва ҳамаи қувваҳои бади ӯ меҷангем.
22 – Мо бояд силоҳ ва зиреҳи рӯҳониеро, ки Худо ба мо додааст, пӯшем ва дар **ҳама** маврид дар Рӯҳ дуо гӯем!
23 – Моро озмоиш мекунанд, ки ба дурӯғ бовар кунем.
24 – Моро озмоиш мекунанд, ки корҳои бад кунем.
25 – Мо намехоҳем дар бораи Исо сӯҳбат кунем.
26 – Вақте ки чизҳои бад рӯй медиҳад, мо фикр мекунем, ки Худо моро дӯст намедорад ва бароямон ғамхорӣ намекунад. Мо метарсем ва хавотир мешавем.
27 – Мо ҳама чизеро, ки Худо ба воситаи каломаш ба мо ёд додан мехоҳад, аз даст медиҳем.
28 – Мо фаромӯш мекунем, ки наҷот тӯҳфаи ройгон аст. Мо фикр мекунем, ки мо бояд аъмоли нек кунем, ки Худо моро қабул кунад.
29 – Якҷоя вохӯрем, барои якдигар дуо гӯем, якдигарро барои пӯшидани зиреҳи рӯҳонӣ рӯҳбаланд кунем. Шумо боз чӣ фикр доред?

Такрори Шариат — дарси 3:

# Ягонагӣ ва роҳбарияти нав



Дар ин дарс мо дар бораи аҳамияти ягонагӣ ва тайёр кардани пешвоёни нав фикр мекунем.

## Ягонагӣ




**Такрори Шариат 3:12–13** ва **18–20-ро** хонед.

Дарёи Урдун аз баҳри Ҷалил дар шимол то баҳри Мурда дар ҷануб ҷорӣ мешавад. Дарёи Урдунро дар харита пайдо кунед.

Ҷойҳое, ки дар бораяшон дар ин оятҳо гуфта мешавад, дар тарафи шарқии дарёи Урдун ҷойгиранд. Ин тарафест, ки исроилиён пеш аз ҳамла ба Ериҳӯ ба он ҷо расиданд (Еҳушаъ боби 6).

**Ададҳо 32:1–5-ро** хонед. Сибтҳои Реубен ва Ҷод аз Мусо чӣ хостанд? [1]

**Ададҳо 32:16–22-ро** хонед. Чӣ тавр онҳо Мусоро бовар кунонданд, ки онҳо дар тарафи шарқии дарёи Урдун зиндагӣ кунанд? [2]

**Ададҳо 32:33-ро** хонед. Боз кӣ дар тарафи шарқии дарёи Урдун замин гирифт? [3]

Мусо розӣ шуд, ки ин дую ним сибт дар тарафи шарқии дарёи Урдун зиндагӣ кунанд. Ӯ танҳо бо як шарт иҷозат дод: мардони ин сибтҳо бояд ба сибтҳои дигар дар забт кардани канъониён дар тарафи ғарбии дарёи Урдун ёрдам кунанд.

Муҳим буд, ки Рубениён, Ҷодиён ва Менашшеён бо сибтҳои дигар муттаҳид шаванд. Агар ин сибтҳои Рубен ва Ҷод ва нисфи қабилаи Менашше аз рафтан бо дигар исроилиён аз дарёи Урдун саркашӣ мекарданд, қавми Худо пароканда мешуд. Дар ин ҳолат онҳо ба ҷои мубориза бо душмани воқеиашон, бо ҳамдигар меҷангиданд.

# Роҳбарияти нав

**Такрори Шариат 3:23–29-ро** хонед.

Мусо аз Худо чӣ хост (ояти 25)? [4]

Ин орзуи ӯ дар тӯли 40 соли охир буд! Ҳатто бузургтарин одамони Худо, ҳатто пайғамбарони Аҳди Қадим, бо ноумедиҳо рӯ ба рӯ шуданд!

**Ададҳо 20:1–13-ро** хонед. Чаро Худо ба Мусо иҷозат надод, ки қавмашро ба замини ваъдашуда роҳнамоӣ кунад? [5]

Ҳатто бузургтарин қавми Аҳди Қадим баъзан Худоро ноумед мекарданд. Аммо мо марҳамати Худоро дар он мебинем, ки Ӯ ҳадди аққал ба Мусо иҷозат дод, ки заминро аз дур бубинад (Такрори Шариат 3:27).

Пешвои навбатии исроилиён кӣ хоҳад буд (Такрори Шариат 3:28)? [6]

Мусо ба Еҳушаъ чӣ гуфт (Такрори Шариат 3:21–22)? [7]

Забти замини ваъдашуда як вазифаи бузурге буд, ки ҷангҳои зиёдеро дар бар мегирифт. Худо мехост, ки мардум донанд, ки худи Ӯ барои онҳо меҷангад. Худо дар ҷангҳо ғолиб меомад. Зеро Худо сардор ва подшоҳи онҳо буд! Аммо ӯ аз роҳбари таъинкардаи худ, Еҳушаъ, истифода мебурд, то мардуми худро ба замини ваъдашуда биёрад (ояти 28).

Мусо чӣ гуна бояд Еҳушаъро барои шудани роҳбари оянда тайёр мекард (Такрори Шариат 3:28)? [8]

Бо кадом роҳ Мусо метавонист ӯро қувват бахшад ва рӯҳбаланд кунад? [9]

Мусо Тавротро навиштааст — панҷ китоби аввали Аҳди Қадим. Ин тӯҳфаи Мусо ба Еҳушаъ ва мардуми Худо буд.

Худо баъдтар ба Еҳушаъ дар бораи хондани Каломи Худ чӣ гуфт (**Еҳушаъ 1:8**)? [10]

## Аҳди Нав

Биёед бубинем, ки Аҳди Нав дар бораи ин мавзӯи муҳими ягонагӣ ва роҳбарии нав чӣ мегӯяд.

## Ягонагӣ

Ягонагӣ на фақат барои мардуми Худо дар Аҳди Қадим хеле муҳим буд. Он барои халқи Худо дар Аҳди Нав низ хеле муҳим аст.

Исо барои ҳамаи имондорон барои чӣ дуо гуфт (**Юҳанно 17:20–21**)? [11]

Исо барои муттаҳид шудани пайравонаш дуо кард.

Калисои имрӯза бояд дар муборизаамон бар зидди гуноҳ ва шайтон муттаҳид бошад. Худо мехоҳад, ки мо дар **якдиливу якҷоягӣ** хизмат кунем, то калисои Ӯ калон шавад. Мо бояд тамоми кӯшишро ба харҷ диҳем, то дар калисои худ ва бо калисоҳои дигар ягонагӣ дошта бошем.

## Даъвати 1

Бо кадом роҳ мо ягонагии худро вайрон карда метавонем? [12]

Барои зиёд кардани ягонагиамон мо чӣ кор карда метавонем? [13]

## Роҳбарияти нав

Худо сардор ва подшоҳи ҳақиқии исроилиён буд. Ба ҳамин монанд, Исо, Писари Худо, сардор ва подшоҳи ҳақиқии мост (Ваҳӣ 17:14).

Худо дар Аҳди Қадим барои халқаш роҳбаронро мебардошт ва Худо имрӯз ҳам барои қавми худ роҳбаронро мебардорад.

Тавре ки мо дар дарси 2 дидем роҳбарон вазифаи бузург доранд! Роҳбари калисо бояд чунин бошад:
- Каломи Худоро меомӯзад, ба он итоат мекунад ва таълим медиҳад;
- Бо фурӯтанӣ роҳбарӣ мекунад, ба аъзоёни калисо ҳамчун чӯпони ғамхор ва дилсӯз хизмат мекунад;
- Ба аъзоёни калисо ёрдам мекунад, ки он бахшоишҳое, ки Худо ба онҳо додааст, калон шавад;
- Ҳамаи одамонро бе рӯйбинӣ рӯҳбаланд мекунад.

Аммо инчунин роҳбарон бояд барои замоне тайёр шаванд, ки дигар роҳбар намешаванд.

Мо дидем, ки чӣ тавр Мусо Еҳушаъро барои роҳбари нав шудан тайёр кард. Акнун биёед дар Аҳди Нав бинем, ки Павлус ба Тимотиюс дар бораи тайёр кардани роҳбарони нав чӣ гуфт.

**2 Тимотиюс 2:2-ро** хонед. Павлус ба Тимотиюс чӣ кор карданро мегӯяд? [14]

## Тайёр кардани пешвоёни нав

Ҳамаи муаллимон бояд шогирдони худро тайёр кунанд, ки дигаронро таълим диҳанд.

Мусо Еҳушаъро тайёр кард, ки вазифаи роҳбарӣ кардани халқи Худоро ба ӯҳда гирад. Ба ҳамин монанд, ҳамаи роҳбарони калисо бояд роҳбарони ояндаро тайёр кунанд, ки як рӯз онҳоро иваз кунанд.

Роҳбарони бохирад ба роҳбарони оянда имконият медиҳанд, ки **пеш аз** маргашон роҳбариро ба ӯҳда гиранд! Пас, роҳбари нав метавонад дар ҳолати зарурӣ аз роҳбари пешина маслиҳат гирад. Аммо, ин танҳо он вақт нағз кор мекунад, ки ҳама (аз ҷумла роҳбари кӯҳна) дар хотир доранд, ки роҳбари кӯҳна дигар роҳбар нест! Муҳим аст, ки калисо роҳбари навро пурра дастгирӣ кунад, ҳамон тавре ки роҳбари кӯҳнаро дастгирӣ мекард.

Инчунин хуб аст, вақте ки роҳбарон аъзоёни калисоро барои таъсиси калисоҳои нав дар ҷойҳои дигаре, ки калисо нест, тайёр мекунанд.

## Эзоҳи муҳим дар бораи он ки чӣ гуна мо бо роҳбарон муносибат мекунем

Аъзоёни калисо бисёр вақт дар муносибаташон бо роҳбарони худ ду хато мекунанд:

### 1. Мо ба роҳбаронамон чунон нигоҳ мекунем, ки гӯё онҳо комил ҳастанд ва ҳамаи мушкилии моро ҳал карда метавонанд.

Мо бояд ҳамеша ин чизҳоро дар хотир дорем:
- роҳбарон танҳо инсонанд ва баъзан хато мекунанд;
- ҳатто Мусо ноком мешуд;
- танҳо Исо комил аст. Танҳо Ӯ метавонад моро наҷот диҳад ва ҳамаи мушкилии моро ҳал кунад!

## 2. Мо роҳбарони калисои худро эҳтиром намекунем.

- Дар Аҳди Нав кушоду равшан гуфта мешавад, ки мо бояд одамонеро, ки дар калисоамон ҳамчун роҳбарон хизмат мекунанд, эҳтиром ва итоат кунем (1 Таслӯникиён 5:12–13; Ибриён 13:17).
- Вақте ки мо роҳбарони калисоро беэҳтиромӣ мекунем ва итоат намекунем, калисо пароканда мешавад ва дар шаҳодаташ бесамар мегардад.

Мо, аъзоёни калисо, бисёр вақт дар муносибатамон ба роҳбарон кадом ду хато мекунем? [15]

# Даъвати 2



Новобаста аз он ки мо дар калисо роҳбар ҳастем ё не, ҳамаи мо бояд Каломи Худоро пайваста омӯзем. Оё шумо ҳамин хел Каломи Худоро мехонед, ки Худо ба Еҳушаъ фармуда буд (Еҳушаъ 1:8)?

Шумо кадом чизҳоро дигаргун карда метавонед, то ки Каломи Худоро зиёдтар хонда, дар бораяш фикр кунед?

Мо ин мавзӯи ягонагӣ ва роҳбарии навро ҷудо карда наметавонем:

- Агар дар калисо ягонагӣ бошад, роҳбарӣ кардани он хеле осонтар мешавад. Парокандагӣ роҳбариро душвор мегардонад.

- Агар роҳбарият нағз бошад, ба ягонагӣ расидан хеле осонтар мешавад. Дар ҳолати роҳбарияти суст ба ягонагӣ расидан душвор мешавад.

Ҳар як калисо дар роҳи он аст, ки як ҷомеаи муҳаббат ва муқаддасӣ шавад. Ҳеҷ як калисо дар ин ҳаёт ба камолот намерасад! Аммо мо бояд ҳар кори метавонистагиамонро кунем, то калисои мо дар муҳаббат ва муқаддасӣ калон шавад.

Аз ин рӯ, муҳим аст, ки мо ҳамеша барои калисои худ дуо гӯем, ки:
- роҳбарон хуб роҳбарӣ кунанд;
- калисо дар муҳаббаташ нисбати Исо ва якдигарамон якдил бошад.

## Худо шуморо дар ин дарс ба чӣ даъват мекард?

# Вазифаи хонагӣ

Пеш аз дарси оянда **боби 4-уми Такрори Шариатро** хонед.

# Ҷавобҳо

1 – Онҳо хоҳиш карданд, ки дар тарафи шарқии дарёи Урдун зиндагӣ кунанд. Онҳо намехостанд ба тарафи ғарбӣ гузаранд, ки ҳамон замине буд, ки Худо ба қавмаш ваъда дода буд.
2 – Мардҳо ваъда карданд, ки ҳамроҳи дигар исроилиён барои забт кардани замини ваъдашуда дар тарафи ғарбии дарёи Урдун меҷанганд. Танҳо дар он сурат онҳо ба назди занону фарзандони худ дар тарафи шарқ бармегарданд.
3 – Нисфи қабилаи Менашше.
4 – То ки замини ваъдашударо бинад.
5 – Ӯ Худоро ҷалол надод ва дастурҳои ӯро пурра иҷро накард: Худо гуфт, ки ба санг гап занад, лекин вай онро зад.
6 – Еҳушаъ.
7 – Мусо ба Еҳушаъ хотиррасон кард, ки ӯ худаш дид, ки чӣ тавр Худо ду подшоҳро дар тарафи шарқии дарёи Урдун мағлуб кард. Ба ҳамин монанд, Худо барои Еҳушаъ меҷангид, то ки ӯ ҳамаи қавмҳои тарафи ғарбии дарёи Урдунро забт кунад.
8 – Ӯ бояд ӯро тақвият медод ва рӯҳбаланд мекард.
9 – Ӯ бояд ҳамаи он чизҳоеро, ки Худо карда буд, хотиррасон мекард ва ӯро ба хондани Каломи Худо рӯҳбаланд мекард.
10 – Китоби Тавротеро, ки Мусо навишта буд, хонед. Дар бораи он сӯҳбат кунед. Шабу рӯз дар бораи он фикр кунед. Онро иҷро кунед. Он гоҳ шумо муваффақ хоҳед шуд.
11 – То ки ҳамаи онҳо як бошанд.
12 – Мисол:
- мо бештар ба роҳбарони калисо диққат медиҳем, на ба Масеҳ;
- мо фахр мекунем;
- мо бештар дар бораи худамон ва иҳтиёҷҳоямон фикр мекунем, на дар бораи чизҳое ки бадани Масеҳ даркор аст;
- мо ғайбат мекунем;
- мо ба дигарон суханони нохуш мегӯем;
- мо дар бораи дигарон суханони нохуш мегӯем;
- мо фикр мекунем, ки аз дигарон беҳтар ҳастем;
- мо хафа мешавем ва ба калисо омаданро бас мекунем.

13 – Мисол:
- мо бештар ба Масеҳ диққат медиҳем, на ба роҳбарони калисо;
- мо фурӯтан ҳастем ва барои ёд гирифтан кушода ҳастем;
- мо зиёдтар дар бораи он чизҳое фикр мекунем, ки барои бадани Масеҳ лозим аст, ва камтар дар бораи худамон фикр мекунем;
- мо аз гӯш кардани ғайбат худдорӣ мекунем;
- мо ба дигарон фақат суханони нек мегӯем;
- мо дар бораи дигарон танҳо суханони нек мегӯем;
- мо дигаронро аз худамон беҳтар мешуморем;
- мо ҳар бор ба ҷамъомад меоем, ҳатто вақте ки монда, серкор ё хафа ҳастем.

14 – Каломи Худоро ба одамони боваринок супоред, ки онҳо қобилият барои таълим додани дигаронро дошта бошанд.
15 – Мо бо роҳбарони худ чунон муносибат мекунем, ки гӯё онҳо комиланд ва метавонанд ҳамаи мушкилии моро ҳал кунанд. Мо роҳбарони калисоро эҳтиром намекунем.

Такрори Шариат — дарси 4:

# Ҳаётро интихоб кунед!



## **Боби 4:1–40** (қисми якум)

Дар ин дарс мо дар бораи он фикр мекунем, ки чӣ хел итоаткорӣ ин масъалаи ҳаёт ё марг аст.

Ин порчаи мавъизаи аҷоибе аст, ки Мусо ба исроилиён мавъиза кардааст. Ин одамоне буданд, ки Худо онҳоро аз ғуломӣ берун оварда буд, то онҳо халқи махсуси Ӯ шаванд. Пеш аз он ки ин мавъизаро хонем, биёед ба се фикри асосии он нигоҳ кунем.

Мо ин мавъизаро ба панҷ қисм тақсим карда метавонем. Қисми аввал ва охир чизҳои ба ҳам монанд ва қисми дуюм ва чорум ҳам ба ҳам монанд аст; мисли бисёр шеъру мавъизаҳои ибронӣ, фикри муҳимтарини он дар қисми миёна аст:

- оятҳои 1–4: **Итоаткорӣ** — исроилиён бояд ба аҳкомҳои Худо итоат кунанд, то баракати Ӯро гиранд.
- оятҳои 5–20: **Исроил фарқ мекунад** — исроилиён аз ҳамаи халқҳои дигар фарқ мекарданд, чунки Худо аз ҳамаи худоёни дигар фарқ мекунад.
- оятҳои 21–31: **Доварӣ ва марҳамат** — Худо Худои доварӣ ва марҳамат аст.
- оятҳои 32–38: (бори дигар) **Исроил фарқ мекунад**.
- оятҳои 39–40: (бори дигар) **Итоаткорӣ**.

Фикри муҳимтарин дар ин мавъиза чист (қисми миёна дар бораи чӣ гап мезанад)? [1]

Мо доварӣ ва марҳамати Худоро дар тамоми Китоби Муқаддас мебинем. Ин фикри муҳимтарин аст, ки мо бояд дар бораи Худо фаҳмем: Ӯ пок ва муқаддас аст ва бояд ҳама гуноҳҳоро доварӣ кунад. Аммо ҳатто ҳангоми доварӣ кардан, Ӯ марҳамати бепоён нишон медиҳад.

Халқи Худо бисёр вақт дар бораи Худо ду тасаввуроти нодуруст доранд:

- Худо парвое надорад, агар мо гуноҳ кунем;
- Агар мо гуноҳ кардем, дигар умед барои бахшида шуданамон нест.

Чаро Худо бояд доварӣ ва марҳамати худро таъкид кунад? [2]

Исроилиён ба осонӣ фикр мекарданд, ки акнун Худо онҳоро наҷот дод ва онҳо ҳар коре, ки мехоҳанд, карда метавонанд. Аммо Худо ба онҳо шариати комили худро дод, ки онҳо бояд иҷро кунанд!

Дар ин дарс мо якум қисми мавъизаи Мусоро меомӯзем: исроилиён бояд аҳкомҳои Худоро иҷро мекарданд, ки баракатҳои Худоро ба даст оранд. Мо ду қисми дигарро дар дарси оянда нигоҳ мекунем.

# Итоаткорӣ

**Такрори Шариат 4:1–4-ро** хонед.

Дар ин оятҳо мо ду фикреро мебинем, ки гӯё онҳо бо ҳам зиддият мекунанд:

- Худо заминро ба исроилиён медиҳад;
- Исроилиён бояд ба Худо итоат кунанд, то ки заминро ба даст оранд.

Худо чӣ кор мекунад (ояти 1)? [3]

Чӣ тавр исроилиён заминро ба даст меоранд (ояти 1)? [4]

Пас, оё замин тӯҳфа аст ё онҳо бояд онро бо итоаткориашон ба даст оранд?

Дар тамоми Китоби Муқаддас мо ин ду фикрро мебинем, ки ба назарамон ба якдигарашон муқобил аст: наҷот аз ғуломӣ ва замини ваъдашуда ройгон (тӯҳфа) буд; аммо халқи Худо бояд **ба Ӯ итоат кунанд**, то ин тӯҳфаро ба даст оранд.

Пеш аз он ки Худо исроилиёнро аз Миср берун орад, онҳоро аз фариштаи харобкунанда наҷот дод. Барои наҷот ёфтан исроилиён бояд чӣ кор мекарданд? **Хуруҷ 12:21–23-ро** хонед. [5]

Худо онҳоеро, ки итоат накарданд, наҷот надод!

## Аҳди Нав

Дар Аҳди Нав ҳам наҷот тӯҳфаи бепул аст, аммо мо бояд ба ҳар ҳол аҳкомҳои Худоро иҷро кунем. Вақте ки мо ба замини ваъдашудаи абадӣ (Ерусалими нав) меоем, ҳамаи мо ба пуррагӣ аҳкомҳои Худоро иҷро мекунем!

**Румиён 6:17–18-ро** хонед. Одамон ғуломи чӣ буданд? [6]

Пас, онҳо ғуломи чӣ шуданд? [7]

Як вақте онҳо ноумед буданд ва наметавонистанд худро аз гуноҳ кардан нигоҳ доранд. Акнун Исо онҳоро наҷот дод, пок кард ва бо Рӯҳи Муқаддас пур кард. Акнун онҳо метавонанд ҳаёти некӯкорӣ ва муҳаббат дошта бошанд ва Ӯро пайравӣ кунанд!

## Даъват

Оё одамон дида метавонанд, ки шумо ғуломи росткориву адолат ҳастед? Ё онҳо фикр мекунанд, ки шумо мисли онҳо ғуломи гуноҳ ҳастед?

Аз кадом ҷиҳат зиндагии шумо аз зиндагии беимонон дар гирду атрофатон фарқ мекунад?

# Ҳаёт



Дар Такрори Шариат 4:1 гуфта шудааст, ки натиҷаи итоаткории исроилиён чӣ хоҳад буд? [8]

Ба ояти 40 нигоҳ кунед. Мусо ба мардум чӣ ваъда медиҳад, агар онҳо ба Худо итоат кунанд? [9]

**Такрори Шариат 8:7–9-ро** хонед. Худо ба халқи худ чӣ гуна замин медиҳад? [10]

Худо мехоҳад ба онҳо дар замини ваъдашуда умри дароз ва фаровон диҳад! Аммо агар онҳо ба Худо бевафо бошанд, онҳо баръакси инро хоҳанд дошт.

**Такрори Шариат 4:3-ро** хонед.

Бути Баал Пеор худои ҳосилхезии мӯобиён буд. Канъониён ӯро бо бадахлоқии даҳшатнок парастиш мекарданд. Худо бо онҳое, ки бути Баал Пеорро саҷда мекарданд, чӣ кор кард? [11]

Дар охири китоби Такрори Шариат Мусо аз мардум даъват мекунад, ки интихоби дуруст кунанд.

**Такрори Шариат 30:15–20-ро** хонед. Мусо ба мардум чӣ интихоб пешниҳод мекунад? [12]

Ин қарори муҳимтарин аст, ки ба Худо итоат кунем ё не: ин масъалаи ҳаёт ва марг аст! Дар китоби Такрори Шариат Худо қавми худро борҳои зиёд даъват мекунад, ки ҳаёт интихоб кунанд.

### Аҳди Нав

**1 Юҳанно 5:11–12-ро** хонед. Худо ба мо чӣ додааст? [13]

Кӣ ҳаёти абадӣ дорад? [14]

## Ҳаёт

Мисли китоби Такрори Шариат калимаи «ҳаёт» дар Инҷили Юҳанно калимаи муҳим аст.

Масалан:

> *«Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки **ҳаёти** ҷовидонӣ ёбад»* (Инҷили Юҳанно 3:16).
>
> *«Исо ба онҳо гуфт: „Ман нони **ҳаёт** ҳастам“»* (Инҷили Юҳанно 6:35).
>
> *«Исо ба вай гуфт: „Ман роҳ ва ростӣ ва **ҳаёт** ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман;“»* (Инҷили Юҳанно 14:6).

**Мо ҳаёти ҷовидониро танҳо дар Исо пайдо карда метавонем, на ба воситаи каси дигар!**

Ҳаёти ҷовидонӣ ин баракат аст, ки Худо ба халқаш дар Аҳди Нав медиҳад. Ин ҳатто аз баракатҳои моддие, ки Худо ба исроилиён ҳангоми итоат карданашон дар Аҳди Қадим, беҳтар аст! Мо дар ин бора дар дарси 12 бештар фикр мекунем.

Дар дарси 11 мо инчунин дар бораи он гап мезанем, ки имрӯз кадом аҳкомҳоро бояд иҷро кунем. Дар айни замон, ҳамаи мо бояд он аҳкомро иҷро кунем, ки Худо ва якдигарро дӯст дорем (Матто 22:37–39)!

## *Огоҳии 1:* Каломи Худоро дигаргун накунед!

Дар **Такрори Шариат 4:2** чӣ гуфта шудааст, ки муносибатамон ба Каломи Худо чӣ хел бояд бошад? [15]

Баъзе одамон мехоҳанд Каломи Худоро тағир диҳанд. Онҳо мехоҳанд иҷро кардани он осонтар шавад. Онҳо мехоҳанд Худо ҳамин хел бошад, ки чӣ тавре ки хоҳанд ҳамин хел Ӯро ибодат кунанд. Аммо мо наметавонем интихоб кунем, ки кадом қисмҳои Каломи Худоро итоат кунем ва инчунин он қисмҳоеро, ки ба мо маъқул нест, нодида гирем.

Каломи Худо комил ва пурра аст. Мо набояд ба он илова кунем ё онро кам кунем. Мо тамоми маълумотро дар бораи Худо дорем, ки барои ҳаёти ҳозира ва ояндаамон даркор аст!

**Ваҳӣ 22:18–19-ро** хонед. Худо ба онҳое, ки мехоҳанд ба Каломи Худо илова кунанд ё он чизҳоеро, ки ба онҳо маъқул нест, аз Каломи Худо кам кунанд, чӣ мегӯяд? [16]

**Байни худатон муҳокима кунед:** Кадом фармонҳои Китоби Муқаддас барои шумо душвортар аст?

## *Огоҳии 2:* Ошкоршавии навро қабул накунед!

- Дар давоми тамоми таърих якчанд муаллимони динӣ бо китобҳои нав омадаанд. Китоби Муқаддас Каломи пурраи Худост. Он ба мо ҳама он чизеро мегӯяд, ки мо чӣ хел наҷот ёбем, ҳаёти ҷовидониро ба даст орем ва бо Худо муносибат дошта бошем.



- Одамони дигаре буданд, ки Китоби Муқаддасро аз рӯи ақидаҳои худ тағир додаанд. Китоби Муқаддас, ки мо дорем, тарҷумаи бовариноки дастнависҳои аслии аввалия аст!

Пас, агар касе ба мо гӯяд, ки Худо ба онҳо ошкоршавии нав додааст, мо набояд онро қабул кунем. Мо бояд ҳама вақт он чизеро, ки одамон ба мо ёд медиҳанд, бо он чизе, ки дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, **тафтиш кунем**.

Мо инчунин бояд **тамоми Каломи Худоро** донем. Дар давоми асрҳо бисёр калисоҳо зиёдтар ба як оят (ё якчанд оят) аз Китоби Муқаддас таваҷҷӯҳ карда, аз он қоида тартиб додаанд. Онҳо тафтиш накардаанд, ки оё ин қоида бо дигар қисмҳои Навиштаҷоти муқаддас мувофиқат мекунад ё не.

**Байни худатон муҳокима кунед:** Оё шумо ягон одамро мешиносед, ки мегӯяд, ки онҳо китобе доранд ва он каломи Худо аст, аммо он аз Китоби Муқаддас фарқ мекунад?

### Шумо дар ин дарс дар бораи Каломи Худо чӣ ёд гирифтем?

### Шумо ба одаме, ки худро масеҳӣ мегӯяд, лекин зиндагии «хуб» надорад, чӣ мегуфтед?

### Биёед барои якдигарамон дуо хонем, ки ҳаётро интихоб кунем!

## Вазифаи хонагӣ

**Такрори Шариат 4:1–40-ро** бори дигар хонед. Мо омӯзиши онро дар дарси оянда давом медиҳем.

# Ҷавобҳо

1 – Худо — Худои доварӣ ва марҳамат аст.
2 – Худо инро таъкид мекунад, чунки барои қавми Ӯ хеле осон аст, ки чунин фикр кунанд:
- Худо парвое надорад, агар мо гуноҳ кунем;
- Агар мо гуноҳ кардем, дигар умед барои бахшида шуданамон нест.

3 – Худо ба исроилиён замини ваъдашударо медиҳад.
4 – Ба воситаи итоат кардан ба аҳкому фароизи Худо.
5 – Онҳо бояд барраеро мекуштанд ва хуни ӯро ба паҳлӯдар ва болочӯби дари хона мемолиданд ва барраро мехӯрданд.
6 – Гуноҳ.
7 – Адолат.
8 – Онҳо зиндагӣ хоҳанд кард ва ба замини ваъдашуда медароянд ва соҳиби он мешаванд.
9 – Умри дароз дар ин сарзамин.
10 – Сарзамини аҷоиб бо дарёҳо, хоки ҳосилхез ва маъдан, ки онро кованд ва истифода баранд.
11 – Ӯ онҳоро нобуд кард.
12 – Ҳаёт ва шукуфоӣ ё марг ва харобӣ.
13 – Ҳаёти ҷовидонӣ.
14 – Шахсе, ки ба Писар, Исои Масеҳ, имон дорад.
15 – Онҳо набояд ба он илова кунанд ё аз он кам кунанд.
16 – Онҳо ҷазо дода мешаванд ва наметавонанд дар Ерусалими нав зиндагӣ кунанд.

## Такрори Шариат — дарси 5:

# Доварӣ ва марҳамат



## Такрори Шариат 4:1–40 (қисми дуюм)

Дар ин дарс мо дар бораи он фикр мекунем, ки халқи Худо аз дигар халқҳо аз кадом ҷиҳат фарқ мекунад. Мо инчунин дар бораи мавзӯҳои муҳим — довариии одилонаи Худо ва марҳамати беандозаи Ӯ — гап мезанем.

Дар дарси гузашта мо дидем, ки халқи Худо бояд ба Ӯ итоат кунад, то баракати Ӯро ба даст орад. Худо онҳоро аз ғуломӣ наҷот дода буд. Ӯ мехост ба онҳо замини ваъдашударо диҳад. Аммо исроилиён бояд барои дохил шудан ва дар замини ваъдашуда мондан бояд аҳкомҳои Худоро иҷро мекарданд.

### *Иловагӣ:* Такроркунӣ

Мо дидем, ки мавъизаро (Такрори Шариат 4:1–40) ба панҷ қисм тақсим кардан мумкин аст. Қисми аввал ва охир дар бораи як чиз аст ва қисми дуюм ва чорум тақрибан дар бораи як чиз аст. Мисли бисёр шеъру мавъизаҳои яҳудӣ, фикри муҳимтарин дар мобайни шеър ё мавъиза аст.

- оятҳои 1–4: **Итоаткорӣ** — исроилиён бояд ба аҳкомҳои Худо итоат кунанд, то баракати Ӯро ба даст оранд.
- оятҳои 5–20: **Исроил фарқ мекунад** — исроилиён аз ҳамаи одамони дигар фарқ мекарданд, зеро Худо аз ҳамаи худоёни дигар фарқ мекунад.
- оятҳои 21–31: **Доварӣ ва марҳамат** — Худо Худои доварӣ ва марҳамат аст.
- оятҳои 32–38: (боз) **Исроил фарқ мекунад**.
- оятҳои 39–40: (боз) **Итоаткорӣ**.

Фикри муҳимтарин дар ин мавъиза ва дар тамоми Китоби Муқаддас чист (дар қисми миёна чӣ гуфта мешавад)? [1]

Чаро лозим буд, ки Худо доварӣ ва марҳаматашро таъкид кунад? [2]

Барои исроилиён фикр кардан осон буд, ки агар Худо онҳоро наҷот дод, онҳо метавонанд ҳар коре, ки мехоҳанд, кунанд. Аммо Худо ба онҳо шариати комили худро дода буд, ки онҳо бояд ба он итоат мекарданд.

Мусо дар ин мавъиза се чизро таълим дод. Он чӣ аст? [3]

Дар ин дарс мо ба дуюм ва сеюм мавзӯи ин мавъиза нигоҳ мекунем.

# Исроил дигархел аст

**Такрори Шариат 4:5–20-ро** хонед.

Исроилиён аз ҳамаи халқҳои дигар фарқ мекарданд, чунки Худо аз ҳамаи худоёни дигар фарқ мекунад.

Аз кадом ҷиҳат хислати Худо аз худоёне, ки дигар халқҳо парастиш мекарданд, фарқ мекунад (оятҳои 7, 8, 12, 20)? [4]

ояти 7:

ояти 8:

ояти 12:

ояти 20:

Агар одамон каломи Худоро итоат мекарданд, натиҷаи он чӣ мешуд (оятҳои 6–7)? [5]

Худо на танҳо мехост, ки исроилиён Ӯро ибодат кунанд. Ӯ мехост, ки исроилиён барои ҳамаи халқҳо намунаи ибрат бошанд, то онҳо низ хоҳиш дошта бошанд, ки Худоро ибодат кунанд!

Ин аз аввал қисми нақшаи Худо буд. Вақте ки Худо ба Иброҳим ваъдаҳои аҷоиб дод, Худо ба ӯ гуфт, ки ҳамаи халқҳои рӯи замин ба воситаи ӯ баракат меёбанд (Ҳастӣ 12:3).

Ба ҳамин монанд, муҳаббати мо ба Худо ва итоаткунӣ ба каломи Ӯ намунаи ибрати калон барои ҳамаи халқҳо мешаванд. Бо ин роҳ, онҳо хоҳиш пайдо мекунанд, ки Исоро пайравӣ кунанд!

## Даъвати 1



Бисёр одамон назди Исо меоянд, чунки онҳо мебинанд, ки чӣ хел:
- Имондорон якдигарро дӯст медоранд ва
- Худо ба дуоҳои мо ҷавоб медиҳад.

Аммо агар одамон ин чизҳоро бинанд, онҳо ба назди Исо **намеоянд**:
- мо якдигарро дӯст намедорем;
- мо аз онҳое, ки аз мо дороии бештар доранд, ҳасад мебарем;
- мо ғайбат мекунем;
- мо дуо намехонем.

Пас, ин одамон ҳаёти ҷовидонӣ **намегиранд**.

Вақте ки мо ба каломи Худо итоат мекунем, ин ба беимонон чӣ хел таъсир мерасонад? [6]

Вақте ки мо ба каломи Худо итоат намекунем, ин ба беимонон чӣ хел таъсир мерасонад? [7]

Дар Такрори Шариат 4:10–14 дар бораи рӯзи ғайриоддӣ ба ёд мебиёрад, ки Худо худаш 40 сол пеш ба қавмаш Даҳ Аҳком дода буд. Мо мехонем, ки чӣ тавр Мусо дар боби 5-уми Такрори Шариат ба мардум Даҳ Аҳкомро хотиррасон кард. Одамон ҳеҷ вақт пеш аз ин чунин шариати хуб надоштанд. Ва аз он вақт инҷониб ҳеҷ кас натавонист онро беҳтар кунад!

Халқи Худо кадом корро набояд кунад (оятҳои 15–19)? [8]

Худо аз бутҳо чӣ фарқ дорад? Худо чӣ кор карда метавонад, ки бутҳо карда наметавонанд? [9]

Худо қавми худро аз халқи бутпараст наҷот дода буд. Акнун ӯ ба онҳо замини халқҳои бутпарасти дигарро медод. Аз ин рӯ, хеле муҳим буд, ки қавми Худо аз паси ин халқҳо сохтани бутҳо ва парастиши онҳоро такрор накунад.

## Даъвати 2

Кадом чизҳо барои мо мисли бут шуда метавонад? Кадом чизҳо барои мо васваса аст, ки аз Худо дида муҳимтар медонем? [10]

Оё муносибати шумо бо Худо аз муносибати шумо бо чизҳои зерин муҳимтар аст:
- оилаатон?
- хонаводаи шумо?
- кори шумо?
- пулатон?
- телефонатон?
- либосатон?
- натиҷаи имтиҳонатон?
- обрӯи шумо?

Чизҳое, ки мо «парастиш» мекунем, дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо чӣ гуна зоҳир мешавад? [11]

# Худо — Худои доварӣ ва марҳамат аст

**Такрори Шариат 4:21–31-ро** хонед. Ин қисми муҳимтарини мавзӯъ аст.

Дар оятҳои 21–24 Мусо мегӯяд, ки агар ӯ аз ҷазои Худо барои гуноҳаш халос нашуда бошад, пас қавми Худо албатта аз ҷазои гуноҳашон халос нахоҳад шуд!

Дар оятҳои 25–30 Мусо пешгӯӣ мекунад, ки қавми Исроил исён хоҳанд кард, бадарға хоҳанд шуд ва баъдтар ба замини худ бармегарданд. Ин дар асл баъдтар дар таърихи Аҳди Қадим рӯй дод.

Худо мегӯяд, ки қавмаш кадом гуноҳҳоро карда метавонанд (ояти 25)? [12]

Худо мегӯяд, ки агар онҳо ин гуноҳҳоро кунанд, бар сари мардум кадом ҷазоро мерасонад (оятҳои 26–28)? [13]

Худо чӣ ваъда медиҳад (оятҳои 29–31)? [14]

Шумо метавонед дар бораи ин рӯйдодҳо дар китобҳои таърихии Аҳди Қадим (Еҳушаъ, Доварон, 1–4 Подшоҳон, 1–2 Вақоеънома, Эзро ва Наҳемё) хонед.

Аҷиб аст, ки Худо медонист, ки қавми Ӯ то чӣ андоза гуноҳ мекунанд. Новобаста аз он ки онҳо чӣ қадар гуноҳ мекарданд, Худо тайёр буд, ки онҳоро бубахшад, агар онҳо тавба кунанд. Худо марҳамати беҳамто дорад!

Ин ғайриоддӣ аст, ки Худо, ки пок ва муқаддас аст, ба қавмаш ин қадар раҳмдил ва вафодор аст!

Ҳатто пас аз таҷрибаи даҳшатноки бадарға, исроилиён беитоатии худро нисбати Худо давом доданд. Онҳо наметавонистанд аз беитоатӣ ба аҳкомҳои комили Худо даст кашанд.

Дар давоми тамоми Аҳди Қадим мо мебинем, ки чӣ хел лозим буд, ки шахсе халқи Худоро наҷот диҳад — на танҳо аз ғуломӣ дар кишвари бегона, балки аз ғуломии гуноҳ, ки хеле бадтар буд.

## Аҳди Нав

Дар Аҳди Нав мо дар бораи он мехонем, ки чӣ хел Худо чунин наҷотдиҳандаро фиристод!

**Матто 1:20–21-ро** хонед. Худо ба Юсуф дар бораи он чизе, ки писари Марям, Исо, бояд мекард, чӣ гуфт? [15]

## *Иловагӣ:* Исо — ягона шахсе, ки моро наҷот дода метавонад!



Исо Писари Худо аст. Мо инро медонем, чунки:

- Ӯ аз Рӯҳи Муқаддас дар батни Марям пайдо шуд — Ӯ падари ҷисмонӣ надошт;
- Ӯ ҳеҷ гоҳ гуноҳ накардааст;

- Ӯ мӯъҷизаҳои зиёде нишон додааст, ки бисёриҳо шоҳиди он буданд;
- Се рӯз баъд аз маслуб шуданаш, Ӯ бо ҷисми навшуда ва абадӣ зинда шуд.

Вақте ки мо дар бораи марги Исо дар салиб мехонем, мо ҳам доварии Худо ва ҳам марҳамати Ӯро мебинем. Исо гуноҳҳои моро ба дӯши худ гирифт ва доварии Худоро барои он қабул кард. Пас, акнун Худо метавонад ба мо марҳамат кунад, чунки Исо ҷазоро барои гуноҳҳои мо гирифт!

Зиндашавии Исо ба мо нишон медиҳад, ки Ӯ шахсе аст, ки метавонад моро аз гуноҳ, марг ва худи шайтон наҷот диҳад!

Чил рӯз пас аз зинда шуданаш, Исо ба осмон рафта аз дасти рости Худо нишаст. Ҳоло Ӯ марҳамату бахшиши худро пешниҳод мекунад — аммо вақт кам аст! Ӯ ба наздикӣ ҳамчун довари тамоми замин бармегардад!

Пеш аз он ки Исо ба осмон рафт, Ӯ ба шогирдонаш дастури охирин дод ва суханони боби 4-уми Такрори Шариат истифода бурд. Ӯ мехост, ки онҳо аниқ донанд, ки Ӯ дар ҳақиқат Писари Худо аст!

**Такрори Шариат 4:39–40-ро** хонед. Кӣ тамоми қудратро дар замину осмон дорад? [16]

Халқи Ӯ бояд чӣ кор кунанд (ояти 40)? [17]

Онҳо бояд ба Ӯ итоат кунанд!

**Матто 28:18–20-ро** хонед. Ба кӣ тамоми қудрат дар замину осмон дода шудааст? [18]

Пас, имрӯз халқи Ӯ бояд чӣ кор кунанд (ояти 19)? [19]

## Даъвати 3

Мо бояд ҳамаи одамонро таълим диҳем, ки ба Исо итоат кунанд. Ӯ шахсе аст, ки тамоми қудратро дар замину осмон дорад! Ӯ шахсе аст, ки ҳамчун довари тамоми замин бармегардад!

Шумо чӣ хел дигаронро таълим медиҳед, ки ба довари тамоми замин итоат кунанд?

Шумо ҳафтаи гузашта бо кӣ дар бораи Исо сӯҳбат кардед?

### Барои иҷрои кадом аз ин се даъват дар ин дарс ба шумо ёрдами Худо даркор аст?

## Вазифаи хонагӣ

Пеш аз дарси оянда **Такрори Шариат 5:1–15-ро** хонед.

## Ҷавобҳо

1 – Худо Худои доварӣ ва марҳамат аст.
2 – Худо онро таъкид мекунад, чунки халқаш ба осонӣ чунин фикр мекунанд:
- Худо парвое надорад, агар мо гуноҳ кунем,
- Агар мо гуноҳ кардем, дигар умед барои бахшида шуданамон нест.

3 – **Итоаткорӣ** — исроилиён бояд ба аҳкомҳои Худо итоат кунанд, то баракати Ӯро ба даст оранд.
**Исроил фарқ мекунад** — исроилиён аз ҳамаи одамони дигар фарқ мекарданд, зеро Худо аз ҳамаи худоёни дигар фарқ мекунад.
**Доварӣ ва марҳамат** — Худо Худои доварӣ ва марҳамат аст.
4 – Худо ба мо наздик аст ва дуоҳои моро мешунавад (ояти 7).
Худо ба қавми Худ аҳкомҳои нек дод, ки онҳоро иҷро кунанд (ояти 8, 13).
Худо гап мезанад, аммо қавми Ӯ ҳеҷ гоҳ Ӯро надиданд (ояти 12).
Худо қавмашро аз ғуломии даҳшатнок наҷот дод (ояти 20).
5 – Хираду фаҳмишашон зиёдтар мешавад.
Дигарон онҳоро ва аҳкомҳои Худоро эҳтиром мекунанд.
Дигарон мебинанд, ки чӣ хел Худо ба онҳо наздик аст ва ба дуоҳояшон ҷавоб медиҳад.
6 – Беимонон ба Исо ҷалб мешаванд ва имконият пайдо мекунанд, ки ҳаёти абадӣ гиранд.
7 – Беимонон ба Исо ҷалб намешаванд ва имконият надоранд, ки ҳаёти абадӣ гиранд.
8 – Онҳо набояд бут созанд ва ба онҳо саҷда накунанд.
9 – Бар хилофи бутҳо, Худо метавонад қавми худро бубинад, ба онҳо сухан гӯяд, ҳаракат кунад, чизҳои навро офарад, наҷот диҳад ва онҳоро тағир диҳад ва ба дуоҳои онҳо ҷавоб диҳад!
10 – Мисол:
- фарзандони мо;
- шахсони муҳим ё машҳур;
- дастаҳои футбол;
- одамоне, ки фавтидаанд;
- телефонҳо;
- хонаҳо;
- обрӯи мо (аз ҷумла чанд лайк дар шабакаҳои иҷтимоӣ ё чати гурӯҳӣ дорем).

11 – Мо ҳама вақт дар бораи он фикр мекунем, ҳама вақт дар бораи он гап мезанем, онро таъриф мекунем, мехоҳем бо он вақти зиёд гузаронем ва агар натавонем, хашмгин мешавем.
12 – Онҳо метавонанд фасодкор шаванд, бутҳо созанд ва бадӣ кунанд.
13 – Онҳо аз замин нобуд мешаванд, вайрон мешаванд, дар байни қавмҳо пароканда мешаванд, онҳо худоёни сохташударо парастиш мекунанд, ки ба онҳо ёрдам карда наметавонанд.
14 – Агар онҳо Худоро бо тамоми дилу ҷонашон ҷӯянд, Ӯро хоҳанд ёфт; Худо онҳоро тарк намекунад ва нобуд намекунад. Ӯ аҳдеро, ки бо Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб баста буд, фаромӯш намекунад (Ҳастӣ 12:1–3; 26:3–4; 28:14–15; 50:24).

15 – Ӯ қавми Худро аз гуноҳҳояшон наҷот медиҳад.
16 – Худованд.
17 – Онҳо бояд аҳкому фароизи Ӯро риоя кунанд.
18 – Исо.
19 – Ба мардуми ҳамаи халқҳо таълим диҳанд, ки ҳамаи чизҳоеро, ки Исо ба мо фармудааст, иҷро кунанд.

Такрори Шариат — дарси 6:

# **Даҳ аҳком** (қисми 1)



Дар ин дарс мо дар бораи он фикр мекунем, ки чӣ хел Худоро дӯст дорем.

## Чаро мо итоат мекунем

**Такрори Шариат 5:1–15-ро** хонед.

Исроилиён зери ҳукмронии фиръавн ғуломони ноумед буданд. Онҳо тамоман наметавонистанд худро наҷот диҳанд. Ва онҳо ҳеҷ коре накарданд, ки сазовори наҷот шаванд. Бо вуҷуди ин, Худо қарор карда буд, ки онҳоро наҷот диҳад ва ба онҳо замин диҳад.

Яъне, онҳо бояд аҳкомҳои Худоро итоат мекарданд, зеро Ӯ онҳоро наҷот дод ва онҳо қавми Ӯ буданд. Ӯ сардор ва подшоҳи нави онҳо буд!

Пеш аз он ки Худо ба қавмаш даҳ аҳкомро диҳад (ояти 6) чӣ гуфт? [1]

Чаро Ӯ инро гуфт? [2]

Худо сардор ва подшоҳи нави онҳо буд!

### Аҳди Нав

Мо монанди исроилиён ҳеҷ коре накардаем, ки сазовори наҷот бошем. Мо гунаҳкорони ноумед зери қудрати шайтон будем. Мо тамоман наметавонистем худро наҷот диҳем. Бо вуҷуди ин, Исо моро наҷот дод ва ба мо ҳаёти ҷовидонӣ дод! Акнун мо соҳиб ва подшоҳи нав дорем!

Аз кадом ҷиҳат вазъияти мо ба вазъияти исроилиён монанд аст? [3]

**Матто 22:37–40-ро** хонед.

Исо, ҳуҷаини навамон, кадом ду аҳкоми муҳимтаринро бароямон гуфт? [4]

Хабари хуш ин аст, ки Исо ба мо Рӯҳи Муқаддасро медиҳад, то ки мо аҳкомҳои Ӯро риоя кунем!

Акнун мо даҳ аҳкомро, ки Худо ба Мусо додааст, меомӯзем. Мо нигоҳ мекунем, ки ҳамаи ин дар бораи он аст, ки чӣ хел Худоро ва ёри худро дӯст дорем. Аз ин сабаб, ҳамаи имондорон имрӯз бояд даҳ аҳкомро риоя кунанд.

# Чор аҳкоми аввал

Чор аҳкоми аввал моро ёд медиҳад, ки чӣ хел Худоро дӯст дорем.

**Аҳкоми аввал** чист (Такрори Шариат 5:7)? [5]

Танҳо Худо сазовори садоқати пурраи мост.

Агар мо чизе ё касеро дошта бошем ва он барои мо аз Худо дида муҳимтар бошад, пас он бароямон мисли худо мешавад.

Чӣ хел мо ба аҳкоми аввал беитоатӣ карда метавонем?

## Даъвати 1

**Санҷида бинед, ки оё телефонатон барои шумо аз Худо дида муҳимтар аст:** оё шумо ҳангоми дуо гуфтан ё дар ҷамъомади калисо ба телефон ҷавоб медиҳед ва паёмҳои навро мехонед? Агар ин тавр бошад, ин нишон медиҳад, ки телефонатон ва муносибатҳои шумо бароятон аз Худо муҳимтар аст. Иҷозат надиҳед, ки телефонатон шуморо аз гузарондани вақт бо Худо парешон кунад! Телефонро хомӯш кунед — ин на фақат ба шумо, балки ба дигар одамон дар ҷамъомад халал мерасонад.

Мо набояд худоёни дигарро парастиш кунем. Ҳамаи худоёни дигар худоёни бардурӯғ аст.

## Худоёни бардурӯғ

- Худои бардурӯғ ин он аст, ки **мо ӯро шинохта наметавонем**. Ҳамон тавре ки падари нағз мехоҳад бо фарзандонаш вақт гузаронад, Худо низ мехоҳад бо мо вақт гузаронад. Ӯ ин корро ба воситаи Каломи Худ ва Рӯҳи Муқаддас мекунад, то мо Ӯро шиносем.

- Дигар худои бардурӯғ он аст, **вақте ки мо фикр мекунем, ки мо ба ӯ дуо хонда метавонем то бароямон ягон корро иҷро кунад**. Баъзе одамон фикр мекунанд, ки агар онҳо барои Худо ягон корро кунанд, Ӯ бояд барои онҳо ягон корро кунад. Китоби Муқаддас ба мо ёд медиҳад, ки Худо аллакай моро пурра дӯст медорад ва ҳатто зиёдтар аз беҳтарин падари заминӣ моро дӯст медорад. Мо наметавонем муҳаббати Ӯро харидорӣ кунем — мо метавонем ба муҳаббаташ танҳо бо парастишу итоаткорӣ ҷавоб диҳем.

Баъзе одамон ба калисо пул медиҳанд ва фикр мекунанд, ки Худо дар ивазаш барои онҳо кореро мекунад: онҳо мехоҳанд, ки Худо ба дуоҳои онҳо ҷавоб диҳад ё ба онҳо пули бештар баргардонад.

Агар мо кӯшиш мекунем, ки баракати Худоро харидорӣ кунем, ин нишон медиҳад, ки мо он кори аҷоиберо, ки Ӯ бароямон кардааст, нафаҳмидем. Ин маънои онро дорад, ки мо Худои ҳақиқиро парастиш намекунем, балки худои бардурӯғро парастиш мекунем.



Агар мо Худои ҳақиқиро парастиш кунем, мо саховатмандона барои Ӯ ҳадия медиҳем. Мо муҳаббати худро ба Худо нишон медиҳем, чунки Ӯ ба мо тӯҳфаи азизтаринро дод: ҳаёти ҷовидонӣ дар Исои Масеҳ!

Мо бояд сахт кӯшиш кунем, ки Худоро шиносем, то Худои ҳақиқиро парастиш кунем, на худои бардурӯғро!

**Аҳкоми дуюм** чист (Такрори Шариат 5:8–10)? [6]

- Дар бисёр ҷойҳо **одамон тасвирҳои Худо ё худоёни дигарро сохтанд**. Мо набояд Худоро ба ягон чизе, ки дида метавонем, табдил диҳем. Ҳайкал ё тасвир пурра Худоро ифода карда наметавонад — агар мо фикр кунем, ки метавонем Ӯро дар шакли ҷисмонӣ ифода кунем, ин Худоро meranҷонад. Ин кори нодуруст аст.

  Мушкилии парастиши бутҳое, ки бо даст сохта шудаанд, чист? [7]

- Дар ҷаҳон мо дар куҷо тасвирҳои Худоро мебинем (**Ҳастӣ 1:26**)? [8]

  Мо набояд **одамонро** парастиш кунем — хоҳ онҳо президент бошанд, хоҳ сароянда, хоҳ ҳоҷӣ, хоҳ мулло, аҷдод ё одамони гузашта.

## Даъвати 2

Оё мо бут дорем? Оё мо барои муҳофизатамон ҷоду мекунем ё тӯмор мепӯшем? Ин барои мо мисли бут аст. Танҳо Худо моро муҳофизат карда метавонад. Худоро наранҷонед!

Бо кадом роҳҳо мо аҳкоми дуюмро вайрон карда метавонем? [9]

## *Иловагӣ:* Оқибат барои кӯдакон



**Такрори Шариат 5:9–10-ро** хонед. Шояд мо ҳайрон мешавем, ки Худо се ё чор наслро ҷазо медиҳад. Аммо одатан дар он замон се ё чор насл якҷоя зиндагӣ мекарданд, мисли он, ки ҳоло дар бисёр кишварҳои ҷаҳон аст. Агар кӯдакон дар гуноҳҳои падару модарашон шарик набошанд, Худо

онҳоро ҷазо намедиҳад. Аммо одатан онҳо дар гуноҳҳои падару модарашон шарик мешаванд — фарзандон ҳамон кореро, ки аз калонсолони оила дидаанд, давом медиҳанд!

Гуноҳҳоямон на фақат зиндагии худи моро вайрон мекунад, балки зиндагии фарзандону набераҳои моро ҳам вайрон мекунад. Оё шумо мисоли инро нақл карда метавонед?

Аммо, бар хилофи ин, муҳаббати Худо чӣ қадар давом мекунад? [10]

Нишон додани муҳаббат ба ҳазор насл маънои онро дорад, ки муҳаббати Худо абадӣ боқӣ мемонад — шумо ҳазор наслро шумурда наметавонед!

**Аҳкоми сеюм** чист (Такрори Шариат 5:11)? [11]

Вақте ки Мусо аз Худо номашро пурсид, Худо кадом номро гуфт (Хуруҷ 3:13–14)? [12]

Дар забони ибронӣ номи Худо *Яҳве (Yahweh)* аст. Дар Аҳди Қадим он ҳамчун Худованд тарҷума шудааст.

Мусо шараф дошт, ки Худо номашро ба ӯ гуфт. Ном ва хислати шахс хеле муҳим аст. Ин даҳшатнок аст, вақте ки дар бораи ном ё хислати ягон шахс гапҳои бад гуфта мешавад ё нодуруст истифода мешавад.

Номи Худо арзишманд аст! Исроилиён он қадар номи Худоро ҳифз мекарданд, ки онро кам ба забон мегирифтанд.

Мо бо роҳҳои гуногун аҳкоми сеюмро вайрон карда метавонем:

- Канъониён номҳои худоёни худро барои **лаънатҳо** ва ҷодугарӣ бар зидди одамоне, ки нафрат доштанд, истифода мебурданд. Худо ба исроилиён гуфт, ки номи Ӯ ҳеҷ гоҳ набояд ба ин тарз истифода шавад. Ҳамаи ин амалҳо манъ карда шуда буданд (Такрори Шариат 18:9–13).

- **бо амал ва сухани худ:** чунон ки ҳаввориӣ Павлус навиштааст: *«Бо шариат меболӣ, вале шариатро вайрон карда, обрӯи Худоро мерезонӣ! Зеро ки ба туфайли шумо, чунон ки навишта шудааст, дар миёни халқҳо исми Худоро хор медоранд»* (Румиён 2:23–24). Агар мо гӯем, ки мо халқи Худо ҳастем, бояд инро бо муҳаббатамон ба Худо ва одамон нишон диҳем. Амалҳои мо бояд бо суханонамон мувофиқат кунад.

- Ба ғайр аз ин одамон боз чӣ хел номи Худоро нодуруст истифода мебаранд, махсусан вақте ки корашон бад мешавад? [13]

Аммо вақте ки корҳо хуб пеш мераванд, одамон одатан Худоро ҳамду сано намегӯянд.

Мо дар кадом ҳолатҳо набояд номи Худоро беҳуда ба забон орем? [14]

## *Иловагӣ:* Қасамхӯрӣ

Дар замони Аҳди Қадим одамон дар парвандаи судӣ ба номи худои худ қасам мехӯрданд, то нишон диҳанд, ки гапашон рост аст. Канъониён ба номи худоёни худ қасам мехӯрданд, аммо онҳо бисёр вақт дурӯғ мегуфтанд.

Бо вуҷуди ин, Худо ба мардуми худ гуфт, ки қасамҳои худро танҳо ба номи Ӯ бихӯранд ва рост гӯянд (Такрори Шариат 6:13; 5:20).

Дар Аҳди Нав Исо ёд медод, ки беҳтар аст, ки тамоман қасам нахӯрем. *Бигзор «бале» гуфтани шумо дар ҳақиқат «бале» бошад ва «не» гуфтани шумо «не» бошад, вале он чи зиёдатӣ мегӯед, аз шайтон бармеояд* (Матто 5:37). Ӯ дар бораи қасамхӯрӣ дар ҳаёти ҳаррӯза сухан мегуфт. Дар муносибатамон бо дигарон мо бояд фақат чунин гӯем: «Бале, ман ин корро мекунам» ё «Не, ман ин корро намекунам» (Матто 5:37). Аммо, дар баъзе ҳолатҳои ҳуқуқӣ, ба монанди дар додгоҳ ё ҳангоми хизмати ҳарбӣ, шояд зарур шавад, ки қасам хӯред, то ҳама донанд, ки шумо барои ӯҳдадории хизмат кардан ё гуфтани ҳақиқат ҷиддӣ ҳастед. Дар ин ҳолат қасам хӯрдан барои изҳори садоқат ба ватан ё ҳукумат гуноҳ нест. Чунон ки ҳаворӣ Павлус навишта буд: «*Ҳар шахс бояд ба ҳокимиятҳои боло итоат кунад; зеро ҳеҷ ҳокимияте нест, ки аз Худо набошад, ва ҳокимиятҳои мавҷуда аз ҷониби Худо барқарор шудаанд*» (Румиён 13:1).

**Аҳкоми чорум** чист (Такрори Шариат 5:12–15)? [15]

Одамон бояд чиро дар хотир дошта бошанд (ояти 15)? [16]

Ғуломон бояд ҳар рӯз кор мекарданд. Аммо Худо мардуми худро ОЗОД кард ва акнун онҳо дигар ғулом нестанд! Пас, онҳо набояд мисли ғуломон рафтор кунанд, ки рӯзи истироҳат надоранд. Онҳо бояд озодии худро ҷашн гиранд ва ҳар ҳафта як рӯзи пурраи истироҳат гиранд.

Агар мо як рӯз истироҳат кунем, ин нишон медиҳад, ки мо ба Худо такя мекунем, на ба қувваи худ. Агар мо ҳар рӯз, ҳафт рӯз дар як ҳафта кор кунем, ин нишон медиҳад, ки мо ба Худо такя намекунем — мо барои пур кардани ҳама ниёзҳои худ ба қувваи худ такя мекунем. Мо бояд ёд гирем, ки ба Худо такя кунем!

Мо ин рӯзро бо бисёр роҳҳои нағз истифода бурда метавонем. Ин вақти хуб аст, ки бо имондорон вохӯрем ва бо оила ва наздикон вақт гузаронем.

Роҳбарони калисо инчунин бояд ҳар ҳафта як рӯз истироҳат кунанд. Азбаски онҳо рӯзҳои якшанбе сахт меҳнат мекунанд, онҳо бояд рӯзи дигар истироҳат кунанд. Онҳо бояд ба ҳама гӯянд, ки дар ин рӯз набояд ба онҳо занг зананд, фақат агар ҳолати фавқулодда бошад. Бо ҳамин роҳ, онҳо метавонанд худро аз хастагӣ ва ғамгинӣ муҳофизат кунанд. Онҳо метавонанд беҳтар хизмат кунанд, агар ҳар ҳафта як рӯзи истироҳат дошта бошанд.

Муносибати мо бо Худо ва бо одамон аз кор муҳимтар аст!

Агар мо рӯзи шанберо (шаббатро) дар хотир дошта бошем ва онро муқаддас нигоҳ дорем, ин чӣ хел ба мо ёрдам мекунад, ки Худоро дӯст дорем? [17]

## Даъвати 3

Оё шумо ҳар ҳафта як рӯз аз кор истироҳат мегиред? Агар ҳа, оё шумо онро истифода мебаред, ки муносибататон бо Худо калон шавад?

**Ба фикри шумо, иҷро кардани кадом аз ин чор аҳком барои масеҳиён душвортар аст?**

**Барои кадом аз се мушкилӣ ба шумо ёрдами Худо даркор аст?**

**Худо ба шумо чӣ нишон дод, ки шумо бояд барои он тавба кунед?**

Ҷалол ба Худо, ки Ӯ ҳамаи онҳоеро, ки гуноҳҳои худро эътироф мекунанд, аз рӯи файзаш мебахшад! (1 Юҳанно 1:8–9)

Барои якдигаратон дуо гӯед, то *Худованд Худои худро бо* ***тамоми*** *дили худ, ва бо* ***тамоми*** *ҷони худ, ва бо* ***тамоми*** *қуввати худ дӯст доред* (Такрори Шариат 6:5).

## Вазифаи хонагӣ

Пеш аз дарси оянда **Такрори Шариат 5:16–21-ро** хонед.

# Ҷавобҳо

1 – *Ман Худованд Худои ту ҳастам, ки туро аз замини Миср, аз хонаи ғуломӣ берун овардам*
2 – Онҳо бояд ба аҳкомҳои Худо итоат кунанд, зеро Ӯ онҳоро наҷот дода буд ва онҳо қавми Ӯ буданд.
3 – Мисли исроилиён, мо ҳеҷ коре накардаем, ки сазовори наҷот бошем. Мо гунаҳкорони ноумед ва зери қудрати шайтон будем. Мо тамоман худро наҷот дода наметавонистем. Бо вуҷуди ин, Исо моро наҷот дод ва ба мо ҳаёти ҷовидонӣ дод! Акнун мо соҳиб ва подшоҳи нав дорем!
4 – Худованд Худои худро бо тамоми дил ва бо тамоми ҷони худ ва бо тамоми ақли худ дӯст дор ва ёри худро мисли худ дӯст дор.
5 – *Туро худоёни дигар, ҷуз Ман, набояд бошад.*
6 – Барои худ сурат насоз ва ба он саҷда накун.
7 – Бут наметавонад Худоро ифода кунад — агар мо фикр кунем, ки метавонем Худоро дар шакли ҷисмонӣ ифода кунем, ин Худоро меранҷонад.
8 – Ҳамаи одамон ба сурати Худо офарида шудаанд!
9 – Мо аҳкоми дуюмро вайрон мекунем, вақте ки мо тасвирҳои сохтаи одамро парастиш мекунем ё вақте ки ба одамон (зинда ё мурда) парастиш мекунем ё дуо мекунем, ё вақте ки барои муҳофизати худ аз сеҳру ҷоду истифода мебарем.
10 – Барои ҳазор насл!
11 – *Исми Худованд Худои худро беҳуда ба забон нагир...*
12 – *Ман ҳамон касе ҳастам, ки ҳастам.*
13 – Онҳо вақте ки корашон нодуруст мешавад, Худоро айбдор мекунанд («Ё Худо!»).
14 – Мо набояд номи Худоро барои лаънат ё ҷодугарӣ истифода барем.
Мо набояд бо гуноҳамон номи Худоро шарманда кунем.
Мо набояд номи Худоро барои дашном истифода барем.
15 – Рӯзи шанберо (шаббатро) дар хотир доред ва онро муқаддас нигоҳ доред.
16 – Ба онҳо гуфта шуд, ки онҳо дар хотир доранд, ки онҳо ғулом буданд ва Худо онҳоро озод карда буд.
17 – Мо метавонем бо Худо вақт гузаронем ва бо имондорон ҷамъ шавем.

Такрори Шариат — дарси 7:

# **Даҳ аҳком** (қисми 2)



**Дар ин дарс мардон ва занон бояд дар гурӯҳҳои ҷудогона хонанд.**

Дар дарси гузашта мо чор аҳкоми аввалро дидем, ки ба мо тарзи дӯст доштани Худоро меомӯзонанд. Дар ин дарс мо ба шаш аҳкоми дигар нигоҳ мекунем. Онҳо ба мо тарзи дӯст доштани якдигарро меомӯзонанд.

Агар мо аввал Худоро дӯст надорем (чор аҳкоми аввал), мо якдигарро дӯст дошта наметавонем (шаш аҳкоми дигар).

**Такрори Шариат 5:16–21-ро** хонед.

## Тартиб аз рӯи аҳамият



Тартиби даҳ аҳком ба мо нишон медиҳад, ки барои Худо чӣ муҳимтар аст:

- Муносибати мо бо Худо барояш аҳамияти бештар дорад.
- Баъд аз он, дуюм чизи муҳимтарин ин муносибати мо бо якдигарамон аст.
- Аҳамияти дорои мо бояд танҳо баъд аз ин ду чиз бошад.

Аммо, бисёр вақт мо ин чизҳоро бо тартиби **баръакс** мебинем:

- Дороиҳои мо бароямон аз ҳама чизи дигар муҳимтар аст.
- Пас, мо ба муносибат бо якдигарамон аҳамият медиҳем.
- Ва ба муносибатамон бо Худо қариб аҳамият намедиҳем!

Агар мо он чизҳоеро қадр кунем, ки Худо бештар қадр мекунад, мо шодӣ ва сулҳу осоиштагӣ хоҳем дошт. Аммо агар мо арзишҳои Худоро чаппа кунем, ҳеҷ гоҳ сулҳу осоиштагии ҳақиқиро нахоҳем дид.

Кадом чизҳо аз рӯи тартиби Худо бояд бароямон муҳим бошанд? [1]

**Такрори Шариат 5:16-ро** хонед. Аҳкоми панҷум чист? [2]

Фарзандон бояд ба падару модарашон итоат кунанд (Эфсӯсиён 6:1). Фарзандони калоншуда бояд падару модарашонро эҳтиром кунанд (Такрори Шариат 5:16) ва дар ҳолати зарурӣ онҳоро таъмин кунанд (1 Тимотиюс 5:8).

Падару модарон бояд фарзандонашонро ёд диҳанд, ки ба онҳо итоат кунанд, ҳам ба падар ва ҳам ба модар. Ҳам писарон ва ҳам духтарон бояд ба падару модарашон итоат кунанд. Тарбияи фарзандонатон аз хурдӣ сар мешавад, ҳатто пеш аз он ки онҳо гап заданро ёд гиранд!

Падару модарони хуб барои тамоми оилаашон, аз ҷумла фарзандон, чизи беҳтаринро мехоҳанд. Барои падару модари хуб будан, падару модар бояд якдигарро дӯст доранд ва эҳтиром кунанд. Кӯдакон он чизҳоеро, ки дар рафтори падару модарашон мебинанд, такрор мекунанд. Агар падар ҳамеша ба модар дод занад, фарзандон низ ин корро ёд мегиранд. Агар модар ҳамеша падарро танқид кунад, фарзандон низ ин корро ёд мегиранд.

Падару модари комил нест. Афсус, вақтҳое мешаванд, ки падару модарон аз фарзандонашон мехоҳанд, ки онҳо кори нодуруст кунанд. Дар Аъмол 4:19 дар ин бора ба мо чӣ гуфта шудааст? [3]

# Муҳокима

Пас, имондорони калонсол нисбати падару модарашон чӣ тавр бояд муносибат кунанд?

## 1. Оиди пул:

- Вақте ки падару модарон ба мо мегӯянд, ки мо ҳафт рӯз дар ҳафта кор кунем, то пули бештар кор кунем, мо чӣ кор бояд кунем?
- Вақте ки онҳо мехоҳанд, ки мо ба хориҷа барои кор кардан равем ва ба онҳо пул фиристем, мо чӣ кор бояд кунем?
- Вақте ки онҳо мехоҳанд, ки мо барои он чизҳое, ки бароямон муҳим нестанд, пул кор кунем, мо бояд чӣ кор кунем?

Мо метавонем бо падару модарамон кушоду равшан дар бораи ҳиссиёти худ сӯҳбат кунем: мо онҳоро дӯст медорем, аммо мо нороҳат мешавем аз барои он ки онҳо мехоҳанд, ки мо ин қадар сахт меҳнат кунем ва солҳои зиёд фарзандонамонро набинем.

Барои пул кор кардан дар он ҷое, ки ҳастанд, онҳо чӣ фикр доранд?

Мисол:

- Оё падару модарамон метавонанд як мағозаи хурде кушоянд ва молҳоеро фурӯшанд, ки ягон кас ба онҳо фиристода метавонад?
- Оё онҳо метавонанд дигаронро ягон маҳорат ё ҳунарро омӯзонанд?

- Оё падару модарамон метавонанд фарзандони дигаронро нигоҳубин кунанд, вақте ки онҳо ба кор меравáнд?
- Шумо боз кадом фикр пешниҳод карда метавонед?

## 2. Оиди хушунат дар хонавода:

- Агар ягон нафар дар оилаамон нисбати шахси дигар рафтори бад кунад, мо чӣ кор бояд кунем?

Хонаи хуб ин ҷои бехатар барои ҳар як узви оила аст. Ҳифзи худатон ё дигарон аз зарар шармовар нест.

Агар узви калисо дар хонааш дар вазъияти хатарнок қарор дошта бошад, калисо бояд дар бораи таъмини ҷои бехатар барои онҳо чораандешӣ кунад.

**Такрори Шариат 5:17-ро** хонед. Аҳкоми шашум чист? [4]

Шояд шумо фикр кунед, ки ҳеҷ гоҳ ин аҳкомро вайрон накардаед. Аммо...

**Матто 5:21–22-ро** хонед. Ин дар бораи хашмгин буданамон бар зидди ягон одам чӣ мегӯяд? [5]

# Даъвати 1-ум

Оё касе ҳаст, ки шумо аз ӯ хашмгин ҳастед? Аз Худо хоҳиш кунед, ки ба шумо барои бахшидани он одамон кумак кунад, то аз занҷири хашм, ки дилатонро бастааст, озод шавед!

Муҳим аст, ки мо дарк кунем, ки исқоти ҳамл ҳам куштор аст, ҳатто агар ба назар чунин расад, ки барои он сабаби асоснок ҳаст. Масалан, вақте ки кӯдак натиҷаи таҷовуз ба номус аст ё кӯдак мушкили ҷисмонӣ дорад, исқоти ҳамл кардани кӯдак гуноҳ аст. Кӯдакон тӯҳфаи Худо ҳастанд. Мо бояд ба Худо бовар кунем, ки Ӯ ба мо тамоми файзи даркориро барои нигоҳубини ҳар намуди кӯдаке медиҳад, ки Ӯ ба мо тӯҳфа дод.

Агар мо ё ҳамсарамон исқоти ҳамл карда бошем, мо бояд се чизро донем:

- Худо моро бар ҳар ҳол дӯст медорад ва тайёр аст моро бубахшад.
- Худо фарзанди моро дӯст медорад ва фарзандамон моро дар осмон интизор аст.
- Худо мехоҳад моро аз ҳисси айб ва гуноҳҳои гузаштаамон озод кунад.

Бо ҳисси айб ва ғамгинӣ аз он, ки ҷони фарзандатонро гирифтед, зиндагӣ накунед.

Биёед як дақиқа истем ва дар оромӣ барои бахшиш дуо гӯем, агар:

- мо нисбати ягон одам нафрат дошта бошем,
- мо исқоти ҳамл карда бошем.



Дуо гӯед, ки мо муҳаббат ва бахшиши аҷиби Худоро ёбем!

**Такрори Шариат 5:18-ро** хонед. Аҳкоми ҳафтум чист? [6]

Ҳар гуна алоқаи ҷинсӣ, ки берун аз издивоҷ аст — байни як мард ва як зан — нодуруст аст.

Ҷуфтҳои оилаи ҷавон пеш аз издивоҷ набояд якдигарро бӯса кунанд ё ба якдигарашон даст расанд. Чунон ки Павлус навишта буд: «*Инак, ҳеҷ гуноҳи ҷинсӣ... дар байни шумо ҳатто набояд зикр шавад*» (Эфсӯсиён 5:3).

Одамони ҷавон набояд ба назди фоҳиша раванд, то ки тарзи шавҳар буданро омӯзанд. Муҳимтарин хислати шавҳар ин аст, ки ӯ ба занаш вафодор бошад. Пас, вақте ки онҳо ба балоғат мерасанд, рафтан ба назди фоҳиша ин дарси он аст, ки чӣ тавр одам шавҳари бад шуда метавонад. Баръакс, ин маънои онро дорад, ки ӯ ба занаш тӯҳфаи гаронбаҳои тӯйро дода наметавонад: ин покии худаш. Ӯ ҳатто метавонад зани худро бо фоҳиша ба таври нодуруст муқоиса кунад. Ва ӯ метавонад ба бемории бад гирифтор шавад, ки шояд табобатнашаванда бошад.

Шавҳар набояд ба назди фоҳиша равад, вақте ки занаш барои алоқаи ҷинсӣ дастрас нест. Масалан, дар моҳи аввали пас аз таваллуди кӯдак, вақте ки зан ҳайз дорад, агар вай муддати тӯлонӣ бемор бошад ё вақте ки шавҳар ё зан дар кишвари хориҷа кор мекунад. Худдорӣ ин далели он аст, ки Рӯҳи Муқаддас дар ҳаёти мо кор мекунал (Ғалотиён 5:22–23). Хуб нест, ки шавҳарону занон муддати тӯлонӣ аз якдигарашон ҷудо бошанд (1 Қӯринтиён 7:5). Бисёр оилаҳо аз ин сабаб вайрон шудаанд. Вафодорӣ нисбати ҳамсаратон барои оилаи хушбахт муҳим аст. Вакил Павлус навишт: *Магар шумо намедонед, ки бадани шумо ба Масеҳ тааллуқ дорад?! Оё мумкин аст, ки ман он чи ки аз они Масеҳ аст, гирифта, бо бадани фоҳиша якҷоя созам?! Ҳаргиз! Оё шумо намедонед, ки агар касе бо фоҳиша якҷоя шавад, бо ӯ як ҷону тан мешавад? Дар ин бора дар навиштаҷоти Худо омадааст: «Ду кас як тан мешаванд»* (1 Қӯринтиён 6:15–16).

Мушкилӣ аз рафтан ба назди фоҳиша дар чист? [7]

Аммо Худо на фақат ба амали мо диққат медиҳад, лекин ба фикрҳои мо низ.

**Матто 5:27–30-ро** хонед. Дар ин оятҳо дар бораи он чизҳое, ки мо дар бораашон фикр мекунем, чӣ гуфта мешавад? [8]

## Даъвати 2-юм



Шумо чӣ гуна филму наворҳоро тамошо мекунед?

Мушкилӣ, ки дар натиҷаи тамошои филмҳои эротикӣ пайдо мешаванд:
- онҳо ақли моро бо фикрҳои нопок пур мекунанд
- ин тасвирҳо метавонанд дар хотираи мо ҳамеша монанд
- онҳо ба мо хоҳиши кардани амали нодурустро медиҳанд
- онҳо моро аз ҳамсарамон норозӣ мекунанд ва муносибати оилавии моро вайрон мекунанд
- тамошо кардани чунин филмҳо пеш аз оиладор шудан оилаи ояндаи моро вайрон мекунад
- ин филмҳо моро ба мастурбатсия меоранд — ин кӯшиши ҳаловати ҷинсӣ дар танҳоӣ аст. Алоқаи ҷинсӣ ин тӯҳфа аст, ки танҳо як ҷуфти оиладор аз он якҷоя лаззат баранд. Дар Китоби Муқаддас бароямон гуфта шудааст, ки худро идора кунем ва «ба ҳавасҳои табиати гунаҳкорамон дода нашавем» (Ғалотиён 5:13).

Оё шумо бояд тамошо кардани баъзе намудҳои филмҳоро бас кунед?



Биёед як дақиқа ором шуда меистем ва барои ҳама гуна гуноҳҳои шаҳвоние, ки мо кардаем ва ҳеҷ гоҳ аз Худо бахшиш напурсидем, бахшиш мепурсем.

Биёед аз Худо хоҳиш кунем, ки моро барои чизҳое, ки дидаем ва моро бо фикрҳои нопок пур кард, бубахшад. Аз Худо хоҳиш кунед, ки ақлу дили шуморо пок кунад.

Дуо кунед, ки ҳамаи мо муҳаббат ва бахшиши аҷиби Худоро шиносем!

Дуо кунед, ки ҳамаи мо бо қудрати Рӯҳи Муқаддас тамошо ва кардани ин корҳои нодурустро бас кунем.

**Такрори Шариат 5:19-ро** хонед. Аҳкоми ҳаштум чист? [9]

Кай мо ин аҳкомро набояд риоя кунем?

Агар мо барои коре, ки дуруст иҷро намекунем, маош гирем, ин дуздӣ аст. Корфармои шумо ба шумо барои иҷрои кори муайян пул медиҳад ва муҳим аст, ки шумо ин корро дуруст иҷро кунед, ҳатто вақте ки касе шуморо намебинад (Эфсӯсиён 6:5–8-ро хонед).

Агар мо аз касе ё аз калисо чизе гирем (масалан, табақ, дастмол, китоб, бозича), мо бояд ҳамеша онро баргардонем, агар касе ба мо нагуфта бошад, ки он бароямон тӯҳфа аст. Агар мо онро бар нагардонем, мо ин чизҳоро дуздидаем.

Агар мо пул қарз гирем, мо бояд онро баргардонем. Агар мо пулро баргардонида натавонем, пас мо бояд бо шахсе, ки аз ӯ қарз гирифтаем, сӯҳбат кунем. Мо бояд бо онҳо муҳокима кунем, ки чӣ гуна метавонем он қарзро баргардонем. Бисёр вақт, вақте ки одамон ба дигар аъзоёни калисо пул қарз медиҳанд, одами қарздор ба калисо омаданро бас мекунад, чунки вай онро баргардонда наметавонад.

Биёед як дақиқа истода, барои бахшиш дуо гӯем, агар:

- мо корфармои худро фиреб медодем
- мо чизҳоеро медуздидем
- мо қарзҳоеро барнагардонида бошем.



Дуо гӯед, ки Худо ба мо барои тез ҳал кардани ин масъала ёрдам кунад.

Дуо гӯед, ки ҳама гуна муносибате, ки аз сабаби қарз вайрон шуд, ба зудӣ барқарор шавад.

Ва дуо гӯед, ки ҳамаи мо муҳаббат ва бахшиши аҷиби Худоро шиносем!

**Такрори Шариат 5:20-ро** хонед. Аҳкоми нуҳум чист? [10]

Вақте ки мо дар бораи дигарон гапҳои бад мезанем, мо ҳаёти онҳоро вайрон мекунем. Ба ҳамин монанд, вақте ки мо дар бораи дигарон ғайбат мекунем, мо ҳаёти онҳоро вайрон мекунем. Инчунин, агар одамон донанд, ки дигарон дар бораи онҳо суханони бад мегӯянд, ба калисо рафтанро бас мекунанд.



Биёед як дақиқа истода, барои суханони бад дар бораи дигарон бахшиш пурсем.

Барои онҳое, ки аз сабаби ғайбати одамон ба калисо омаданро бас кардаанд, дуо гӯед.

Дуо гӯед, то ки мо фаҳмем, ки чӣ тавр Рӯҳи Муқаддас метавонад ба ҳамаи мо дар тағир ёфтанамон кӯмак кунад.

Ва дуо гӯед, ки муҳаббат ва бахшиши аҷиби Худоро шиносем!

**Такрори Шариат 5:21-ро** хонед. Аҳкоми даҳум чист? [11]

Тамаъ кардан чӣ маъно дорад? [12]

Дар **Ибриён 13:5** дар бораи муносибатамон ба пул чӣ гуфта шудааст? [13]

Агар мо бо он чизе, ки дорем, розӣ бошем:
- мо барои он чизҳое, ки Худованд ба мо додааст, миннатдорем
- мо аз он чизе, ки надорем, шикоят намекунем
- мо аз он чизе, ки дигарон доранд, лекин мо надорем, ҳасад намебарем.

Кай одамон ба таври басанда доранд? [14]

Бисёри одамон фарзандони худро кам мебинанд, чунки онҳо ҳар рӯз соатҳои зиёд кор мекунанд. Баъзе одамон ҳатто барои пул кор кардан ба кишвари дигар мераванд ва солҳо оилаи худро намебинанд.

Агар шумо дар хориҷа кор кунед, муҳим аст, ки шумо барои хиради Худо дуо гӯед, то бидонед, ки барои пул кор кардан чӣ қадар аз хона ва оилаатон дур бошед.

Хоҳиши кор кардани пул барои як чизи дигар бисёр табиӣ аст. Аммо чизи аз ҳама қиматбаҳо барои кӯдакон он аст, вақте ки ҳам падарашон ҳам модарашон бо онҳо бошанд. Ба кӯдакон падару модар даркоранд, ки ба онҳо муҳаббат нишон диҳанд ва ба онҳо тарзи пайравӣ кардани Худовандро ёд диҳанд.



Аз Худованд хоҳиш кунед, ки ба шумо нишон диҳад, ки шумо аз кадом чизҳо ҳасад мебаред.

Аз Ӯ хоҳиш кунед, ки ба шумо нишон диҳад, ки чӣ гуна ин ҳасад ба қарорҳои шумо таъсир мерасонад. Аз сабаби хоҳиши кардани ин чизҳо кӣ азоб мекашад?

Худованд дар ин бора ба шумо чӣ гуфтан мехоҳад?

# Чӣ тавр бахшишро қабул кардан мумкин аст

**1 Юҳанно 1:8–9-ро** хонед.

Агар мо фикр кунем, ки гуноҳ намекунем (ояти 8), мо чӣ кор мекунем? [15]

Чӣ тавр мо бахшида шуда метавонем (ояти 9)? [16]

Албатта, шумо метавонед дар танҳоӣ гуноҳатонро пеши Худо эътироф кунед. Аммо агар шумо гуноҳатонро ба дӯсти боваринокатон эътироф кунед, шумо хоҳед дид, ки ин роҳи пурқувватаст, ки қудрати гуноҳро дар ҳаёти шумо шикаст медиҳад.

Гурӯҳи шумо ин ҷои хуб аст, ки гуноҳҳои худро эътироф кунед. Аммо хеле эҳтиёт кунед, ки он чизҳоеро, ки дар гурӯҳатон гуфта мешавад, **ба каси дигар нагӯед**. Мо бояд одамоне шавем, ки дигарон ба мо бовар карда тавонанд!

## Муҳокима

Иҷрои кадом аз ин аҳкомҳо дар калисои шумо душвортарин аст?

Иҷрои кадом аз ин аҳкомҳо барои шумо душвортарин аст?

### Худоро шукр гӯед, ки Ӯ ба мо Рӯҳи Муқаддасро дод, то ба мо кӯмак кунад ва мо тавонем аз рӯи хости Ӯ зиндагӣ кунем!

### Барои якдигаратон дуо гӯед, ки имрӯз аз нав бо Рӯҳи Муқаддаси Худо пур шавед!

## Вазифаи хонагӣ

Пеш аз дарси оянда, боби **6-уми Такрори Шариатро** хонед.

# Ҷавобҳо

1 – Худо бештар ба муносибати мо бо Ӯ аҳамият медиҳад. Баъд аз ин, чизи муҳимтарин ин муносибати мо бо якдигар аст. Танҳо аз рӯи ин тартиб дороии мо бояд бароямон аҳамият дошта бошад.
2 – Падару модари худро эҳтиром кун.
3 – Шумо бояд бештар ба Худо итоат кунед, на ба одам.
4 – Қатл накун.
5 – Агар мо аз касе хашмгин бошем, ин мисли он аст, ки мо ӯро куштаем.
6 – Зино накун.
7 – Рафтан назди фоҳиша оила ва фикру саломатии шуморо вайрон мекунад.
8 – Агар мо фикрҳои нопок дошта бошем, ин мисли он аст, ки худи ҳамон корро кардем.
9 – Дуздӣ накун.
10 – Шаҳодати бардурӯғ бар зидди ёри худ надеҳ.
11 – Барои ҳеҷ чиз тамаъ накун!
12 – Ин маънои онро дорад, ки мо бисёр сахт чизеро доштан мехоҳем.
13 – Аз дӯст доштани пул озод бошед, аз он чизе ки доред, розӣ бошед.
14 – Ҳеҷ вақт! Аксари одамон ҳамеша мехоҳанд чизи бештар дошта бошанд!
15 – Мо худро фиреб медиҳем.
16 – Мо бояд гуноҳҳои худро эътироф кунем.

Такрори Шариат — дарси 8:

# Худованд Худои худро дӯст дор



Дар ин дарс мо мебинем, ки чӣ гуна муҳаббати мо ба Худо дар ҳаёти мо дида мешавад.

**Боби 6-уми Такрори Шариатро** хонед.

## Худои ягона

Дар ояти 4 дар бораи Худо чӣ гуфта мешавад? [1]

Дар забони ибронии аслӣ ин оят чунин аст: «*Яҳве Худои мост, Яҳве якто аст*».

Калимаи ибронии «як» *эҳад* аст. Он маънои ягонагиро дорад. Инчунин ин калима «эҳад» дар дигар ҷойҳои Навиштаҷот аст:

- вақте ки Худо дар бораи сохтани хайма дастур медод: *Ва панҷоҳ чангаки тилло бисоз; ва чодирҳоро бо чангакҳо ба якдигар пайванд намо, — ва маскан* ***яклухт*** *хоҳад шуд* (Хуруҷ 26:6).
- вақте ки Худо ба Ҳизқиёл гуфт, ки ду сибти Исроилро ба як халқ як мекунад: *Ва онҳоро* ***як*** *чӯбдаст хоҳам гардонид, ва онҳо дар дасти Ман якто хоҳанд буд* (Ҳизқиёл 37:19).

Баъзе одамон мегӯянд, ки масеҳиён се худоро парастиш мекунанд. Худои мо фақат як Худо аст. Яҳве ягона Худои зинда ва ҳақиқӣ аст. Танҳо Ӯ Худо аст ва Ӯ «як» аст. Худо намехоҳад, ки халқи Ӯ худоёни дигарро низ парастиш кунанд. Ҳамон тавре ки зан метавонад фақат як шавҳар дошта бошад, мо низ танҳо як Худо дошта метавонем. Парастиши ҳама чизи дигар хиёнати даҳшатнок аст. Аз ин рӯ, дар давоми боби 6-уми Такрори Шариат навишта шудааст: *Ва ту Худованд Худои худро бо тамоми дили худ, ва бо тамоми ҷони худ, ва бо тамоми қуввати худ дӯст бидор* (ояти 6).

Чаро мо танҳо як Худоро парастиш мекунем? [2]

# Худои ягонаи мо се шахсият аст

Дар Аҳди Қадим ва дар Аҳди Нав дар бораи сегонагӣ далелҳо аст. Мисол:

- **Ҳастӣ 1:26:** Худо мегӯяд «ба сурати мо»-ро, на «сурати ман». Дар ин ҷо ба мо нишон дода шудааст, ки Худои ягонаи мо ба таври муайян аз як шахсият зиёдтар аст.

- **Ҳастӣ 18:22:** Худо ҳам дар осмон ва ҳам дар замин аст! Албатта, Худои Падар ҳоло ҳам дар осмон аст. Бо вуҷуди ин, Худо бо Иброҳим дар замин сӯҳбат кард мисли он, ки одамон бо якдигарашон гап мезананд. Чӣ тавр ин тавр шуда метавонад? Вақте ки мо мефаҳмем, ки Худо якто аст, аммо Ӯ худро дар се шахсият ошкор мекунад, ин фаҳмо мешавад. Шахси дуюми Сегонагӣ ҳамчун фариштаи Худованд зоҳир шуд ва гуфт: «Ва Худованд гуфт: *„Оё он чи Ман карданиам, аз Иброҳим пӯшида дорам?“*» (Ҳастӣ 18:17). Ҳатто пеш аз он ки Ӯ ҳамчун кӯдаки одамӣ таваллуд шавад, дар Аҳди Қадим якчанд маротиба шахси дуюми Сегонагӣ дар шакл инсон зоҳир шуд (масалан, Ҳастӣ 32:22–31; Дониёл 3:24–25).

- **Хуруҷ 24:9–11:** Навишта шудааст, ки ҳеҷ кас наметавонад Худоро бубинад ва зинда монад (Хуруҷ 33:20). Пас, чӣ гуна ин одамон Худоро диданд, аммо намурданд? Агар мо фаҳмем, ки ин шахсияти дуюми Сегонагӣ буд, пас ин фаҳмо мешавад. Рӯзе ӯ ҳамчун инсон ба замин омад ва бисёриҳо ӯро диданд!

- **Матто 22:43–45:** Исо аз Забур 109 иқтибос меорад, то нишон диҳад, ки Масеҳ Худо аст. Худо ҳамзамон дар осмон ва ҳам дар замин буд!

- **Юҳанно 14:16–17:** Исо, Писари Худо, мегӯяд, ки аз Худои Падар хоҳиш мекунад, ки Рӯҳи Муқаддасро ба шогирдонаш фиристад. Ин нишон медиҳад, ки Худо дар осмон ба дуоҳои Писараш гӯш медод. Ва Ӯ мехост Рӯҳи Муқаддаси Худро фиристад, то дар дохили мо зиндагӣ кунад! Пас, мо дар ин оятҳо ҳар се шахсияти Сегонагиро мебинем.

Дар Аҳди Нав мо мебинем, ки Худо ин Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас аст. Худо ягонагии се шахсият аст. Сегонагӣ як чизи аҷоибест, ки мо дар барои Худо мефаҳмем. Он ба мо нишон медиҳад, ки Худо ин Худои дур нест, балки ба мо наздик шуд. Худои пурқудрат дар дохили мо зиндагӣ мекунад, дар ҳоле ки ҳанӯз ҳам ҳокими коинот аст!

Чаро ин қадар аҷоиб аст, ки Худо ин Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас аст? [3]

## *Иловагӣ:* Ба номи кӣ?

**Матто 28:18–20-ро** хонед. Мо одамонро ба номи кӣ таъмид медиҳем? [4]

**Юҳанно 14:13-ро** хонед. Ба номи кӣ бояд дуо гӯем? [5]

**Ибриён 10:19-ро** хонед. Чаро мо ба номи Исо дуо мегӯем? [6]

Ин имтиёзи аз ҳама олитарин аст! Мо метавонем ба Падари осмонӣ тавассути Исои Масеҳ наздик шавем!

Дар Такрори Шариат 6:21, 23 дар бораи Худо чӣ гуфта шудааст? [7]

Танҳо Худованд Худо тавонист Исроилро аз ғуломии Миср наҷот диҳад. Ягон худои дигар тамоман наметавонист ба онҳо кумак кунад.

Дар Такрори Шариат 6:10–12 дар бораи хислати Худо чӣ гуфта шудааст? [8]

Худо саховатманд аст!

# Халқи Худо чӣ тавр бояд зиндагӣ кунад

Дар ҷавоби ҳамаи ин, Худо ба халқаш чӣ кор карданро мефармояд (Такрори Шариат 6:5)? [9]

Халқи Худо бояд фақат Ӯро дӯст доранд! Ҳеҷ кас ё ҳеҷ чизи дигар набояд дар ҳаёташон дар ҷои аввал бошад. Агар онҳо ягон чизеро бештар аз Худо дӯст доранд, пас онҳо бутҳоро парастиш мекунанд. Дар натиҷа, онҳо баракати итоат кардани Худоро нахоҳанд дошт.

## Даъвати 1-ум

Дар Аҳди Қадим гуфта шуд, ки **дили** инсон қарор қабул мекунад. Масалан, дар Масалҳо 3:1–3 навишта шудааст: «*...бигзор **дили** ту аҳкоми маро маҳфуз дорад, ...бар лавҳи **дили** худ бинавис*».

Вақте ки шумо қарор қабул мекунед, оё кӯшиш мекунед, ки ба Худо писанд оед?

- Оё шумо қарор мекунед, ки ҳар саҳар пеш аз ба кор рафтан Каломи Худоро хонед ва дуо гӯед?
- Оё шумо қарор мекунед, ки ба ҷамъомади калисо равед ба ҷои ки ба кор равед, бо дӯстон вохӯред ё истироҳат кунед?
- Оё шумо қарор мекунед, ки барои онҳое, ки шуморо дар хона ё дар ҷои кор асабонӣ мекунанд, дуо гӯед?
- Оё шумо қарор мекунед, ки ба дигарон хизмат кунед, ҳатто вақте ки шумо мехоҳед ба телефони худ нигоҳ кунед?
- Оё шумо қарор мекунед, ки танҳо ба чизҳои хуб дар телефон ва телевизион нигоҳ кунед?

«*Ва ту Худованд Худои худро бо тамоми **дили** худ... дӯст бидор*» (Такрори Шариат 6:5).

Дар Аҳди Қадим гуфта шудааст, ки ҷонамон ин ҷоест, ки хоҳишу эҳсосотамон аст. Масалан, «*Эй **ҷонам**, Худовандро муборак бихон*» (Забур 102:1).

Оё мо кӯшиш мекунем, ки бо хоҳишу эҳсосоти худ Худоро хурсанд кунем?

Кадомашро бештар **мехоҳем**:

- ба даст овардани пули бештар ё муошират бо халқи Худо?
- ба даст овардани пули бештар ё гузарондани вақт бо ҳамсар ва фарзандонамон?
- шунидани хабарҳои охирин дар шабакаҳои иҷтимоӣ ё шунидани Каломи Худо?
- издивоҷ бо ҳар касе, новобаста аз он ки онҳо Исоро дӯст медоранд ё не, ё интизор шудани ҳамсари имондор?
- изҳор кардани хашм дар вақти асабонӣ шуданамон ё худдорӣ кардан?

*«Ва ту Худованд Худои худро... ва бо тамоми **ҷони** худ дӯст бидор»* (Такрори Шариат 6:5).

Калимаи **қувват** қайд мекунад, ки чӣ қадар мо бояд Худоро дӯст дорем!

*«Ва ту Худованд Худои худро бо **тамоми дили** худ, ва бо **тамоми ҷони** худ, ва бо **тамоми қуввати** худ дӯст бидор»* (Такрори Шариат 6:5).

Мо киро хурсанд кардан мехоҳем: худамон ё Худоро?

Муҳаббати Худо инчунин аз Худотарсӣ ва натарсидан аз худоёни дигар иборат аст, аз ҷумла натарсидан аз он бутҳое, ки дар сарзамини Канъон, замини ваъдашуда, парастиш мешуданд.

Дар **Такрори Шариат 6:13–17** дар бораи он ки чӣ тавр исроилиён бояд аз Худо тарс дошта бошанд, чӣ гуфта шудааст? [10]

Айнан ҳамин хел, мо набояд аз одамон ва лаънатҳои онҳо тарсем. Мо набояд ба дигарон ҳамроҳ шавем, вақте ки онҳо фолбинӣ мекунанд, ба зиёрати «одами муқаддас» мераванд ё дар назди қабрҳо дуо мегӯянд.

## **Ҳодиса дар Массо** (Такрори Шариат 6:16)

Исроилиён аз Мусо ва Худо хашмгин шуданд. Онҳо хеле ташна буданд. Онҳо бовар намекарданд, ки Худо ба онҳо об медиҳад. Онҳо қариб тайёр буданд, ки Мусоро сангсор кунанд. Онҳо шубҳа доштанд, ки Худо дар ҳақиқат бо онҳост, ҳарчанд Худо ба онҳо мӯъҷизаҳои зиёде нишон дода буд. Тааҷҷубовар нест, ки Худо аз онҳо хашмгин шуд (Хуруҷ 17:1–7).

Дар ин оятҳо чӣ тавр исроилиён *Худоро озмоиш карданд*? [11]

Чӣ тавр мо метавонем *Худоро озмоиш* кунем? [12]

**Такрори Шариат 6:6–9-ро** хонед.

> ***«Ва ин суханон, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, бигзор бар дили ту бошад»:*** *ин аҳкомҳо бояд ба ҳама қарорҳое, ки мо қабул мекунем, таъсир расонанд!*

Исроилиён бояд чӣ кор мекарданд, то аҳкоми Худоро дар дилҳои худ нигоҳ доранд? [13]

# Даъвати 2-юм



Чӣ тавр мо метавонем Каломи Худоро дар дилҳои худ ҷой кунем? [14]

Чӣ тавр мо метавонем ба фарзандонамон Каломи Худоро таълим диҳем? [15]

***Каломи Худоро ҳамчун аломат бар дасти худ бибанд:*** Мо ҳама корро бо дастони худ мекунем. Пас, каломи Худо бояд ҳама чизеро, ки мо бо дастони худ мекунем, роҳнамоӣ кунанд.

## Даъвати 3-юм

Якчанд мисол биёред, ки кадом корҳои нағзро мо бо дастони худ карда метавонем. [16]

Ин ҳама вақт хуб аст, ки аз Худо пурсем: «Чӣ хел ман метавонам дар ин шароит ба Ту хизмат кунам?»

Якчанд мисол биёред, ки кадом корҳои бадро мо бо дастони худ карда метавонем. [17]

Ин хуб аст, ки аз худ пурсем: «Исо дар ҷои ман чӣ кор мекард?»

***Онҳоро ҳамчун нишона ба пешонии худ бибанд:*** Ин маънои онро дорад, ки Каломи Худо моро ба ҳар ҷое ки рафтем роҳнамоӣ кунад. Ҳангоми омӯзиши Каломи Худо, мо беҳтар мефаҳмем, ки Исо ба кадом ҷойҳо рафтани моро мехоҳад ва ба куҷо рафтани моро намехоҳад.

## Даъвати 4-ум

Баъзе ҷойҳои нағзеро, ки мо бояд ба он ҷо равем, мисол биёред. [18]

Баъзе ҷойҳои бадеро, ки мо бояд ба он ҷо наравем, мисол биёред. [19]

***Ва онҳоро бар паҳлудариҳои хонаи худ бинавис:*** Ин маънои онро дорад, ки мо бояд чунин кунем, то ҳар касе, ки дар хонаи мо зиндагӣ мекунад ё ба хонаи мо меояд, бидонад, ки мо Худоро дӯст медорем.

## Даъвати 5-ум



Шумо чӣ кор карда метавонед, то ҳар касе, ки дар хонаи шумо зиндагӣ мекунад ё ба хонаи шумо меояд, бидонад, ки шумо Худоро дӯст медоред? [20]

Хуб аст, ки шумо оятҳоро аз Китоби Муқаддас нависед ва онҳоро дар ҷои намоёни хона овезон кунед, то Каломи Худо ба ҳама хотиррасон шавад. Хуб аст, ки оятҳоро дар паҳлӯи оина ё дар болои дар гузоред, то мо тез-тез ба онҳо нигоҳ кунем.

Оё шумо метавонед мисолҳоеро аз баъзе оятҳое биёред, ки дар деворҳои шумо овехтан хуб мешуд? [21]

Шумо чӣ кор карда метавонед, то Каломи Худо дар зиндагиатон ва хонаи шумо боз ҳам муҳимтар бошад?

***Ва онҳоро бар дарвозаҳои худ бинавис.*** Дар замони навишта шудани китоби Такрори Шариат, дарвозаи шаҳр як минтақаи муҳим буд, ки дар назди он мардуми шаҳр корҳои муҳимро муҳокима ва анҷом медоданд. Он мисли шӯрои шаҳри имрӯза амал мекард (ниг. **Рут 4:1–4**).

Пас, ин амр бояд халқи Худоро водор мекард, ки ба аҳкомҳои Ӯ иҷозат диҳанд, ки ба ҳар соҳаи ҳаёти шаҳр таъсир расонад.

Имрӯз халқи Худо як миллат нестанд. Онҳо дар саросари ҷаҳон парокандаанд. Онҳо барои некӯаҳволии ҷомеаҳои худ кор мекунанд: ба камбағалон кӯмак мерасонанд, ба ятимон кӯмак мерасонанд, ба гурезагон кӯмак мерасонанд, ба аёдати зиндониён меравaнд, ба занон кӯмак мекунанд, ки аз ғуломии танфурӯшӣ озод шаванд, ба маъюбон хизмат мерасонанд, ба одамон кӯмак мекунанд, ки аз нашъамандӣ озод шаванд, дар боғҳо партов ҷамъ мекунанд ва бисёр чизҳои дигар мекунанд.

Мардуми Худо одамоне ҳастанд, ки дӯст медоранд: онҳо ба ёрони худ, ки аз онҳо фарқ мекунад ё ҳатто ба онҳо бераҳм ҳастанд, муҳаббат нишон медиҳанд. Онҳо ба одамон тӯҳфа медиҳанд ва вақте ки одамони мӯҳтоҷро мебинанд, ба онҳо кӯмак мекунанд (Румиён 12:14–21).

## Даъвати 6-ум

Шумо бо кадом роҳҳо метавонед муҳаббати Худоро ба таври амалӣ дар ҷои зистатон нишон диҳед?

### Мо имрӯз дар бораи Худо чӣ ёд гирифтем?

### Дар натиҷаи ин дарс шумо кадом чизҳоро дар ҳаёти худ дигаргун кардан мехоҳед?

## Вазифаи хонагӣ

Пеш аз дарси оянда **Такрори Шариат 7:1–11-ро** хонед ва ду ҷадвали аввали дарси 9-умро (саволҳои 5 ва 6) пур кунед. Шумо метавонед ҷавобҳои худро дафъаи оянда дар вақти вохӯрии гурӯҳи худ муҳокима кунед.

# Ҷавобҳо

1 – Худованд як аст.
2 – *Яҳве* ягона Худои зинда ва ҳақиқӣ аст. Ибодат ба касе ё чизи дигар ин бевафоии даҳшатнок аст.
3 – Худо Худои дур нест, балки ба мо наздик шудааст. Худо дар мо зиндагӣ мекунад, дар ҳоле ки ҳанӯз ҳам ҳокими коинот аст!
4 – Мо одамонро ба номи Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас таъмид медиҳем.
5 – Ба номи Исои Масеҳ.
6 – Мо ба номи Исо дуо мегӯем, чунки мо фақат бо хуни Исо пок шуда ба назди Худо Падар наздик шуда метавонем.
7 – Худо исроилиёнро аз ғуломӣ дар Миср наҷот дод, то онҳоро ба замини ваъдашуда биёрад.
8 – Худо Худои саховатманд аст, ки мӯҳтоҷиҳои онҳоро дар замини ваъдашуда ба таври фаровон таъмин мекард.
9 – Ӯро бо тамоми дил, ҷон ва қуввати худ дӯст доранд.
10 – Онҳо бояд танҳо ба Ӯ хизмат кунанд, қасамҳои худро ба номи Ӯ бихӯранд ва худоёни дигарро пайравӣ накунанд, балки ба аҳкомҳои Ӯ итоат кунанд.
11 – Онҳо ба Худо бовар надоштанд, ки он чизеро, ки ба онҳо лозим аст, таъмин кунад ва хашмгин шуданд.
12 – Вақте ки мо ба Худо бовар надорем, ки ба мо чизҳои даркориро диҳад ва мо шикоят мекунем.
13 – Онҳо бояд аҳкомҳои Худоро ба фарзандонашон ёд медоданд ва дар давоми рӯз дар бораи онҳо сӯҳбат мекарданд.
Онҳо бояд аҳкомҳои Худоро дар даст, пешонӣ, дару дарвозаҳои худ нигоҳ медоштанд.
14 – Мо бояд Каломи Худоро бихонем, омӯзем, дар бораи он мулоҳиза кунем ва ба он итоат кунем, то ки он дар давоми рӯз ба ҳамаи қарорҳои мо таъсир расонад.
15 – Мо бояд ба фарзандонамон Китоби Муқаддас ё Китоби Муқаддаси бачагонаро бихонем. Мо бояд сурудҳоро аз Китоби Муқаддас бихонем. Мо бояд ҳангоми роҳ рафтан аз Китоби Муқаддас ҳикояҳо нақл кунем. Мо бояд ба кӯдакон бигӯем, ки Худо чӣ гуна ба дуоҳои мо ҷавоб медиҳад ва бигзор онҳо бубинанд, ки Исо дақиқа ба дақиқа ба ҳаёти мо чӣ дигаргунӣ мебиёрад!
16 – Додани тӯҳфаҳо; навиштани паёмҳои рӯҳбаландкунанда ба дигарон, ки аз душвориҳо мегузаранд; хизмат ва кӯмак дар хона, дар калисо ва дар ҷомеаи худ.
17 – Дуздӣ, задан, кӯмак накардан (танбалӣ), тамошои чизҳои бад дар телефони худ, партофтани партов ба замин.
18 – Ба калисо равед, касеро хабар гиред, ки бемор аст ё хешаш гузаштааст, ё ба назди касе равед, то дар бораи Исо нақл кунед.
19 – Дар кинотеатр, дар телевизион ё телефони худ филмҳои хушунатомез ё эротикиро тамошо накунед, ба ҷои рафтан ба калисо ба кор наравед, ба хонаи дӯстон наравед, агар донед, ки онҳо дар он ҷо корҳои бад мекунанд.
20 – Аз ҳама муҳимтар он аст, ки одамон муҳаббати Худоро дар шумо дида тавонанд. Пеш аз хӯрок дуо гӯед. Дар бораи Худо ва чӣ гуна Ӯ ба дуоҳои шумо ҷавоб додааст, сӯҳбат кунед. Вақте ки одамон аз хонаи шумо мебароянд, болои онҳо дуои баракат кунед. Ҳамчунин, оятҳоро аз Каломи Худо дар хонаатон овезон кунед, ки ин ба одамон нишон медиҳад, ки Каломи Худо барои шумо муҳим аст.
21 – Мисол:
- Ибриён 13:6
- 2 Қӯринтиён 12:9
- Забур 22
- Масалҳо 3:5–6
- Забур 40:1–3

## Такрори Шариат — дарси 9:

# Забт кардани замин



Дар ин дарс мо усули панҷ саволро истифода мебарем, то ки дар бораи Худои аҷоиб ва корҳояш барои мо бештар фикр кунем!

**Такрори Шариат 7:1—11-ро** хонед.

## Нобудшавии мардуми Канъон

Одамоне, ки дар сарзамини Канъон зиндагӣ мекарданд, бад буданд. Онҳо ҳатто писарон ва духтарони худро ҳамчун қурбонӣ ба худоёни худ дар оташ месӯзонданд. Худо мехост ин халқҳоро аз сабаби гуноҳашон нобуд кунад.

Худо мехост замини Канъонро ба халқи худ диҳад, ки онҳо барои тамоми ҷаҳон намуна бошанд. Онҳо бояд ба ҳама нишон медоданд, ки чӣ тавр бояд зиндагӣ кард. Он гоҳ одамони дигар метавонистанд бубинанд, ки Худо то чӣ андоза бузург ва хирадманд аст ва мефаҳмиданд, ки чӣ тавр ба Ӯ писанд оянд.

Нобудшавии ин одамон як ҳолати якдафъаина дар таърихи ҷаҳон буд. Ин барои мо мисол нест, ки имрӯз бо ҳуҷум ба ягон кишвар онро такрор кунем!

Нобудшавии мардуми бад, ки дар Канъон зиндагӣ мекарданд, **огоҳӣ** барои онҳое аст, ки дар исён нисбати Офаридгори худ зиндагӣ мекунанд. Дар охири замон Худо ҳамаи одамонро доварӣ хоҳад кард ва тамоми бадиро нест хоҳад кард.

Худо ваъдаи худро ба Иброҳим ва наслаш бо овардани исроилиён ба замини ваъдашуда иҷро кард. Инчунин ин **ба мо замини ваъдашудаи абадиро хотиррасон мекунад**, ки Худо онро барои тамоми қавми худ тайёр кардааст. Исо ба зудӣ бармегардад ва халқи худро ба Ерусалими нав мебарад! Ин сарзамин комил, бе марг, бе мотам, бе гиря ва бе дард хоҳад буд (Ваҳӣ 21:4)!

Чаро мардуми ин сарзамин бояд нобуд мешуданд? [1]

Ҳалокати мардуми бадкоре, ки дар Канъон зиндагӣ мекарданд, моро аз чӣ огоҳ мекунад? [2]

Замини ваъдашуда имрӯз ба мо чиро хотиррасон мекунад? [3]

**Юҳанно 3:16–17-ро** хонед. Чӣ тавр мо метавонем ба он ҷо рафта, абадан дар он ҷо зиндагӣ кунем? [4]

## Омӯхтани порчаи Китоби Муқаддас

Мо метавонем ин панҷ саволро барои омӯзиши ҳар як порчаи Китоби Муқаддас истифода барем:

1. Ин порча дар бораи Худо (Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас) чӣ мегӯяд?

2. Ин порча дар бораи одамон чӣ мегӯяд?

3. Оё дар ин порча чизҳои зерин аст:
   - фармоне, ки бояд итоат кард,
   - огоҳие, ки бояд гӯш кард,
   - ё мисоле, ки бояд пайравӣ кард?

4. Худо аз ин порча ба шумо чӣ омӯзонд?

5. Шумо инро ба кӣ нақл карда метавонед?

Биёед Такрори Шариат 7:1–11-ро хонад ба ҳар яки ин саволи омӯзишӣ ба навбат ҷавоб диҳем.

## 1. Ин оятҳо дар бораи Худо (Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас) чӣ мегӯяд? [5]

Ин ҷадвалро пур кунед, баъд ҷадвали худро бо ҷавобҳои пешниҳодшуда (саволи 5 дар охири ин дарс) муқоиса кунед.

Барои шумо як сутуни иловагӣ оварда шудааст, ки шумо метавонед ҳама оятҳоеро, ки аз Аҳди Нав дар ин бора гап мезананд, нависед.

Агар шумо аллакай инро барои вазифаи хонагӣ иҷро карда бошед, он чизеро, ки ёфтед, ба гурӯҳ нақл кунед.

| Оятҳо аз 7:1–11 | Он чизе ки мо дар бораи Худо меомӯзем | Оятҳо аз Аҳди Нав дар ин бора |
|---|---|---|
| | | |

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |

## 2. Ин оятҳо дар бораи одамон чӣ мегӯяд? [6]

Ин ҷадвалро пур кунед ва баъд ҷадвали худро бо ҷавобҳои пешниҳодшуда (саволи 6 дар охири ин дарс) муқоиса кунед.

| Оятҳо аз 7:1–11 | Он чизе ки мо дар бораи одамон меомӯзем | Оятҳо аз Аҳди Нав дар ин бора |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

Аҳди Қадим халқи Худоро барои Масеҳе тайёр кард, ки дар Аҳди Нав омад. Аҳди Нав ба мо айни ҳамон чизҳоеро дар бораи Худо ва одамон меомӯзонад, ки Аҳди Қадим ба мо меомӯзонд. Одамон танҳо бо қудрати Рӯҳи Муқаддас метавонанд ба одамони муқаддасе табдил ёбанд чӣ тавре ки Худо онҳоро даъват кардааст!

Пеш аз он ки ба саволи 3 ҷавоб диҳем, мо бояд дар бораи матни пурра фикр кунем.

## Матни пурраро дар хотир доред.



Вақте ки мо Аҳди Қадимро меомӯзем, муҳим аст, ки мо дар хотир дошта бошем, ки мо **пас аз салиб**, яъне пас аз марг ва зинда шудани Исо зиндагӣ мекунем. Ин маънои онро дорад, ки:

Исо ҳамаи аҳкоми Худоро пурра иҷро кард ва барои гуноҳҳои мо қурбонии комил шуд. Акнун Ӯ ба мо аҳди нав бо аҳкомҳои нав дод.

Имрӯз замини ваъдашудаи ҷисмонӣ вуҷуд надорад. Сарзамине нест, ки мо бояд барои он мубориза барем. Имондорон дар як макони ҷуғрофӣ зиндагӣ намекунанд, балки дар ҳар кишвари ҷаҳон ҳастанд. Мо интизори он рӯзе ҳастем, ки Исо бармегардад ва ҳамаи моро барои зиндагӣ бо худ дар замини ваъдашудаи абадӣ мегирад!

Пас, вақте ки мо аҳкомҳои Худоро дар Аҳди Қадим мехонем, мо бояд аз худ бипурсем, ки дар Аҳди Нав дар бораи ин аҳком чӣ гуфта шудааст.

# 3. Оё дар ин оятҳо барои халқи Худо ягон аҳкоме барои итоат кардан, огоҳӣ барои гӯш кардан ё мисол барои пайравӣ ҳаст? [7]

Ин ҷадвалро пур кунед ва баъд ҷадвали худро бо ҷавобҳои пешниҳодшуда (саволи 7 дар охири ин дарс) муқоиса кунед.

| Оятҳо аз 7:1–11 | Аҳком/огоҳӣ/мисол | Оё мо бояд имрӯз ба ин итоат кунем? | Чаро? Аҳди Нав дар ин бора чӣ мегӯяд? |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

Ду нуктаи муҳим:

1. Вақте ки имондоре бо беимон оиладор мешавад, одатан зиндагӣ барои ҳамсари имондор аз ҳар ҷиҳат хеле душвор аст. Бисёр вақт онҳо иҷозат надоранд, ки ба калисо раванд ё ба фарзандонашон тарзи пайравӣ кардани Исоро ёд диҳанд. Аксари вақт онҳо бо ҳамсарашон аз сабаби арзишҳои гуногуни худ тез-тез баҳс мекунанд. Ва имондор ба осонӣ дар муносибаташ бо Худо дилхунук шуда метавонад.

2. Мо бояд аз ҳар чизе, ки моро ба парастиши худоёни дигар ташвиқ мекунад, халос шавем, масалан, тумор, ҷодуҳои дигар, фолнома ва оятҳо аз китобҳои динҳои дигар. Албатта, агар шумо калони хона набошед, шояд аз ин чизҳо халос шудан ғайриимкон бошад. Дуо кунед, ки одамон дар хонаи шумо, фаҳманд, ки чӣ хел ин чизҳо Худоро хафа мекунад!

Мо дар дарси 10-ум дар бораи он гап мезанем, ки мо имрӯз кадом аҳкомҳои Аҳди Қадимро бояд риоя кунем.

# 4. Худо ба шумо аз ин оятҳо чиро омӯзонд?

# 5. Шумо инро ба кӣ нақл карда метавонед?

## Вазифаи хонагӣ

Дар ин ҳафта ҳар рӯз як қисми дигари Такрори Шариатро хонед ва ба панҷ саволи омӯзишӣ ҷавоб диҳед:

1. 7:12–26
2. 8:1–20
3. 9:1–6
4. 9:7–29
5. 10:1–11
6. 10:12–22
7. 11:1–32

# Ҷавобҳо

1 – Онҳо бояд нобуд мешуданд, чунки онҳо хеле бад буданд.
2 – Дар охири замон ҳамаи одамон доварӣ карда мешаванд ва бадӣ ҷазо дода мешавад.
3 – Замини ваъдашуда ба мо замини абадии ваъдашударо ба ёд мерасонад, ки Худо онро барои тамоми халқи худ тайёр кардааст — Ерусалими нав.
4 – Ба воситаи бовар кардан, ки Исо он касест, ки метавонад моро наҷот диҳад ва ба мо ҳаёти ҷовидонӣ диҳад.
5 –

| Оятҳо | Он чизе ки мо дар бораи Худо меомӯзем | Оят аз Аҳди Нав дар бораи ин хислати Худо |
|---|---|---|
| **ояти 1а** | Худо мехост ба халқи худ хонаи нав диҳад: сарзамини Канъонро. | *«Лекин мо, мувофиқи ваъдаи Ӯ, мунтазири осмони нав ва замини нав ҳастем, ки дар онҳо адолат сокин хоҳад буд»* (2 Петрус 3:13). |
| **оятҳои 1б–2, 10** | Худо онҳоеро, ки ба Ӯ зиддият мекунанд, нобуд мекунад. | *«Ӯ аз онҳое, ки Худоро намешиносанд ва ба хушхабари Худованди мо Исо итоат намекунанд, бо шӯълаҳои оташ қасос мегирад. Онҳо ба ҳалокати ҷовидона гирифтор гардида, аз ҳузури Худованд, аз бузургию қуввати Ӯ ҷудо мешаванд. Вақте ки Худованд Исо дар рӯзи қиёмат меояд...»* (2 Таслӯникиён 1:8–10). |
| **ояти 6** | Худо одамони муайянро интихоб мекунад, ки аз они Ӯ бошанд. | *«Аммо шумо насли интихобшуда...»* (1 Петрус 2:9). |
| **оятҳои 7–8а** | Худо халқи худро чунон дӯст медошт, ки онҳоро наҷот дод. Ин муҳаббати сазоворнашуда аст! | *«Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари Ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, намирад, балки ҳаёти абадӣ дошта бошад»* (Юҳанно 3:16). |
| **ояти 8** | Худо ваъдаҳои худро иҷро мекунад, новобаста аз он ки онҳоро чӣ қадар вақт пештар дода буд! Ӯ ваъдаеро, ки ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб дар китоби Ҳастӣ дода буд, иҷро кард. | *«Мо ба шумо башорат медиҳем, ки Худо ваъдаеро, ки ба падарони мо дода буд, барои мо, фарзандони онҳо, ба иҷро расонда, Исоро эҳьё кард»* (Аъмоли Ҳавворием 13:32). |
| **оятҳои 9–10** | Худо вафодор аст ва аҳди муҳаббаташро барои онҳое, ки Ӯро дӯст медоранд, иҷро мекунад, вале онҳоеро, ки аз Ӯ нафрат доранд, нобуд мекунад. | *«Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад?»* (Румиён 8:35)<br><br>*«Аммо осмон ва замини ҳозира низ бо ҳамон калом барои оташ нигоҳ дошта шудаанд ва то рӯзи доварӣ ва ҳалокати мардуми осӣ саришта карда мешаванд»* (2 Петрус 3:7). |

6 –

| Оятҳо | Он чизе ки мо дар бораи одамон меомӯзем | Оят аз Аҳди Нав дар ин бора |
|---|---|---|
| **ояти 6** | Халқи Худо барои Худо муқаддас аст (ҳамчун пок ҷудо карда шудаанд). | *«Аммо шумо насли интихобшуда, коҳинони Подшоҳи Осмонӣ,* ***қавми Худо*** *ва халқе ҳастед, ки Худо барои Худ ҷудо кардааст»* (1 Петрус 2:9). |
| **оятҳои 7–8** | Марҳамати Худо нисбати халқаш пурра носазоворшуда аст. Халқи Худо ҳеҷ коре накардааст, ки сазовори муҳаббат ва марҳамати Худо бошад. | *«Лекин Худо моро бениҳоят сахт дӯст доштааст ва аз рӯйи ин меҳру муҳаббаташ Ӯ, ки пур аз раҳму шафқат аст, ба мо агарчи аз сабаби гуноҳҳоямон мурда ҳисобида мешудем, ҳамроҳи Масеҳ ҳаёт бахшид»* (Эфсӯсиён 2:4–5). |
| **ояти 8** | Онҳо харида шуда буданд (аз ғуломӣ харида шуда буданд). | *«Лекин Масеҳ ба ҷойи мо ҳамин ҷазои лаънатро ба Худ гирифта, моро озод кард»* (Ғалотиён* 3:13). |

7 –

| Оятҳо | Аҳком/огоҳӣ/мисол | Оё мо бояд имрӯз ба ин итоат кунем? | Чаро? Аҳди Нав дар ин бора чӣ мегӯяд? |
|---|---|---|---|
| **ояти 2** | Худо ба онҳо гуфт, ки тамоми мардуми сарзамини Канъонро, яъне онҳоеро, ки дар он ҷо зиндагӣ мекарданд ва худоёни дигарро парастиш мекарданд, нобуд кунанд. | Не | *«Душманонатонро дӯст бидоред»* (Матто 5:43–44).<br><br>Душмани аслии мо шайтон аст (1 Петрус 5:8). Албатта, ин маъно надорад, ки мо шайтонро дӯст дорем! |
| **ояти 3** | Худо ба халқаш гуфт, ки бо касоне, ки аз халқи Ӯ нестанд, оиладор нашаванд (яъне онҳо набояд бо касоне, ки худоёни дигарро ибодат мекунанд, издивоҷ кунанд). | Бале | *«Зери юғи бегона бо якҷоягии беимонон сар хам накунед»* (2 Қӯринтиён 6:14).<br><br>*«... пас аз вафоти шавҳараш вай озод шуда, ба ҳар касе ки хоҳад, никоҳ кунад, фақат дар Худованд бошад»* (1 ба Қӯринтиён 7:39). |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **ояти 5** | Исроилиён бояд қурбонгоҳҳои онҳоро вайрон мекарданд, сангҳои муқаддаси онҳоро мешикастанд, сутунҳои бути Ашераи онҳоро мебуриданд ва бутҳояшонро дар оташ месӯзонданд. | Бале | *«Бисьёре аз онҳое ки ба ҷодугарӣ машғул буданд, китобҳои худро оварда, дар пеши назари ҳама сӯзонданд; вақте ки арзиши онҳоро ҳисоб карданд, маълум шуд, ки баробари панҷоҳ ҳазор дирҳам аст»* (Аъмоли Ҳаввориён 19:19). |
| **ояти 11** | Бодиққат аҳком, фармон ва қонунҳоеро, ки Худо ба Мусо додааст, риоя кунанд. | Бале — Халқи Худо бояд ба ҳама аҳкомҳои Худо, ки дар Аҳди Нав тасдиқ шудаанд, итоат кунад. Ин дар аҳкоми дӯст доштани Худо ва дӯст доштани ёри худ ҷамъбаст шудааст. | *«Гумон накунед, ки барои вайрон кардани Таврот ё суҳафи анбиё омадаам; наомадаам, ки вайрон кунам, балки ба ҷо оварам»* (Инҷили Матто 5:17).<br><br>*«Исо ба вай гуфт: „Худованд Худои худро бо тамоми дили ту ва бо тамоми ҷони ту ва бо тамоми ҳуши ту дӯст бидор. Ҳамин аст ҳукми аввалин ва бузургтарин;<br>Ва дуюмаш монанди он аст: Ёри худро мисли худ дӯст бидор. Ба ин ду ҳукм тамоми Таврот ва суҳафи анбиё асос ёфтааст“»* (Инҷили Матто 22:37–40). |

# Такрори Шариат — дарси 10:

# Шариати Худо



Дар ин дарс мо беҳтар мефаҳмем, ки қонунҳои Худо то чӣ андоза аҷоибанд! Мо қонуну дастурҳоеро, ки Худо ба Мусо дар бобҳои 12–26 дода буд, мехонем.

Агар шумо то ҳол ин бобҳоро нахондед, кӯшиш кунед онҳоро ин ҳафта хонед.

**Такрори Шариат 26:16–19-ро** хонед.

Худо ба халқи худ гуфт, ки бо қонунҳояш чӣ кор кунанд (ояти 16)? [1]

Худо бо итоати нимкола розӣ нест. Ӯ мехоҳад, ки халқаш шодии итоати пурраро донанд.

Тамоми шариат барои он дода шуд, ки одамон Худо ва якдигарро дӯст доранд.

Чунин фикр кардан осон аст, ки риояи шариат душвор аст ва агар мо ба он итоат кунем, ҳаёти мо нохуш мешавад. Аммо, дар асл, итоаткунӣ шодӣ ва эҳтиром меорад!

Мо дар бораи шариату аҳкомҳои Худо аз ин ҷойҳои Навиштаҷот чӣ меомӯзем:

**Забур 18:8?** [2]

**Забур 118:97–99?** [3]

## Қонунҳо дар Такрори Шариат

Қонунҳо дар китоби Такрори Шариат тарафҳои гуногуни ҳаёти халқи Худоро дар замини ваъдашуда фаро мегиранд. Инҳо аз чизҳо зерин иборат ҳастанд:

- Худоро дар куҷо бояд ибодат кард
- хӯроки пок ва нопок
- даҳяк
- ҷашн гирифтани идҳо

- подшоҳ чӣ кор бояд кунад
- адолат чӣ гуна аст
- чӣ тавр бояд ҷангро ба тарзе анҷом дод, ки ба Худо писанд ояд
- издивоҷ ва покии ҷинсӣ.

# Қонунҳои Худо

## Худоро дар куҷо ибодат бояд кард



Исроилиён бояд Худоро танҳо дар як ҷое, ки Ӯ ба онҳо нишон медод, ибодат мекарданд (Такрори Шариат 12:1–14). Ин хеле фарқ мекард аз он чизе, ки канъониён худоёни сершумори худро дар бисёр ҷойҳои гуногун ибодат мекарданд. Азбаски Худо ягона аст, Ӯро танҳо дар як ҷо ибодат мекарданд.

Вақте ки исроилиён дар биёбон зиндагӣ мекарданд, онҳо Худоро дар хайма ибодат мекарданд. Онҳо хаймаро дар вақти сафарашон аз як ҷо ба ҷои дигар мебурданд (Хуруҷ бобҳои 25–27).

Пас аз он ки онҳо дар замини ваъдашуда маскан гирифтанд, Сулаймон маъбади зебое сохт. Ин бояд ҷое мешуд, ки Худо бо халқаш вомехӯрд (3 Подшоҳон бобҳои 6–8).

Парастиш кардани Худо муҳимтарин корест, ки халқи Худо бояд анҷом медоданд!

Дар шариат дар бораи он ки исроилиён бояд Худоро дар куҷо ибодат мекарданд, чӣ гуфта шуда буд? [4]

## Хӯрок



Ба исроилиён гуфта шуда буд, ки намудҳои муайяни гӯштро нахӯранд (Такрори Шариат 14:1–21). Ин бояд нишонаи он мебуд, ки онҳо муқаддас ҳастанд, яъне барои Худо ҷудо карда шуда ҳастанд. Онҳо набояд мисли одамоне зиндагӣ мекарданд ва ибодат мекарданд, ки Худои ҳақиқиро намешинохтанд.

Гӯшт як чизи боҳашамате буд, ки бисёри одамон онро хеле кам мехӯрданд. Аз ин рӯ, хӯрдани он як маросими махсус буд, ки одатан бо ибодати Худо пайваст буд.

Гӯште, ки хурданаш манъ карда шуда буд, ҳайвонҳоеро дар бар мегирифт, ки гӯшти дигар ҳайвонҳоро мехӯрданд.

Риоя кардани ин аҳкомҳо онҳоро аз муносибати наздик бо одамоне, ки ба Худо итоат намекарданд, бозмедошт. Онҳо наметавонистанд дар хонаи одамоне, ки исроилӣ набуданд, гӯшт бихӯранд.

Қонун дар бораи хӯрок чӣ мегуфт? [5]

## Даҳяк



Ба исроилиён дастур дода шуда буд, ки даҳ фоизи ҳосили худро ҷудо кунанд (Такрори Шариат 14:22–29). Ин бояд барои чунин мақсадҳо истифода мешуд:

- ҷашнгирӣ дар хаймаи муқаддас ё маъбад,
- хайрия кардан ба левизодагон, ки дар хаймаи муқаддас ё маъбад хизмат мекарданд
- хайрия кардан ба камбағалон.

Дар тамоми Китоби Муқаддас Худо ба халқи худ дастур медиҳад, ки барои камбағалон ғамхорӣ кунанд. Дар ин бобҳои шариат, ки Худо додааст (бобҳои 12–26), шаш маротиба дастур барои меҳрубонӣ кардан ба камбағалон дода шуд буд.

Дар шариат дар бораи даҳяк чӣ гуфта шудааст? [6]

## Идҳо

Исроилиён бояд ҳар сол се идро ҷашн мегирифтанд:



- **Иди Фисҳ** — вақте ки онҳо баромаданашонро аз ғуломии Миср ба ёд меоварданд.

- **Иди Ҳафтаҳо**, ҳафт ҳафта пас — дар вақти ҷамъоварии гандум. Дар забони юнонӣ ин Пантикост номида шуд.

- **Иди Хаймаҳо** — дар вақти ҷамъоварии меваҳои тирамоҳӣ, вақте ки онҳо вақти саргардонии худро дар биёбон ба ёд меоварданд.

Ин роҳе буд, ки ҳамаи корҳоеро, ки Худо барои онҳо карда буд, ба ёд биёранд. Худо мехост, ки онҳо на танҳо Ӯро ба ёд оранд, балки инчунин хурсандӣ кунанд ва аз кор истироҳат гиранд (Такрори Шариат 16:1–17).

Дар шариат дар бораи идҳо чӣ гуфта шудааст? [7]

## Подшоҳ



Подшоҳ бояд исроилӣ мебуд, ки Худоро ибодат мекард. Ва ӯ набояд сарвати зиёдеро ҷамъ мекард ва занони зиёд мегирифт. Ба ҷои ин, ӯ бояд шариати Худоро меомӯхт ва ба он итоат мекард. Он гоҳ ӯ фаҳмиш пайдо мекард, ки чӣ тавр халқи Худоро дуруст идора кунад (Такрори Шариат 17:14–20).

Вақте ки мо Аҳди Қадимро мехонем, мо мебинем, ки чӣ тавр подшоҳони исроилӣ ба ин қонун итоат намекарданд. Онҳо қавми Худоро аз Худо дуртар ва дуртар мебурданд. Ҳатто Сулаймон бо тамоми хирадмандии худ ба ин шариат итоат накард (3 Подшоҳон 11:1–8).

Дар шариат дар бораи подшоҳ чӣ гуфта шудааст? [8]

## Адолат



Ба исроилиён гуфта шуда буд, ки онҳо назорат кунанд, ки одамон барои ҷиноятҳо одилона доварӣ карда мешаванд. Онҳо бояд месанҷиданд, ки ҳеҷ кас барои ҷиноятe, ки содир накардааст, ҷазо нагирад. Ҷазо бояд мувофиқи ҷиноят мешуд ва аз ҳад зиёд набошад (Такрори Шариат 19:1–21).

Дар шариат дар бораи адолат чӣ гуфта шудааст? [9]

## Ҷанг



Ҷанг қисми ҳаёти муқаррарии ҷаҳони қадим буд. Подшоҳон ҳамеша мехостанд подшоҳии худро васеъ кунанд. Онҳо ё ба қавмҳои дигар ҳамла мекарданд, ё қаламрави худро ҳимоя мекарданд. Исроилиён бояд ҷангро ба тарзе анҷом медоданд, ки Худоро ҷалол медод. Албатта, ҷанг ҳамеша чизи даҳшатнок аст. Аммо Худо қонунҳоеро дод, ки баъзе аз тарафҳои бадтарини ҷангро кам кунанд (Такрори Шариат 20:1–10).

Ба исроилиён гуфта шуда буд, ки ба сарбозони худ, ки барои ҷанг тайёр набуданд, раҳм кунанд; ва ба онҳое, ки дар шаҳрҳои душмане, ки онҳо ба онҳо ҳамла мекарданд, зиндагӣ мекарданд, раҳм кунанд.

Танҳо канъониёне, ки дар замини ваъдашуда зиндагӣ мекарданд, бояд пурра нобуд карда мешуданд, зеро онҳо садсолаҳо пай дар пай бад буданд. Худо қарор карда буд, ки ин заминро ба халқи худ диҳад. Худо мехост, ки исроилиён ба ҳамаи халқҳои дигар нишон диҳанд, ки чӣ тавр ба тарзи писандидаи Худои Офаридгор зиндагӣ кунанд.

Дар шариат дар бораи ҷанг чӣ гуфта шуда буд? [10]

## Издивоҷ



Издивоҷ ин як ӯҳдадории якумрӣ аст ва ҳуқуқҳои зан бояд ҳифз карда мешуд. Ин қонунҳо ҳама гуна амали ҷинсиро барои мардон ва занон берун аз издивоҷ манъ мекунанд. Ин алоқаи ҷинсӣ ва таҷовузро дар бар мегирад (Такрори Шариат 22:13–30). Ин гуноҳҳо на танҳо ҷабрдидаро, балки оилаи онҳоро низ хароб мекунад. Гуноҳҳои алоқаи ҷинсӣ ҳеҷ гоҳ аз назари Худо пинҳон нестанд.

Дар дарси 7 мо дидем, ки издивоҷ бо ғайриисроилиён (яъне бо беимонон) манъ шуда буд. Ин аз он сабаб буд, ки фарзандон дар чунин оилаҳо эҳтимолан Худовандро пайравӣ намекарданд (Такрори Шариат 7:3–4).

Дар шариат дар бораи издивоҷ чӣ гуфта шуда буд? [11]

Дар ҷаҳони қадим ин гуна аҳкому дастурҳо ғайриоддӣ буданд — ягон халқ чунин қонунҳоро надошт. Инҳо қонунҳои неки Худо буданд, ки Худо барои беҳбудии халқаш додааст.

# Вақте ки халқи Худо ба қонунҳои Худо итоат намекунад

Бо вуҷуди он ки ин қонунҳо барои манфиати халқи Худо буданд, онҳо ҳеҷ гоҳ наметавонистанд ба онҳо содиқона итоат кунанд. Аз ин рӯ, Худо ба халқи худ амр дод, ки дар хаймаи муқаддас ва баъдтар дар маъбад ҳайвонотро қурбонӣ кунанд. Ин барои он буд, ки ба онҳо хотиррасон карда шавад, ки:

- гуноҳ ҳамеша даҳшатнок аст — шахсе, ки гуноҳ мекунад, сазовори марг аст
- барои бахшида шудани гуноҳашон як чиз бояд ба ҷои онҳо бимирад.

Ин қурбониҳо халқи Худоро барои рӯзе омода мекарданд, ки Ӯ касеро мефиристад, ки тамоми мушкили гуноҳи халкро як бор ва барои ҳамешагӣ ҳал мекунад. Ин шахс:

- ба ҳама қонунҳои Худо комилан итоат мекунад
- ягона қурбонии комилу беайб барои ҳама давру замон мешавад
- «маъбади» нав мешавад, шахсе мешавад, ки халқи Худо барои бахшидани гуноҳҳояшон ба наздаш омада метавонад,
- ба воситаи Рӯҳи Муқаддас дар халқи Худо зиндагӣ мекунад, то онҳо тавонанд ба Худо дар ҳақиқат итоат кунанд!

**1 Юҳанно 4:9–10-ро** хонед. Ин шахси комил кӣ хоҳад буд, ки рӯзе Худо мефиристад? [12]

Ин шахси комил чӣ кор хоҳад кард? [13]

# Аҳди қадим ва Аҳди нав

Дар китоби Такрори Шариат дар бораи аҳд — шартномае — ки Худо бо қавми худ дар кӯҳи Сино — Ҳӯриб баста буд (Такрори Шариат 5:2) чӣ гуфта шудааст:

- Худо халқи худро аз ғуломӣ **наҷот дода буд**
- Агар онҳо **ба Худо бовар ва итоат мекарданд**, Худо онҳоро баракат медод ва дар замини ваъдашуда ба онҳо ҳаёти фаровон медод
- Роҳи раҳоӣ аз лаънати Худо барои беитоатӣ **қурбониҳои** муайяне буд
- Агар онҳо **пайваста беитоатӣ мекарданд**, Худо онҳоро лаънат мекард ва аз замини ваъдашуда берун мекард.

Ин аҳд баъдтар **Аҳди Қадим** номида шуд. Аз ин рӯ, мо инро қисми аввали Китоби Муқаддас меномем. Қисми дуюми Китоби Муқаддас **Аҳди Нав** номида мешавад — акнун Худо аҳди нав баст:

- Писари Худо, Исои Масеҳ, халқи Худро аз ғуломии гуноҳ **наҷот дод** (Румиён 6:20–22),
- Агар мо **ба Писари Худо бовар кунем ва ба Ӯ итоат кунем**, Худо моро ҳамчун фарзандонаш қабул мекуанд ва ҳаёти ҷовидонӣ медиҳад (Юҳанно 1:12; 3:16).
- **Қурбонии** якдафъаинаи Исо то ҳол гуноҳҳои моро мебахшад, вақте ки мо тавба мекунем (1 Юҳанно 1:9).
- Агар мо пайваста **ба Худо итоат накунем**, ин баракатҳоро аз даст дода метавонем (Ибр. 10:26–31).



Ҳам дар Аҳди Қадим ва ҳам дар Аҳди Нав, халқи Худо бояд **имон** дошта бошанд, то ба Худо итоат кунанд. Дар бораи ин мавзӯи муҳим дар боби 11-уми нома ба Ибриён гуфта мешавад.

**Луқо 22:20-ро** хонед. Исо бо хуни худ чӣ кор кард? [14]

**Ибриён 9:15-ро** хонед. Аҳди нав чист? [15]

# Мо имрӯз кадом қонунҳои Аҳди Қадимро бояд итоат кунем?

Имрӯз мо дар Аҳди Нав зиндагӣ мекунем.

## Кадом корро кардан ДАРКОР нест?

**1. Мо набояд қонуну дастурҳоро дар бораи маъбад ва қурбониҳо иҷро кунем:**

- Исо барои гуноҳҳои ҳама одамон қурбонии комилро овард (1 Юҳанно 2:2) ва ӯ маъбади нав аст! (Юҳанно 2:19, 21)
- Мо дигар набояд қурбонӣ биёрем ва барои ҳамин ба мо маъбади воқеӣ лозим нест. Маъбади яҳудӣ дар соли 70-уми милодӣ аз ҷониби румиён вайрон карда шуд. Худо ба ин иҷозат дод, ки чунин шавад, чунки пас аз марг ва эҳёи Исо маъбад лозим набуд.
- Калисо (яъне ҷамъомади пайравони Исо) акнун бадани Исо ва маъбади Худост. Ин ҷоест, ки одамон акнун метавонанд бо Худо вохӯранд (1 Қӯринтиён 3:16).

**2. Мо набояд аз хӯрдани баъзе хӯрокҳо худдорӣ кунем:**

- Пас аз маргу зиндашавиаш Исо ба Петрус гуфт, ки ӯ метавонад ҳама намуди гӯштро бихӯрад (Аъмол 11:1–18). Ба мардуми Худо дигар лозим нест, ки худро аз дигар халқҳо ҷудо кунанд, то нишон диҳанд, ки онҳо барои Худо муқаддасанд. Ба ҷои ин, муқаддасии онҳо акнун бо муҳаббат, шодмонӣ, сулҳу осоиштагӣ, сабр, меҳрубонӣ, некӣ, вафодорӣ, дилнармӣ ва худдорӣ зоҳир хоҳад мешавад (Ғалотиён 5:22–23).
- Мо имрӯз кадом қонуну дастурҳои Аҳди Қадимро набояд иҷро кунем? [16]

## Мо кадом корҳоро БОЯД иҷро кунем?

**Ирмиё 31:31–33-ро** хонед. Аз рӯи гуфтаҳои Худо қонунҳои Аҳди Нав чӣ фарқият хоҳад дошт? [17]

Вақте ки мо пайрави Исо мешавем, Ӯ моро бо Рӯҳи Муқаддаси Худ пур мекунад. Ва **Ӯ ба мо нишон медиҳад, ки дар зиндагии худ кадом чизҳоро бояд дигар кунем.** Дар вақти хондани Каломи Худо, ба суханони Ӯ гӯш кун!

- Аз рӯи гуфтаҳои Исо кадом аҳкомҳо аз ҳама муҳимтар ҳастанд (**Марқӯс 12:30–31**)? [18]

  Инро гуфтан хеле осон ва иҷро карданаш хеле душвор аст!

Тамоми шариати Аҳди Қадим дар бораи он аст, ки чӣ тавр Худо ва ёри худро дӯст дорем.

- Даҳ аҳком (Такрори Шариат 5:6–21) имрӯз ҳам барои мо муҳим аст. Онҳо ба мо кӯмак мекунанд, ки мо Худо ва ёри худро дӯст дорем.

- Аҳди Нав аҳамияти покии ҷинсиро тасдиқ мекунад. Ин низ қисми муҳаббат ба ёри худ ва итоат ба Даҳ аҳком аст (**Ибр 13:4-ро** хонед). Ҳеҷ гоҳ фикр накунед, ки хиёнати ҷинсӣ муҳим нест (1 Қӯринтиён 6:15–16). Шайтон дар ин соҳа бисёр пешвоёни хубро гумроҳ кардааст. Ин ҳама вақт ба калисо, оилаҳо ва Худо азоб мебиёрад (Ибр 10:29).

Мо имрӯз бояд кадом қонунҳоро иҷро кунем? [19]

## Пас, чаро мо бояд қонунҳои Аҳди Қадимро бихонем?

Барои мо хуб аст, ки қонуну дастурҳои Аҳди Қадимро хонем, то беҳтар ин чизҳоро фаҳмем:



- хислати Худо
- кадом чиз дуруст ва нодуруст аст
- то чӣ андоза ҳамаи мо гунаҳкорем
- ки гуноҳи мо танҳо бо марги каси дигар бахшида карда мешавад
- то чӣ андоза мо ба Наҷотдиҳанда эҳтиёҷ дорем!

Вақте ки мо тамоми Аҳди Қадимро мехонем, мо дар бораи кӣ будани Исо ва корҳои Ӯ фаҳмиши беҳтар мегирем.

Ба одаме, ки мегӯяд, ки хондани Аҳди Қадим ва махсусан ҳамаи қонунҳои он зарурат нест, чӣ мегӯед?

**Оё шумо ба Исо иҷозат медиҳед, ки ҳаёти шуморо дигаргун созад, ё фикр мекунед, ки шумо ба қадри кофӣ хуб ҳастед?**

**Чӣ тавр шумо метавонед ба Исо бештар монанд шавед?**

## Вазифаи хонагӣ

Пеш аз дарси оянда бобҳои **27–28-и Такрори Шариатро** хонед.

# Ҷавобҳо

1 – Худо ба халқаш гуфт, ки қонунҳои Ӯро риоя кунанд ва онҳоро бо тамоми дилу ҷон бодиққат иҷро кунанд.
2 – Қонунҳои Худо дилҳои моро шод мегардонанд.
3 – Қонунҳои Худо моро хирадманд мекунанд.
4 – Исроилиён метавонистанд Худоро танҳо дар хайма ва баъдтар дар маъбад ибодат кунанд, бар хилофи ибодати канъониён.
5 – Исроилиён набояд намудҳои муайяни гӯштро мехӯрданд. Ин бояд нишонаи он буд, ки онҳо муқаддас буданд — барои Худо ҷудо карда шуда буданд.
6 – Исроилиён бояд даҳ фоизи ҳосили худро барои ҷашнгирӣ дар хайма ё маъбад, барои хайрия ба левизодагоне, ки дар хайма ё маъбад хизмат мекарданд ва ба камбағалон ҷудо мекарданд.
7 – Ҳар сол исроилиён бояд иди Фисҳ, иди Ҳафтаҳо ва иди Хаймаҳоро ҷашн мегирифтанд. Ин тавр онҳо ҳама корҳоеро, ки Худо барои онҳо карда буд, ба ёд меоварданд.
8 – Подшоҳ бояд исроилие мебуд, ки Худоро ибодат мекард. Ӯ набояд сарвати зиёдро ҷамъ мекард ва занони бисёр мегирифт. Ба ҷои ин, ӯ бояд шариати Худоро меомӯхт ва ба он итоат кунад, то бидонад, ки чӣ тавр мардуми Худоро ба таври дуруст идора кунад.
9 – Одамон бояд барои ҷиноятҳо одилона доварӣ карда мешуданд. Ҳеҷ кас набояд барои ҷиноятe, ки содир накардааст, ҷазо дода шавад.
10 – Онҳо бояд ба сарбозоне, ки барои ҷанг тайёр набуданд, раҳм кунанд. Онҳо бояд ба онҳое, ки дар шаҳрҳои душмане, ки онҳо ба он ҳамла мекарданд, зиндагӣ мекарданд, раҳм кунанд. Танҳо одамоне, ки дар замини ваъдашуда зиндагӣ мекарданд, бояд пурра нобуд карда шаванд.
11 – Издивоҷ як масъулияти якумрӣ аст ва ҳуқуқҳои занон бояд ҳифз карда шаванд. Қонунҳо ҳама гуна амали ҷинсиро берун аз издивоҷ, аз ҷумла алоқаи ҷинсӣ ва таҷовузро манъ мекунанд. Мардуми Худо бояд танҳо бо имондорон издивоҷ кунанд.
12 – Писари Худо, Исои Масеҳ.
13 – Ӯ пурра шариати Худоро иҷро кард, ягона қурбонии комил, «маъбад»-и нав шуд ва бо Рӯҳи Муқаддас дар ҳаёти халқи Худо зиндагӣ мекунад.
14 – Исо ба воситаи хуни худ байни Худо ва одамизод аҳди нав — шартнома — баст.
15 – Исо ҳамчун қурбонӣ ҷони худро дод, то моро аз гуноҳҳоямон озод кунад ва мо ҳаёти абадӣ ба даст орем!
16 – Мо набояд қонун дар бораи маъбад, қурбониҳо ва чизҳои хӯрданиро иҷро кунем.
17 – Худо ин қонунҳоро дар ақлу дили мо хоҳад навишт.
18 – Худоро бо тамоми дил, ҷони худ, ақл ва қуввати худ дӯст дор. Ёри худро мисли худат дӯст дор.
19 – Худоро дӯст дор ва ёри худро дӯст дор. Ин ҳам маъно дорад, ки Даҳ аҳкомро иҷро кунем ва покии ҷинсиро нигоҳ дорем.

## Такрори Шариат — дарси 11:

# Баракат ва лаънат



Дар ин дарс мо дар бораи баракат ва лаънатҳои Аҳди Қадим ва чӣ гуна онҳо имрӯз ба мо дахл доранд фикр мекунем.

## Ду кӯҳ




**Такрори Шариат 11:29-ро** хонед.

Вақте ки исроилиён ба замини ваъдашуда омаданд, Худо ба онҳо дар бораи ду кӯҳ дастур дод. Ду кӯҳ дар маркази кишвар бояд ёдраскунандаи абадӣ дар бораи аҳди Худо бо халқаш мешуданд. Худо мехост ба онҳо баракатро барои онҳое, ки ба Ӯ итоат мекунанд, ва лаънатро барои онҳое, ки ба Ӯ итоат намекунанд, хотиррасон кунад.

Онҳо баракатҳои Худоро дар кадом кӯҳ бояд эълон мекарданд? [1]

Онҳо лаънатҳои Худоро дар кадом кӯҳ бояд эълон мекарданд? [2]

**Такрори Шариат 27:1–8-ро** хонед.

Мусо ба исроилиён гуфт, ки ду сангро дар кӯҳи Эбол гузоранд (ки дар он ҷо бояд лаънатҳоро эълон мекарданд).

Онҳо бояд чиро барпо мекарданд **(оятҳои 2–4)**? [3]

Онҳо бояд кадом чиро месохтанд **(ояти 5)** [4]

Худо ба исроилиён гуфт, ки шариаташро дар кӯҳи Эбол гузоранд ва дар паҳлӯи он қурбонгоҳ созанд. Ӯ медонист, ки халқаш наметавонанд шариатро пурра риоя кунанд. Қурбонӣ воситаи кафорат барои гуноҳҳои онҳо буд. Яъне, қурбонгоҳ барои он аст, ки ба онҳо хотиррасон кунад, ки аз аввал Ӯ роҳеро барои бахшидани гуноҳҳои онҳо ба воситаи қурбонӣ тайёр кардааст.

Кадом ду намуди қурбониро онҳо бояд дар ин қурбонгоҳ меоварданд (**оятҳои 6–7**)? [5]

## Қурбониҳои сӯхтанӣ

Қурбонии сӯхтанӣ на танҳо кафорат барои гуноҳ буд, балки рамзи қурбонии тамоми ҳаёти онҳо ба Худо низ буд. Коҳинон наметавонистанд онро мисли қурбониҳои дигар бихӯранд.

**Эфсӯсиён 5:2-ро** хонед. Кӣ ҷони худро ҳамчун қурбонии ихтиёрии сӯхтанӣ қурбонӣ кард, то мо бахшида шавем? [6]

**Румиён 12:1-ро** хонед. Бо вуҷуди он коре, ки Исо барои мо кардааст, мо чӣ кор бояд кунем? [7]

Ин чӣ маъно дорад? [8]

Пас, қурбонии сӯхтанӣ чиро ба мо хотиррасон мекунад? [9]

Вақте ки мо тамоми ҳаёти худро ба Худо мебахшем, Ӯ моро бо шодии худ пур мекунад!

## Қурбониҳои саломатӣ

Одатан, танҳо коҳинон иҷозат доштанд, ки гӯшти ҳайвоноти қурбонишударо бихӯранд. Аммо қурбонии саломатӣ ягона қурбоние буд, ки одамони оддӣ низ метавонистанд бихӯранд. Онҳо онро бояд ба оила ва ҳамсояҳо тақсим мекарданд.

Ин қурбонӣ рамзи муносибати барқароршудаи онҳо бо Худо буд пас аз он ки Ӯ гуноҳҳои онҳоро мебахшид. Ин шодие буд, ки онҳо бо дигарон бояд тақсим мекарданд!

Ҳоло мо дар замони Аҳди Нав ҳастем, мо ба ҷои овардани қурбонии саломатӣ чӣ кор мекунем (Луқо 22:19)? [10]

Исо қурбонии комил ва якдафъаина буд, аз ин рӯ, ҳоло мо бахшида шудаем ва метавонем дубора бо Худо мунуосибат дошта бошем!

Имрӯзҳо бисёр калисоҳо ҳангоми ҷашн гирифтани Таоми шоми Худованд хӯроки пурра ташкил намекунанд. Ба ҷои ин, онҳо танҳо хӯроки рамзӣ барои ёдоварӣ аз марги Исо дар салиб тайёр мекунанд. Қурбонии саломатӣ ба мо нишон медиҳад, ки барои халқи Худо бисёр муҳим аст, ки якҷоя хӯрок хӯранд. Аз ин рӯ, ҳатто агар дар калисои шумо барои Таоми шоми Худованд фақат хӯроки рамзӣ бошад ҳам, муҳим аст, ки шумо ҳамчун як ҷомеаи имондорон дам ба дам якҷоя хӯрок хӯред.

Қурбонии саломатӣ ба мо чиро хотиррасон мекунад? [11]

# Баракат ва лаънат

Дар бобҳои 27–28-и китоби Такрори Шариат:

- баракатҳои зиёд барои онҳое, ки ба шариати Худо итоат мекунанд аст
- лаънатҳои зиёд барои онҳое, ки ба шариати Худо итоат намекунанд аст.

**Такрори Шариат 28:1–24-ро** хонед.

Дар Аҳди Қадим Худо халқи Худро бо роҳҳое баракат медод, ки онҳо ҳеҷ гоҳ сазовори он набуданд. Бо вуҷуди ин, онҳо пайваста беитоатӣ мекарданд. Ва ба ин сабаб бисёр вақтҳо Худо ба халқи Худ лаънат мефиристод.

Дар китоби Доварон халқи Худо пайваста аз чунин давра мегузаштанд:

- Ба гуфтаҳои неки Худо беитоатӣ мекарданд ва ба таври бад зиндагӣ мекарданд
- Худо онҳоро ба дасти душманонашон месупурд ва онҳо солҳои зиёд зери зулми онҳо мемонданд
- Сӯи Худо барои ёрдам фарёд мезаданд
- Худо барои наҷоти онҳо наҷотдиҳанда (довар)-ро мефиристод
- Тез ба беитоатӣ бармегаштанд ва дубора зиндагии бадро мебурданд

Ин тақрибан дар давоми 300 сол пайваста рӯй медод.

Баъд аз солҳои бисёр, вақте ки Аҳъоб подшоҳи Исроил буд, ӯ парастиши бути Баалро пеш гирифт. Пас, Худо се соли хушксолӣ фиристод (3 Подшоҳон 17:1).

Дар охир, халқи Худо ба Худо пурра бевафо шуданд ва Ӯ онҳоро ҷазо дод. Худо кореро кард, ки тасаввурнашаванда буд: лашкари Бобилро овард, ки онҳо замини Исроилро забт кунанд, маъбадро вайрон кунанд ва халки Исроилро ба асирӣ баранд. Ин дар соли 586 пеш аз милод рӯй дод (2 Вақоеънома 36:15–21).

## *Иловагӣ:* Китоби Навҳаҳои Ирмиё

Китоби Навҳаҳои Ирмиё ин маҷмӯаи шеърҳо аст, ки дар он андӯҳи халқи Худо пас аз хароб шудани Ерусалим баён карда мешавад.



> *«Чӣ гуна он шаҳре ки серодам буд,*
> *яккаву танҳо нишастааст,*
> *он шаҳре ки дар миёни халқҳо бузург буд,*
> *мисли бевазане шудааст,*
> *он шаҳре ки бар кишварҳо хукмфармо буд,*
> *хироҷгузор гардидааст!»* (Навҳаҳои Ирмиё 1:1)

Аммо ҳатто дар вақти ин фоҷиа муаллифи ин китоб чунин мегӯяд:

> *«Эҳсонҳои Худованд поён надорад, ва марҳаматҳои Ӯ беинтиҳост;*
> *Онҳо ҳар субҳ аз нав зоҳир мешавад: вафои Ту бузург аст.*
> *„Худованд насибаи ман аст, — мегӯяд ҷони ман,*
> *— бинобар ин ба Ӯ умедвор хоҳам буд“»* (Навҳаҳои Ирмиё 3:22–24).

Муаллифи китоб медонист, ки ин охири халқи Худо нест ва дар давоми асрҳои бисёр имондорон дар ин оятҳо тасаллӣ меёфтаанд. Ин оятҳо ба мо умед мебахшад, вақте ки мо бо ҳама гуна мушкилот рӯ ба рӯ мешавем.

Вақте ки мо имрӯз Каломи Худоро мехонем муҳим аст, то ки мо бинем, ки ин баракат ва лаънатҳо як чизи хеле калонтарро нишон медиҳад. Ин ба мо имкон медиҳанд, ки мо пешакӣ он баракат ва лаънатҳои абадиро фаҳмем, ки Исо дар вақти баргаштанаш ҷаҳонро доварӣ мекунад.

**Матто 25:34-ро** хонед. Исо ба онҳое, ки бо вафоӣ Ӯро пайравӣ кардаанд, чӣ мегӯяд? [12]

Ин сухани аҷоибтарине аст, ки мо шунида метавонем!

**Матто 25:41-ро** хонед. Исо ба онҳое, ки Ӯро пайравӣ накардаанд, чӣ мегӯяд? [13]

Ин суханони даҳшатноктарин аст, ки одам шунида метавонад.

Баракат ва лаънатҳои Аҳди Қадим чиро нишон медиҳад? [14]

Аммо, баракатҳои мо танҳо дар оянда нестанд.

**Эфсӯсиён 1:3–8-ро** хонед. Худо ба мо кадом баракатҳоро додааст, ки мо имрӯз аз онҳо баҳра барем? [15]

Ин баракатҳо аз ҳар гуна баракати ҷисмонӣ, ки мо ҳоло дошта метавонем, хеле калонтар аст!

## Дигар баракатҳое, ки Худо ба мо додааст

Ин оятҳоро хонед, ки ҳоло барои шумо аз ҳама муҳимтар аст:

- Худо ба мо Рӯҳи Муқаддаси Худро дод (1 Қӯринтиён 3:16).
- Худо моро мебахшад, вақте ки мо назди Ӯ меоем ва мегӯем, ки мо боз афтидем (1 Юҳанно 1:9).
- Ӯ моро дар ранҷу азобҳоямон тасаллӣ медиҳад (2 Қӯринтиён 1:3–4).
- Ӯ ба дилшикастагон наздик аст (Забур 34:18).
- Ӯ ба мо ҳикмат медиҳад (Яъқуб 1:5).
- Ӯ ба дуоҳои мо ҷавоб медиҳад (Юҳанно 14:13).
- Ӯ ба мо имондорони дигарро медиҳад (Ғалотиён 6:10).
- Ӯ моро хеле сахт дӯст медорад (Эфсӯсиён 5:1).
- Ӯ ба мо фаҳмиши нав медиҳад, ки мо дар асл кӣ ҳастем: фарзандони Худои зинда! Ин ба мо шараф ва ҳисси арзишро медиҳад, новобаста аз он ки мо кӣ ҳастем, зеро ҳамаи мо дар Исои Масеҳ як ҳастем (Ғалотиён 3:28).

Ин баъзе аз он баракатҳое, ки мо имрӯз аз он баҳра бурда метавонем.

Боз кадом баракатҳои дигарро, ки Худо ба мо додааст, мо имрӯз аз он баҳра бурда метавонем?

### Оё имрӯз лаънат аст?

Исо моро *аз лаънати шариат наҷот дод ва барои мо лаънат шуд* (Ғалотиён 3:13). Акнун мо зери баракати Худо ҳастем, на лаънати Ӯ.

Агар мо аз пайи Исо равем, Ӯ моро аз ҳар лаънате, ки одамон бар зидди мо мегӯянд, муҳофизат мекунад! Дар номаи худ ба Эфсӯсиён вакил Павлус ба онҳо хотиррасон мекунад, ки *«бузургии қудрати Ӯ дар мо, ки имон дорем, чӣ гуна аз ҳад берун аст. Он қудрат аз рӯи амали қуввати азими Ӯст, Ки дар Масеҳ амал кардааст, вақте ки Ӯро аз мурдагон эҳьё намуд ва ба ямини Худ дар афлок шинонд, Болотар аз ҳар сарварӣ, ва ҳукуматдорӣ, ва қудрат, ва салтанат, ва ҳар номе ки на танҳо дар ин олам, балки дар олами оянда низ хонда мешавад»* (Эфсӯсиён 1:19–21).

Агар шумо хабар гиред, ки ягон одам шуморо лаънат хонд, шумо метавонед бо номи пурқудрати Исо дуо гӯед, ки Ӯ шуморо муҳофизат кунад.

Пас, мо имрӯз набояд аз ягон лаънат тарсем!

# Саломатӣ ва сарват



Баъзан одамон ба мо мегӯянд, ки Худо ҳоло ба мо саломатӣ ва сарват ваъда медиҳад. Аммо ин дуруст нест.

Дар Аҳди Қадим Худо ба халқаш сарват ва шукуфоӣ ваъда кард, агар онҳо ба Ӯ итоат кунанд. Мо иҷрошавии ин ваъдаро дар давраи ҳукмронии подшоҳ Сулаймон дидем: Ҳар кас зери токи ангури худ ва зери дарахти анҷири худ дар амният менишастанд (3 Подшоҳон 4:25).

Аммо ин сарват ва шукуфоӣ танҳо моддӣ буд ва он давом накард.

Нақшаи Худо ин буд, ки тамоми ҷаҳон **баракати абадиро** гиранд, ки аз дили тағирёфта ва муносибати нав бо Худо сарчашма мегирад (Ҳизқиёл 36:26, Эфсӯсиён 2:18). Баракати абадӣ ҳеҷ гоҳ аз дороии моддӣ намеояд.

На Исо ва на ҳавворием сарватманд набуданд. Мо медонем, ки Павлус аз мушкилоти ҷисмонӣ азоб мекашид ва аз Худо илтимос мекард, ки онро дур кунад (2 Қӯринтиён 12:1–10). Ва албатта, худи Исо сахт азоб кашид ва дар охир бо роҳи бераҳмтарин кушта шуд. Павлус дар **Румиён 8:18** чӣ мегӯяд? [16]

Мо тасаввур карда наметавонем, ки зиндагӣ бо Худо дар Ерусалими нав то чӣ андоза аҷиб хоҳад буд!

Барои мо дидан муҳим аст, ки мо имрӯз баракатҳои Аҳди Қадимро талаб карда наметавонем — то он даме, ки мо ба Ерусалими нав биёем. Ба Худо маъқул аст, ки ба дуоҳои мо ҷавоб диҳад, аммо мо баъзан дар зиндагиамон азоб мекашем. Мо медонем, ки Худо аз душвориҳо истифода мебарад, ки моро бештар ба Исо монанд кунад (Ибр 12:7–11). Аммо мо намедонем, ки чаро Худо мушкилиҳоро ба ҳаёти мо роҳ медиҳад (Ишаъё 55:9). Агар мо дар фаровонӣ, бо саломатии хуб зиндагӣ кунем ва ягон мушкилӣ надошта бошем, ин маънои онро надорад, ки Худо аз мо аз дигарон дида бештар розӣ аст. Ва вақте ки мо имрӯз аз мушкилӣ, беморӣ ва норасоӣ азият мекашем, мо набояд фикр кунем, ки Худо моро лаънат медиҳад. Мо ҳеҷ гоҳ набояд фикр кунем, ки агар ягон одам бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад, Худо ӯро ҷазо медиҳад. Вазифаи мо он аст, ки мо якдигарро дӯст дорем, рӯҳбаланд кунем ва дастгирӣ кунем!

Дар ҳаёти ҳозираамон душворӣ омада метавонад. Аммо Худо ба мо ваъда медиҳад, ки ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад (Ибр 13:5). Рӯҳи Муқаддас ба мо тамоми қувват ва шодии даркориро медиҳад, ки Исоро то охир пайравӣ кунем! Он гоҳ мо мефаҳмем, ки саломатӣ ва сарвати ҳақиқӣ чист (Ваҳӣ 21:3–4; 22:1–5).

Имрӯз шахси «баракатёфта» чӣ медонад? [17]

Ба фикратон чӣ хел мо метавонем бештар аз баракати Худо баҳра барем? [18]

## Вазифаи хонагӣ

Пеш аз дарси оянда **бобҳои 29–30-и Такрори Шариатро** хонед.

## Ҷавобҳо

1 – Кӯҳи Ҷаризим.
2 – Кӯҳи Эбол.
3 – Сангҳое, ки болои онҳо шариати Худо навишта шуда буд.
4 – Қурбонгоҳ.
5 – Қурбониҳои сӯхтанӣ ва қурбониҳои саломатӣ.
6 – Исои Масеҳ.
7 – Мо бояд худро ҳамчун қурбонии зинда ба Худо пешкаш кунем.
8 – Ин маънои онро дорад, ки мо мехоҳем тамоми умр барои он зиндагӣ кунем, ки ба Худо писанд оем ва ба дигарон дар бораи Ӯ нақл кунем.
9 – Қурбонии сӯхтанӣ ба мо хотиррасон мекунад, ки барои кафорати гуноҳамон ба мо қурбонӣ лозим аст. Тавре ки Исо худро барои мо қурбон кардааст, мо бояд тамоми ҳаёти худро ба Худо бубахшем.
10 – Мо якҷоя Таоми шоми Худовандро ҷашн мегирем (мо нон ва шаробро тақсим мекунем), то дар хотир дошта бошем, ки Исо барои гуноҳҳои мо ҷон дод.
11 – Қурбонии саломатӣ ба мо хотиррасон мекунад, ки вақте ки мо тавба мекунем, мо боз метавонем бо Худо муносибат дошта бошем. Ин фақат бо он сабаб имконпазир шуд, ки Исо моро бо хуни худ аз гуноҳҳоямон тоза кард. Ин хеле аҷоиб аст ва мо бояд онро бо дигарон ҷашн гирем!
12 – *Биёед, эй баракатёфтагон аз Падари Ман, Малакутеро, ки аз ибтидои офариниши олам барои шумо муҳайё шудааст, мерос бигиред.*
13 – *Эй малъунон, аз Ман дур шавед ва ба оташи ҷовидоние ки барои иблис ва фариштагони вай муҳайё шудааст, биравед.*
14 – Онҳо баракат ва лаънатҳои абадиро нишон медиҳад дар вақти баргаштани Исо ва доварӣ кардани ҷаҳон.
15 – Ӯ моро пеш аз офариниши ҷаҳон интихоб кард, то дар назари Ӯ муқаддас ва беайб бошем, фарзандони Ӯ шавем, наҷот ёбем ва бахшида шавем!
16 – *Зеро, ба ақидаи ман, азобу уқубатҳои замони ҳозира назар ба он ҷалоле ки дар мо зоҳир хоҳад шуд, ҳеҷ аст.*

17 – Шахси хушбахт касе аст, ки медонад:
- Худо ӯро пеш аз офариниши ҷаҳон интихоб кард,
- ӯ фарзанди Худо ҳаст,
- у наҷот ёфт ва бахшида шуд,
- дар байни ҳар чизе, ки дар ҳаёти заминӣ рӯй медиҳад, Худо ҳамеша бо ӯ хоҳад буд,
- ва Худо ӯро ба замини ваъдашудаи пурҷалол ва абадӣ мерасонад!

18 – Мо метавонем аз баракатҳои бештари Худо баҳра барем, вақте ки:
- Каломи Ӯро мехонем, дар бораи он фикр мекунем ва ба он итоат мекунем,
- чӣ қадаре ки метавонем дуо мегӯем,
- бо имондорони дигар вомехӯрем,
- ба дигарон дар бораи Исо нақл мекунем.

Такрори Шариат — дарси 12:

# Нав кардани аҳд



Дар ин дарс мо мебинем, ки чӣ қадар муҳим аст ки ҳар насл аҳди худро барои итоат кардани Худо нав кунад.

Дар бобҳои 29–30-и Такрори Шариат нақл карда мешавад, ки чӣ тавр Мусо ва насли ояндаи халқи Худо аҳди худро бо Худо нав карданд. Насли аввал, ки Худо бо онҳо дар кӯҳи Сино аҳд баста буд, гузаштанд. Пас, акнун фарзандону наберaҳои онҳо бояд аҳдро бо Худо нав мекарданд.

Монанди тамоми китоби Такрори Шариат бобҳои 29–30 аз бисёр ҷиҳат мисоли шартномаи қадимӣ аст, ки подшоҳон дар он рӯзҳо бо одамое мебастанд, ки забт карда буданд. Чунин шартномаҳо на ҳама вақт якхел навишта мешуд, аммо онҳо одатан панҷ қисми асосӣ доштанд (ба дарси 1 нигоҳ кунед):

1. Муқаддимаи таърихӣ.
2. Талаботи умумии аҳд.
3. Огоҳӣ дар ҳолати вайрон кардани аҳд.
4. Баракат ва лаънат.
5. Шоҳидон.

**Бобҳои 29–30-ро** хонед ва дар вақти хондан ба ин панҷ қисми аҳднома диққат диҳед. Акнун мо ба панҷ қисми аҳд нигоҳ мекунем.

## 1. Муқаддимаи таърихӣ (29:2–8)

Худо ба исроилиён дар бораи гузаштаи онҳо хотиррасон кард. Мусо бо онҳо чунин гуфт, ки гӯё онҳо худашон дар кӯҳи Сино буданд, дар ҳоле ки дар асл насли падару модарашон дар он ҷо буданд (ояти 3).

## Даъвати 1-ум

Таърих хеле муҳим аст. Вақте ки мо мехонем, ки Худо дар гузашта барои мо чӣ кор кардааст, мо ба хотир меорем, ки мо бо файзи Худо наҷот ёфтаем. Агар мо он чизҳоеро, ки Худо барои мо кардааст, фаромӯш кунем, мо метавонем мағрур шавем ва дигаронро мисли фарисиён дар замони Исо доварӣ кунем. Пас, мо бояд пайваста Каломи Худоро хонем, то ба худамон хотиррасон кунем, ки Ӯ чӣ кор кардааст ва мо кӣ ҳастем — гунаҳкороне, ки бо файзи Худо наҷот ёфтаем!

## Даъвати 2-юм

Вақте ки мо Каломи Худоро мехонем, мо тасаввур карда метавонем, ки гӯё мо худамон дар он воқеаҳое будем, ки дар бораашон мехонем. Мусо ҳамин корро мекунад, вақте ки ба исроилиён сухан мегуфт: *Чашмони шумо дид...* (Такрори Шариат 29:3). Ин ба мо ёрдам мекунад, ки таъсири суханро ҳис кунем.

# 2. Талаботи умумии аҳд (29:9–15)

Дар Такрори Шариат аллакай аҳкому дастурҳои Худо ба таври муфассал дода шудаанд. Пас, дар ин ҷо танҳо интизор мераванд, ки ҳама, аз ҷумла занон, кӯдакон ва ғарибон, бояд шартҳои аҳдро иҷро кунанд (ояти 11). Мо набояд фикр кунем, ки Каломи Худо танҳо барои мардон ё танҳо барои калонсолон ё танҳо барои одамони мисли мо аст.

- Падару модарон вазифаи хеле муҳим доранд, ки ба фарзандонашон аз рӯзҳои аввали ҳаёташон итоат ба Каломи Худоро омӯзонанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ набояд фикр кунанд, ки фарзандонашон кореро кунанд, ки Каломи Худо нодуруст меномад.

- Мо бояд ба писарон ва духтаронамон таълим диҳем, ки **ҳам падар ва ҳам модарашонро** эҳтиром кунанд ва ба онҳо итоат кунанд.

- Мо бояд ба писарон ва духтаронамон таълим диҳем, ки дигар одамонро дӯст доранд ва барои онҳо ғамхорӣ кунанд.

- Мо набояд ба одамон аз халқияту миллатҳои дигар хунукназарӣ кунем. Онҳо ҳам бояд дар бораи Худованд ёд гиранд!

## Даъвати 3-юм

Шумо дар оила ва дар ҷомеаи имондорони худ чӣ кор мекунед, то ки ҳамаи одамон, аз ҷумла кӯдакон ва ғарибон, имконият дошта бошанд, ки дӯст доштан ва писанд омадан ба Худоро ёд гиранд?

# 3. Огоҳӣ дар ҳолати вайрон кардани аҳд (29:16–29)

Худо он чизҳоеро, ки дигар халқҳо парастиш мекунанд, чӣ меномад (ояти 17)? [1]

Худо дар бораи таълимоти он одамоне, ки худоёни дигарро пайравӣ мекунанд, чӣ мегӯяд (ояти 18)? [2]

Ба халқи Худо, ки худоёни дигарро парастиш мекунанд, чӣ мешавад (оятҳои 20–28)? [3]

Худо хашмгин мешавад, вақте ки халқи Ӯ гуноҳ мекунад. Мо ҳеҷ гоҳ набояд фикр кунем, ки Ӯ парвое надорад ва пай намебарад! Худо ҷаҳони офаридаашро дӯст медорад. Ин ба Ӯ дард мерасонад, вақте ки мо муносибат ва ҷаҳони худро вайрон мекунем.

*Ва ҳангоме ки вай суханони ин савгандномаро бишнавад, дар дили худ худро баракат дода, гӯяд: «Бо вуҷуди он ки дар сахтии дили худ рафтор менамоям, то ки сероб ва ташнаро якҷоя нобуд кунам, ман саломат хоҳам монд»* (ояти 19). Шайтон мехоҳад, ки мо чунин фикр кунем, ки ғайр аз Худо дигар чизҳоро ибодат карда метавонем. Ӯ мехоҳад, ки мо фикр кунем, ки барои гуноҳи «пинҳонӣ» иҷозат аст. Ду сабаб аст, ки чаро гуноҳ ҳеҷ гоҳ хуб нест:

1. Гуноҳ **ҳамеша** ба дилҳои худи мо, муносибатамон зарар мерасонад ва аз ҳама бадтараш, он ба Худо дард мерасонад.

2. Гуноҳ сирояткунанда аст — гуноҳ дар дигарон ҳам такрор мешавад. Чунон ки ҳаввори Павлус навишта буд: «Оё намедонед, ки андак хамиртуруш тамоми хамирро метуршонад?» (1 Қӯринтиён 5:6)

Ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед, ки гуноҳи мо метавонад ба калисо, ҷомеа ва кишварамон зарари калон расонад. Мо бояд нисбати гуноҳ дар ҳаёти худ бераҳм бошем. Чунон ки Исо гуфтааст: *Ва агар дасти ростат туро ба васваса андозад, онро бурида, аз худ дур кун; зеро барои ту беҳтар аст, ки яке аз андомат талаф гардад, ва тамоми ҷисмат ба дӯзах андохта нашавад* (Матто 5:30).

Агар мо надонем, ки оё ягон чиз гуноҳ аст ё не, мо бояд аз худамон ду савол пурсем:

- Китоби Муқаддас дар ин бора чӣ мегӯяд?

- Оё Исо ин корро мекард?

Худои канъониён, бути Баал, худои шукуфоӣ буд. Қариб ҳама одамон Баалро парастиш мекарданд. Ба ҳамин монанд, барои аксари одамон имрӯз муҳимтарин чиз ин ба даст овардани пули бештар аст. Онҳо бовар доранд, ки пул ба онҳо хушбахтӣ, амният ва сулҳу оромӣ мебиёрад.

Ҳамон тавре ки исроилиён фикр мекарданд, ки метавонанд ҳам Худо ва ҳам Баалро парастиш кунанд, имрӯз низ бисёр имондорон фикр мекунанд, ки онҳо метавонанд ҳам Худо ва ҳам пулро парастиш кунанд.

Исо дар ин бора дар Матто 6:24 чӣ гуфт? [4]

## Даъвати 4-ум



Санҷиши муносибат ба пул: муҳимтарин чиз дар ҳаёти шумо чист?

- Оё шумо ба ҷамъомади калисо намеравед, чунки мехоҳед пули зиёдтар кор кунед?
- Оё шумо ба калисо пули камтар медиҳед нисбат ба миқдори метавонистагиатон, чунки шумо мехоҳед телефони навтар ё дигар чизҳои нав харед?
- Оё шумо ба одамони ниёзманд саховатманд ҳастед?
- Оё шумо аз Худо мепурсед, ки чӣ тавр Ӯ мехоҳад, ки шумо пулатонро истифода баред?

Ҷавоб ба ин саволҳо нишон медиҳад, ки оё шумо кӯшиш мекунед, ки ҳам ба Худо ва ҳам ба пул хизмат кунед ё не. Исо мегӯяд, ки ин ғайриимкон аст. Шумо наметавонед ҳам ба Худо ва ҳам ба пул хизмат кунед.

### **Умед барои онҳое, ки аҳду паймонро вайрон мекунанд** (30:1–15)

Пеш аз он ки мо дар бораи баракату лаънатҳо хонем, биёд бинем, ки Мусо як гапи ғайриоддиро илова кард, ки барои онҳо, ки аҳдро вайрон мекунанд, умед бахшад.

Худо медонист, ки қавмаш бо вуҷуди тамоми огоҳӣ, аз Ӯ рӯй мегардонанд. Аммо, чунон ки мо дар дарси 4 дидем, Худо раҳми бениҳоят калон дорад: Ӯ гуноҳро доварӣ мекунад, аммо инчунин онҳоеро, ки самимона тавба кардаанд, барқарор мекунад (30:1–10).

Ибораи «дилҳои худро хатна кунед» чӣ маъно дорад? [5]

Мусо интизори замоне аст, ки халқи Худо воқеан Худоро дӯст хоҳад дошт! Ҳаворӣ Павлуси калимаи «хатнаи дил»-ро гуфта, нақл мекунад, ки вақте одам тавба мекунад ва ба Исо имон меорад, чӣ рӯй медиҳад (Қӯлассиён 2:11).

Мо бояд ба гуноҳ айни ҳамон тавре нигоҳ кунем, ки ба саратон нигоҳ мекунем: мо бояд онро фавран пеш аз он паҳн шавад ва моро нобуд кунад, бурида партоем! Албатта, ин хеле дардовар шуда метавонад, аммо барои давоми зиндагӣ зарур аст!

Кӣ ягона шахсе аст, ки он чизеро, ки ба мо лозим аст, дода тавонад (Такрори Шариат 30:9)? [6]

***Ва Худованд Худоят ба ту дар ҳар амали дастат, дар меваи батнат комьёбии зиёде хоҳад бахшид...*** Канъониён бовар доштанд, ки худои онҳо Баал фарзандони солим ва ҳосили фаровон медиҳад. Худо мехоҳад, ки халқаш донанд, ки Ӯ қудрати додани ин чизҳоро дорад, на Баал.

Вақте ки одамон барои исён ва гуноҳашон самимона тавба мекунанд, Худованд чӣ кор мекунад (ояти 9)? [7]

***Худованд боз аз шумо шод хоҳад шуд...*** Ин суханони зеботарини ҷаҳон аст! Ин ба онҳое гуфта мешавад, ки самимона тавба кардаанд. Ин мисли шодии чӯпон аст, ки гӯсфанди гумшудаи худро дар масали Исо ёфт (Луқо 15:6–7).

Мо бояд ҳар дақиқаи ҳар рӯз чиро интихоб кунем (Такрори Шариат 30:19–20)? [8]

***Ҳаётро интихоб кунед… Зеро Худованд ҳаёти шумост…*** Мусо аз халқи Худо илтимос кард, ки байни ҳаёт ва шукуфоӣ ё марг ва нобудшавӣ интихоб кунанд (ояти 15). Мисли он, дар Инҷили Юҳанно моро даъват мекунанд, ки аз пайи он шахсе равем, ки роҳ, ростӣ ва ҳаёт аст (Юҳанно 14:6). Танҳо бо имон овардан ба Исо мо метавонем ҳаёти ҷовидонӣ дошта бошем (Юҳанно 17:3).

## 4. Баракат ва лаънат (30:16–18)

Боз кадом баракат барои итоат ва лаънат барои беитоатӣ зикр шудаанд (оятҳои 16–18)? [9]

Барои хотиррасон кардан дар бораи мавзӯи баракат ва лаънат, ки барои мо имрӯз вуҷуд доранд, бори дигар ба дарси 11 нигоҳ кунед.

## 5. Даъвати ниҳоӣ ба шоҳидон (30:19)

Дар ҷаҳони қадим дар охири бастани аҳду паймон худоёни подшоҳи ғолиб ва мардуми забтшударо барои шоҳидии аҳд даъват мекарданд. Албатта, дар ин аҳд онҳо наметавонистанд бутҳоро барои шоҳидӣ хонанд. Ба ҳамин сабаб Худо офаринишӣ худро ҳамчун шоҳид истифода мебарад.

Маросими издивоҷ як чорабинии оммавӣ аст, то ҳама донанд, ки ин мард ҳоло бо ин зан издивоҷ кардааст. Бояд шоҳидон бошанд дар сурате, ки яке аз онҳо ба аҳди худ вафо накунад. Ба ҳамин монанд, ин аҳд байни Худо ва халқи Ӯ ошкоро баста шуд. Агар халқаш вафо накунанд, офариниши Худо бар зидди онҳо фарёд хоҳад зад. Лаънатҳо дар боби 28-уми Такрори Шариат дар ин бора огоҳӣ медиҳад (Такрори Шариат 28:16–19).

Дар Аҳди Нав вакил Павлус ба мо мегӯяд, ки худи офариниш интизори замонест, ки дигар чизҳои фонӣ нахоҳад буд (Румиён 8:21). Офариниши зебо ва беайб дар пеш аст! Аммо то он вақт мо дар ҷаҳони пур аз мушкилиҳо зиндагӣ мекунем (Ҳастӣ 3:17–18). Вазифаи мо, ки офариниши азизеро, ки Худо ба мо додааст, нигоҳубин кунем (Ҳастӣ 2:15)!

## Нав кардани аҳд

Мо дидем, ки чӣ тавр насли оянди халқи Худо барои итоат кардан ба Ӯ аҳду паймонро нав карданд. Айнан ҳамин хел имрӯз мо бояд ба фарзандони имондорон имконият диҳем, ки дар пеши одамон ӯҳдадории худро барои пайравӣ кардани Исо эълон кунанд. Чӣ хел шумо инро дар калисои худ карда метавонед?

### Худо ба воситаи ин ду боби Такрори Шариат ба шумо чӣ мегӯяд?

## Вазифаи хонагӣ

Пеш аз дарси оянда **бобҳои 31–32-и Такрори Шариатро** хонед.

# Ҷавобҳо

1 – Онҳо нафратоваранд.
2 – Решае, ки заҳри талх меоварад.
3 – Онҳо тамоми бори доварии Худоро хоҳанд бардошт.
4 – *Ҳеҷ кас ба ду ого хизмат карда наметавонад: зеро ки ё аз яке нафрат карда, дигареро дӯст хоҳад дошт, ё ба яке часпида, дигареро хор хоҳад дид. Шумо наметавонед ба Худо ва ба мамуно хизмат кунед.*
5 – Ин маънои онро дорад, ки мо бояд ба Худо иҷозат диҳем, ки ҳама одатҳои гуноҳкориро дар дилҳои мо решакан кунад.
6 – Танҳо Худованд Худо қудрат дорад, ки ба мо он чизҳоеро, ки ба мо лозим аст, диҳад.
7 – Ӯ аз онҳо лаззат мебарад!
8 – Мо бояд роҳи ҳаётро интихоб кунем, на роҳи маргро.
9 – Баракат дар он аст, ки онҳо зиндагӣ мекунанд ва афзун мешаванд ва дар замини ваъдашуда баракати Худоро хоҳанд дошт. Лаънат дар он аст, ки онҳо нобуд мешаванд ва дар замини ваъдашуда бисёр намемонанд.

Такрори Шариат — дарси 13:

# Нигоҳ ба оянда



Дар бобҳои 31–32 Мусо бисёр чизҳоеро, ки пештар гуфта буд, такрор кард. Аммо ӯ ин чизҳоро бо роҳи нав гуфт, то ҳақиқатҳои кӯҳна ба дили шунавандагонаш бо роҳи нав таъсир расонанд. Ин бобҳо ба мо хотиррасон мекунанд, ки Худо подшоҳи вафодор, меҳрубон ва комили мост; мо ба осонӣ ба Ӯ хиёнат мекунем, аммо Ӯ муносибати вайроншудаи моро барқарор мекунад. Пас, мо бояд бо миннатдорӣ якҷоя сахт меҳнат кунем, то муҳаббати худро ба Худо нишон диҳем ва ба каломи Ӯ итоат кунем.

## Худо бо мост

**Такрори Шариат 31:1–8-ро** хонед.

Дар ин боб навишта шудааст, ки чӣ тавр Мусо давом дод, ки халқи Худоро барои замоне тайёр кунад, ки дигар бо онҳо нахоҳад буд.

Мусо мардумро аз дарёи Урдун ба замини ваъдашуда намебарад. Мусо ба мардум чӣ гуфт (Такрори Шариат 31:3)? [1]

Ӯ ба мардум хотиррасон кард, ки гарчанде Еҳушаъ пешвои нави онҳо хоҳад буд, дар асл худи Худо подшоҳи онҳо ва ҷанговари мағлубнашаванда аст.

Мусо ба Еҳушаъ чӣ гуфт (ояти 8)? [2]

Ин кафолати аҷоиб ба Еҳушаъ (Еҳушаъ 1:5) ва сипас барои мо дар Аҳди Нав (Матто 28:20; Ибр 13:5) такрор шуд. Роҳбарон ва муаллимони мо метавонанд моро тарк кунанд, аммо Худо ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад!

## Даъвати 1-ум

Кай ба шумо зиёдтар лозим аст, ки ин суханони азизеро, ки Мусо дар бораи Худо гуфта буд, ба ёд оред: *Ӯ ҳеҷ гоҳ шуморо тарк нахоҳад кард* (Такрори Шариат 31:8)?

Агар дар ҷои коратон, оила ё ҷои зистатон дигаргуниҳои калон рӯй дода истодаанд, ин суханони муҳим барои шумост ва онро дар хотир дошта бошед. Агар мо мехоҳем Худовандро дӯст дорем ва ба Ӯ итоат кунем, Ӯ ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад!

Оё вақтҳое буд, ки шумо ба он шубҳа доштед?

# Ҳар одам бояд аз Худованд тарс доштанро ёд гирад

**Такрори Шариат 31:9–13-ро** хонед.

Мусо ба мардум хотиррасон кард, ки халқи Худо бояд шариати Ӯро донад.

Кӣ бояд ба шариати Худо гӯш медод ва шариати Ӯро меомӯхт (оятҳои 12–13)? [3]

Мусо шариати Худоро навишта, ба коҳинон ва пирони халқ дод. Фақат онҳо нусхаи Каломи Худоро доштанд. Ин вазифаи онҳо буд, ки онро ба тамоми халқи Худо, аз ҷумла занон ва кӯдакон, таълим диҳанд. Имрӯз бисёри имондорон худашон Каломи Худоро хонда метавонанд, хоҳ аз китоб ва хоҳ дар телефони худ. Аммо баъзан имондорон Каломи Худоро ба фарзандони худ таълим намедиҳанд. Хеле муҳим аст, ки кӯдакон Каломи Худоро аз хурдсолиашон омӯзанд.

## Даъвати 2-юм

Ин бояд қисми ҳаёти ҳаррӯзаи падару модарон бошад, ки Каломи Худоро ба фарзандонашон хонанд. Дар ҷамъомадҳои калисо бояд имконият бошад, ки кӯдакон Каломи Худоро ба тарзи барои онҳо фаҳмо шунаванд. Он гоҳ онҳо Каломи Худоро низ дӯст дошта метавонанд.

Оё ин дар хона ва калисои шумо рӯй медиҳад? Агар не, шумо чӣ кор карда метавонед, то кӯдакон ёд гиранд, ки Каломи Худоро дӯст доранд?

# Худо медонад, ки мо зуд Ӯро фаромӯш мекунем

**Такрори Шариат 31:14–29-ро** хонед.

Мусо медонист, ки халқи Худо ба Худое, ки онҳоро наҷот дода, ба онҳо ғамхорӣ кард ва ба замини фаровон оварда буд, хиёнат хоҳанд кард (оятҳои 15–29).

***Ман рӯи Худро пинҳон хоҳам дошт...*** (оятҳои 17–18): ин чизи даҳшатноктарин аст, ки бо мо рӯй дода метавонад — ки Худо рӯи худро аз мо пинҳон кунад. Дар дуоаш коҳин аз Худо хоҳиш мекунад, ки рӯи худро чӣ кор кунад (Ададҳо 6:24–26)? [4]

Дар Аҳди Нав барои мо ваъдаи аҷоиб аст, ки он касоне, ки Исоро пайравӣ мекунанд, рӯзе рӯи Худоро хоҳанд дид (Ваҳӣ 22:4)!

Чӣ қадар аҷиб аст, ки Худо аз халқи худ даст накашид. Ӯ ҳамеша ба мо имкон медиҳад, ки ба сӯи Ӯ баргардем, новобаста аз он ки мо Ӯро чӣ қадар ранҷондаем. Хушхабар дар ҳақиқат хабари хуш аст!

## Даъвати 3-юм

Мо низ ба осонӣ ба Худо бевафоӣ мекунем. Оё шумо ҳар рӯз аз Худо хоҳиш мекунед, ки гуноҳатонро ба шумо нишон диҳад? Оё шумо ҳар рӯз аз Худо хоҳиш мекунед, ки дили шуморо бо хуни Исо пок кунад?

Мо ҳеҷ вақт набояд бо гуноҳ дар зиндагии худ розӣ бошем! Як гуноҳ ба осонӣ ба гуноҳи дигар оварда мерасонад. Мо бояд ҳар рӯз тавба кунем, то гуноҳ афзоиш наёбад ва моро аз Худованд дур накунад.

## Суруди Мусо



Дар боби 32 мо сурудеро мехонем, ки Мусо ба мардум таълим дода буд. Ин суруд пур аз андӯҳи талх аст. Дар он гуфта шудааст, ки Худо сахт аз халқи маҳбубаш ноумед шуд. Ин суруде буд, ки Ӯ мехост наслҳои оянда онро сароянд, то онҳоро аз хиёнат ба Худо огоҳ кунад (Такрори Шариат 31:19).

## Даъвати 4-ум

Сурудҳо ин роҳи нағз аст, ки ҳақиқатҳои муҳимро дар хотир нигоҳ дорем. Сурудҳо метавонанд вақти дароз дар дилу зеҳни мо монанд. Аз ин рӯ, мо бояд дар калисо сурудҳоеро интихоб кунем, ки сухане дошта бошанд, ки моро бо ҳақиқати ҳаётбахш пур мекунад ва мувофиқи Каломи Худо аст. Оё одамоне, ки сурудҳоро дар калисои шумо интихоб мекунанд, бодиққат тафтиш мекунанд, ки оё суханони сурудҳо ба таълимоти Китоби Муқаддас мувофиқ аст?

**Боби 32-ро** хонед ва бинед, ки он ба мо дар бораи Худо ва халқи Ӯ чӣ меомӯзонад.

Мусо мехост, ки исроилиён ҳақиқатҳои хеле муҳимро дар бораи Худо ва халқаш дар хотир нигоҳ доранд.

- **Мо дар бораи кӣ будани Худоро чӣ меомӯзем (оятҳои 4, 6, 10–14, 16, 18–19, 21)?** [5]

- **Мо дар бораи кӣ будани халқи Худоро чӣ меомӯзем (оятҳои 9–10)?** [6]

***Мерос*** (ояти 9): Халқи Худо ба Худо тааллуқ дорад. Ва рӯзе Ӯ абадан аз муошират бо онҳо дар муносибати комил ва беайб лаззат хоҳад бурд!

Ин мисли он аст, ки зан номзад шудааст. Вай ба шавҳари ояндааш тааллуқ дорад, аммо аз пуррагии ин муносибат баъд аз тӯй лаззат мебарад. Дар китоби Ваҳй дар бораи бозгашти Исо ҳамчун тӯйи ӯ гуфта шудааст (Ваҳй 19:7). Ба ҳамин монанд, дар Такрори Шариат Худо барои муҳаббати халқаш рашк мекунад.

***Гавҳараки чашми Ӯ...*** (ояти 10): ин ба гавҳараки чашми мо, ки ҳассостарин қисми бадани мо аст, ишора мекунад, ки мо онро бо ҳар кор муҳофизат мекунем. Худо халқи Худро аз ҳама бештар дӯст медорад ва онҳоро аз ҳама гуна зарар муҳофизат мекунад!

- **Кай халқи Худо эҳтимолияти калонтар доранд, ки аз Худо рӯй гардонанд (ояти 15)?** [7]

***Ешурун*** (ояти 15): маънои «росткор»-ро дорад ва номи дигари Исроил аст (Ишаъё 44:2). Афсус, Исроил бисёр вақт аз рӯи номи худ зиндагӣ намекард.

***Токи онҳо аз токҳои Садӯм аст, ва аз саҳроҳои Амӯро*** (ояти 32): ин ду шаҳри сарватманд буд, ки он қадар дар пеши Худо бадкор буданд, ки Худо онҳоро нобуд кард (Ҳастӣ боби 19). Агар исроилиён бар зидди Худо ва шариати неки Ӯ исён кунанд, бо онҳо ҳам ин чиз рӯй дода метавонист.

- **Мо дар бораи худоёни бардурӯғе, ки одамон парастиш мекунанд, чӣ фаҳмидем (оятҳои 17, 21)?** [8]

Худоёни бардурӯғ ҳеҷ кор карда наметавонанд ва онҳо мӯъҷиза намекарданд ё наҷот намедоданд.

***Қурбонӣ овардан ба девҳо*** (ояти 17): Ҳар одам ягон чизеро ё одами дигарро парастиш мекунад. Он чизе ки одамон намефаҳманд, ин аст, ки паси он чизҳое, ки онҳо парастиш мекунанд, худи шайтон меистад. Шайтон мехоҳад, ки моро ба парастиши худ ҷалб кунад ва аз парастиши Худо дур кунад.

- **Худо барои хиёнати халқаш чӣ кор мекунад (Такрори Шариат 32:20–23)?** [9]

***Ман бо он чи қавм нест, рашки онҳоро хоҳам овард...*** (ояти 21): Ҳавворӣ Павлус ин оятро истифода бурд (Румиён 10:19), то ки фаҳмонад, ки чаро чунин ба назар расид, ки Худо халқи Исроилро рад кард ва ғайрияҳудиёнро ба подшоҳии худ қабул кард. Исроил бо парастиши худоёни дигар Худоро ба рашк овард. Пас, Худо ба воситаи наҷот додани ғайрияҳудиён рашки онҳоро овард (**Румиён 11:11, 14**).

***Бар онҳо мусибатҳоро ҷамъ хоҳам овард...*** (ояти 23): Худо маҷбур шуд, ки ба таври даҳшатнок амал кунад. Агар Ӯ ин корро намекард, имони халқи Ӯ вайрон ва гум мешуд. Ваъдае, ки Худо ба Иброҳим дода буд, нопадид мешуд. Ҳақиқат дар бораи Худо, аҳд, шариат, қавму заминаш ва нияти Ӯ бояд то омадани Писари ягонаи Ӯ дар пуррагӣ нигоҳ дошта мешуд (Юҳанно 3:16).

- **Мо дар бораи хирадмандии халқи Худо чӣ мефаҳмем (ояти 28)?** [10]

Онҳо он чизҳоеро, ки Худо ба воситаи душвориҳояшон ба онҳо ёд медод, тамомам намефаҳмиданд. Ин мушкилӣ хеле маъмул буд, ки пайғамбарон дар Аҳди Қадим бисёр вақт халқи Худоро гӯсфанд меномиданд (масалан, Ишаъё 53:6, Ирмиё 50:6); гӯсфандон он қадар ҳайвони доно нест ва аз паси дигарон корҳои онҳоро такрор мекунанд. Аммо, тасвири Исо, ки Чӯпони нек аст, маънои онро дорад, ки агар мо Ӯро пайравӣ кунем, мо бехатар хоҳем буд ва Ӯ бароямон ғамхорӣ мекунад (Забур 22). Ва ин моро ба ҳақиқати аз ҳама ғайриоддӣ мерасонад:

- **Мо дар бораи он коре, ки Худо мекунад, чӣ мефаҳмем (оятҳои 39–43)?** [11]

Вақте ки халқи Худо дар ҳолати заифтаринашон қарор доранд (ояти 36), Худо барои наҷоти онҳо меояд ва душманони халқашонро нобуд мекунад (оятҳои 41–42).

***[Худо] замини Худ ва қавми Худро кафорат хоҳад кард…*** (ояти 43): Чӣ қадар аҷиб аст, ки худи Худо барои гуноҳҳои онҳо кафорат хоҳад кард. Одатан, ин вазифаи коҳин буд, ки қурбонӣ кунад, то гуноҳҳои мардум кафорат шавад (Ибодат 6:7), аммо дар ин маврид Худо ин корро мекунад!

Дар Аҳди Нав мо мебинем, ки кафорат танҳо тавассути як қурбонии комиле, ки Писари Худо барои тамоми ҷаҳон овард, имконпазир шуд (1 Юҳанно 4:10). Гуноҳҳои мо танҳо дар сурате кафорат карда мешаванд, ки мо онҳоро аввал ошкор кунем ё онҳоро ба Худо эътироф кунем (1 Юҳанно 1:9).

## Даъвати 5-ум

Оё шумо ҳар рӯз эътироф мекунед, ки Худо кист, шумо кистед, то чӣ андоза шумо гунаҳкор ҳастед ва Хушхабар то чӣ андоза аҷоиб аст?

## *Иловагӣ:* Худо кӯҳпораи мост



Калимаи «кӯҳпора» дар ин суруд панҷ маротиба барои тавсифи Худо истифода шудааст (Шумо метавонед инро дар оятҳои 4, 15, 18, 30, 31 пайдо кунед).

Санги бузургеро дар биёбон тасаввур кунед. Ин калом дар бораи Худо ба мо чӣ мегӯяд? [12]

Инчунин мо аз ин калима метавонем боз дигар маъноро фаҳмем. Баъзан аз санг ғизо меояд:

***Вайро асал аз сахра хӯронид, ва равған аз санги хоро…*** (ояти 13): Занбӯри асал дар сурохии сангҳо хона мекунанд. Ва дарахти зайтун дар ҷойҳое мерӯянд, ки дигар дарахт калон шуда наметавонад, аз ҷумла дар ҷойҳои санглох.

Хеле беҳтар аст, ки хонаатонро бар санг бино кунед, на бар рег. Исо дар ин бора масале гуфт (Матто 7:24–27).

Пас, калимаи «Кӯҳпора» барои мо маъно дорад, ки Худо вафодор аст ва Ӯ барои мо ғамхорӣ мекунад. Худоёни дигар бефоидаанд: онҳо наметавонанд моро муҳофизат кунанд, ба мо кӯмак кунанд ё бароямон ғамхорӣ кунанд. Онҳо ба мо таҳкурсии мустаҳкам намедиҳанд, ки ҳаёти худро бар он бунёд кунем. Дар асл, агар мо ҳаёти худро бар худоёни бардурӯғ бунёд кунем, мо ба сӯи нобудшавӣ меравем (Матто 7:27).

### Худо ба воситаи ин дарс ба шумо чӣ мегӯяд?

### Дар бораи кадом аз панҷ даъват шумо бояд зиёдтар фикр кунед ва дуо гӯед?

## Вазифаи хонагӣ

Пеш аз дарси оянда **бобҳои 33–34-и Такрори Шариатро** хонед.

## Ҷавобҳо

1 – *Худованд Худоят Худаш пешопеши ту убур хоҳад намуд, Худаш ин халқҳоро аз пеши ту маҳв хоҳад кард.*
2 – *Ва Худованд Худаш пешопеши ту меравад, Ӯ бо ту хоҳад буд, аз ту даст нахоҳад кашид ва туро тарк нахоҳад кард; натарс ва ҳаросон нашав.*
3 – *Мардон ва занон ва кӯдакон, ва гарибонеро, ки дар шаҳрҳои ту мебошанд...*
4 – *... Бигзор Худованд бо рӯи Худ бар ту партав афканад ва туро марҳамат намояд! Бигзор Худованд рӯи Худро сӯи ту нигаронад ва саломатӣ ба ту бахшад!*
5 – Худо *кӯҳпора аст* (ояти 4); *корҳои Ӯ комиланд* (ояти 4); *ҳамаи роҳҳои Ӯ одилона аст* (ояти 4); [Ӯ] *Худои амин аст, ки ноинсофӣ намекунад* (ояти 4); *Падар ва Офаридгори* онҳо (ояти 6); Ӯ онҳоро *ёфт*, *муҳофизат кард, гамхорӣ кард* ва *посбонӣ кард* (ояти 10); Ӯ *мисли уқобест*, ки чӯҷаҳои худро болои болҳояш мебарад (ояти 11); Ӯ ба қавми Худ фаровонӣ медиҳад (ояти 13–14); Ӯ ба онҳо ҳаёт дод — Ӯ ҳам падар ва ҳам модари онҳост (ояти 18); муҳаббати Ӯ пуршиддат аст, ки *рашк* мекунад ва *хашмгин* мешавад, вақте ки қавмаш худоёни дигарро парастиш мекунанд, (оятҳои 16, 19, 21).
6 – *... насибаи Худованд... мероси Ӯст... гавҳараки чашми Ӯ.*
7 – Вақте ки одамон сарватмандтар мешаванд, дигар ба Худо ниёз надоранд. Онҳо ба осонӣ фаромӯш мекунанд, ки Худо онҳоро офаридааст, дӯст медорад, наҷот додааст ва онҳоро бо роҳҳои гуногун баракат додааст: *Онҳо Худоро, ки Офаринандаи онҳо аст, тарк карданд.*
8 – *Ин худоён ҳеҷу пуч астанд ва ба қарибӣ пайдо шуда буданд.*
9 – Худо *рӯи Худро аз онҳо пинҳон хоҳад дошт... бо он чи қавм нест, рашки онҳоро хоҳад овард [ва]... бар онҳо мусибатҳоро ҷамъ хоҳад овард.*
10 – *Онҳо халқи бемулоҳизаанд ва фаҳме надоранд...*
11 – Худо қавми Худро зинда хоҳад кард, онҳоро шифо хоҳад дод, аз душманонашон интиқом хоҳад гирифт ва худаш *қавми Худро кафорат хоҳад кард.*
12 – Ӯ аз тӯфонҳо паноҳгоҳ ва аз гармии шадид соя фароҳам меорад.

Такрори Шариат — дарси 14:

# Огоҳӣ ва рӯҳбаландкунии ниҳоӣ



Мусо дар бобҳои 33–34 ба қавми Исроил огоҳӣ ва рӯҳбаландкуниҳои охирин медиҳад. Ҳангоми омӯхтани ин дарси охирини курси омӯзиши ба он огоҳӣ ва рӯҳбаландкуниҳо диққат диҳед, ки Худованд ба шумо додан мехоҳад.

Дар боби 33 мо дар бораи он мехонем, ки Мусо 12 сибти Исроилро баракат медиҳад. Ин ба мо дар бораи Яъқуб хотиррасон мекунад, ки 500 сол пеш аз ин, 12 писари худро пеш аз вафот карданаш баракат дода буд (Ҳастӣ 49:1–27). Бо ин кор Мусо ба қавми Худо хотиррасон кард, ки Худо ба аҳди худ дар давоми 500 сол вафодор монд! Онҳо ба гузаштан аз дарёи Урдун наздик буданд, лекин Худо дар ин корашон бо онҳо буд. Ӯ ба қавми худ вафодор хоҳад монд.

Мусо дар давоми 40 соли гузашта сибтҳои Исроилро хуб медонист. Ин имконияти охирини ӯ буд, то ба онҳо дар бораи чизҳои муҳимтарин нақл кунад. Замини ваъдашуда ҷое хоҳад буд, ки онҳо метавонанд аз сарвати бузург баҳра баранд, аммо дар он ҷо инчунин хатари рӯҳонӣ хоҳад буд. Пас, ӯ мисли чӯпони нек қавми Исроилро ҳам огоҳ ва ҳам рӯҳбаланд кард.

## Мусо 12 сибти Исроилро баракат дод

**Боби 33-и Такрори Шариатро** хонед, аммо аз номҳое, ки шояд намедонед, рӯҳафтода нашавед. Тасаввур кунед, ки шумо дар он ҷо будед ва суханони охирини Мусоро гӯш мекардед. Ба он суханҳо диққат диҳед, ки ба шумо бештар таъсир мерасонад. Пас аз хондани тамоми боб, дар гурӯҳи худ дар бораи он гап занед.

Ин баъзе аз ҳақиқатҳое, ки Мусо мехост ба исроилиён хотиррасон кунад:

- Худо поён ба замин фаромад, ки бо қавми худ баъд аз наҷот додани онҳо аз Миср аҳд бандад (оятҳои 1–5). Ба ҳамин монанд, дар замони Аҳди Нав Худо дар байни мо дар шахсияти Исо зиндагӣ мекард (Юҳанно 1:14).

- Ҷангу низоъ ва мухолифат қисми ҳаёт астанд (оятҳои 7, 11, 20, 22).

- Роҳбарон бояд намуна бошанд ва Худоро дар ҷои аввал дар ҳаёти худ гузоранд (оятҳои 8–10).
- Худо қавми худро муҳофизат мекунад ва барои онҳо ғамхорӣ мекунад (оятҳои 12).
- Самаранокии рӯҳонӣ аз азобу уқубат бармеояд — Юсуф солҳои зиёд ҳамчун ғулом ва баъд дар зиндон буд, пеш аз он ки аз «самаранокӣ» баҳра барад (оятҳои 13–17).
- Қавми Худо шодӣ мекунанд (оятҳои 18).
- Қавми Худо дигаронро ба ибодати Худо даъват мекунад (оятҳои 19).
- Худо итоаткориро мукофот медиҳад — сибти Ҷод беғаразона бо сибтҳои дигари қавми Худо барои ҷанг бо канъониён рафта буд, ҳатто вақте ки онҳо аллакай замини худро ба даст оварда буданд (оятҳои 20–21). Ба дарси 4 нигоҳ кунед (Ададҳо 32:16–19).
- Худо ба қавми худ кӯмак мекунад (оятҳои 23–29).
- Худо подшоҳи тавоноест, ки барои қавми худ ғамхорӣ мекунад (оятҳои 26–29).

Шумо ба кадом аз ин ҳақиқатҳо имрӯз зиёдтар ниёз доред?

**Ешурун** (оятҳои 5, 26): чунон ки мо дар дарси 13 фаҳмидем, маънои «росткор»-ро дорад ва номи дигари Исроил аст.

## Даъвати 1-ум

Оё шумо ҳар рӯз Худоро барои мӯъҷизае, ки Ӯ шуморо наҷот дод ва барои шумо ғамхорӣ мекунад, ситоиш мекунед? Агар не, дар бораи он фикр кунед, ки чӣ тавр инро қисми ҳаёти ҳаррӯзаи худ кунед, то ин барои шумо як одат шавад.

## Марги Мусо



Боби **34-уми Такрори Шариатро** хонед.

Охирин коре, ки Мусо пеш аз маргаш кард, чӣ буд (оятҳои 1–4)? [1]

***Худованд тамоми заминро ба ӯ нишон дод...*** (ояти 1): Барои Исроилиён дидани замин як қисми соҳиби он шудан буд. Иброҳим замини Канъонро тамошо кард (Ҳастӣ 13:14–15). Шайтон кӯшиш кард Исоро васваса кунад ва ба Ӯ ҳамаи салтанатҳо (заминҳо)-и ҷаҳонро нишон дод, то ки ба шайтон ибодат кунад (Матто 4:8). Ва дар масали Исо дар бораи зиёфати калон, яке аз баҳонаи наомадан ба зиёфат он буд, ки як одам замин харида буд ва бояд рафта онро бинад (Луқо 14:18). Пас, вақте ки Мусо ба замини ваъдашуда нигоҳ кард, ин маънои онро дошт, ки ӯ имтиёз дошт, ки аз номи халқи Худо ба таври қонунӣ заминро соҳибӣ кунад.

Мусо кай тавонист ба замини ваъдашуда дохил шавад (Матто 17:1–3)? [2]

Мисли Мусо, мо метавонем ба замини ваъдашудаи абадӣ (Ерусалими нав) аз дур нигоҳ кунем, аммо ҳанӯз ба он дохил шуда наметавонем. Чунон ки дар китоби Ибриён навишта шудааст: «*Ҳамаи инҳо*

*дар имон мурданд ва ба муроди иҷрои ваъдаҳо нарасиданд, балки фақат аз дур онҳоро дида, шод шуданд ва эътироф карданд, ки бар замин мусофир ва гарибанд»* (Ибриён 11:13).

Монанди ин Петрус навишт: «*Муборак аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, ки бо марҳамати бузурги Худ, ба василаи эҳьёи Исои Масеҳ аз мурдагон, моро аз нав ба вуҷуд овард барои умеди зинда, Барои мероси бефано, пок ва пажмурданашаванда, ки дар осмон барои шумо маҳфуз аст, Ки бо қуввати Худо ба воситаи имон нигоҳ дошта мешавед барои наҷоте ки муҳайё шудааст, то ки дар замони охир ба зуҳур ояд*» (1 Петрус 1:3–5).

Мо ворис ҳастем, зеро мо фарзандони Худо ҳастем (Юҳанно 1:12), аммо то даме ки мо дар замин ҳастем мо аз манфиатҳои осмон баҳра намебарем. Танҳо дар Ерусалими нав мо аз ҳама он чизе, ки замини ваъдашуда ба мо пешниҳод мекунад, баҳра хоҳем бурд: ҳаёти бегуноҳ, муносибатҳои комил, бадани ҳамешаи солим ва шукуфоии бемаҳдуд!

Чӣ тавр нигоҳи Мусо ба замини ваъдашуда ба таҷрибаи имрӯзаи мо монанд аст? [3]

Мо чӣ кор карда метавонем, то чашмони худро ба замини ваъдашудаи абадӣ нигоҳ дорем? [4]

***бандаи Худованд...*** (Такрори Шариат 34:5): Ҳаввориён худро ҳамин хел меномиданд (масалан, Румиён 1:1; Яъқуб 1:1; 2 Петрус 1:1). Ҳар як имондор бояд бандаи Худованд бошад. Мо бояд ҳамеша дар бораи он фикр кунем, ки чӣ тавр ба оғои худ писанд оем ва ба ӯ ҷалол биёрем. Мо набояд дар бораи он фикр кунем, ки чӣ тавр худро хурсанд кунем ва ба худ ҷалол биёрем.

Вазифаи банда чист? [5]

## *Иловагӣ:* Хизматгори Худованд

Унвони «бандаи Худованд» дар китоби Ишаъё муҳим аст. Дар чор порчаи* китоби Ишаъё дар бораи бандаи Худо гуфта мешавад, ки ба Исроил имконият медиҳад, ки ба назди Худо баргардад. Ба ғайр аз ин, ин банда имконият медиҳад, ки ҳамаи халқҳои замин низ ба назди Ӯ биёянд, чунки Ӯ ба воситаи марги худ барои гуноҳҳои мардум кафорат овард (Ишаъё 53:5–6).

*Ишаъё 42:1–9; 49:1–12; 50:4–9; 52:13–53:12

***... касе ҷои қабри ӯро то имрӯз намедонад*** (Такрори Шариат 34:6): Шояд ин сабаби дигаре буд, ки Худо Мусоро аз дохил шудан ба замини ваъдашуда боздошт. Худо медонист, ки қавмаш ба осонӣ корҳои нодуруст мекунанд. Мусо барои исроилиён он қадар шахси муҳим буд, ки барои онҳо осон буд, ки қабри Мусоро ба макони зиёрат табдил диҳанд. Мардум ба он ҷо мерафтанд, то Мусоро ибодат кунанд ва ба ӯ дуо гӯянд, ҳамон тавре ки имрӯз бисёр одамон дар қабрҳои одамони «муқаддас» дуо мегӯянд. Худо мехост, ки Мусо берун аз замини ваъдашуда бимирад, то касе надонад, ки ӯ дар куҷо дафн шудааст.

***... ӯро Худованд рӯ ба рӯ мешинохт*** (Такрори Шариат 34:10): барои ҳамаи имондорон муҳим аст, ки ҳар рӯз бо Худо муносибат кунад, то ки бо мушкилиҳои зиндагӣ рӯ ба рӯ шуда тавонанд, махсусан ин барои роҳбарон муҳим аст. Чӣ қадаре ки роҳбарони халқи Худо барои дуо ҳар рӯз вақт сарф мекунанд он қадар онҳо дар хизаматашон муваффақ мешаванд.

## Даъвати 2-юм

Оё шумо ҳар рӯз бо Худо вақт мегузаронед? Агар не, аз худ пурсед, ки шумо ҳар рӯз чӣ қадар вақт барои телефон ва телевизор сарф мекунед. Кадомаш барои шумо муҳимтар аст: дидани паёмҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ ё хондани Каломи Худо?



Барои он ки бо Худо муносибати наздиктар дошта бошед, шумо кадом чизҳоро бояд дигар кунед?

***Ва дар бобати тамоми дасти қавӣ, ва дар бобати тамоми аҷоиботи бузурге ки Мусо пеши назари тамоми Исроил ба амал овард*** (Такрори Шариат 34:12): Такрори Шариат бар суханони Мусо асос ёфтааст. Аммо мо мебинем, ки каси дигар баъдтар онро таҳрир карда, дар шакли китобе, ки мо имрӯз дорем, ҷамъ кард. Аз ин рӯ, мо мехонем, ки «Мусо гуфт» на «ман гуфтам». Инчунин, дар охири китоб мо дар бораи марги ӯ мехонем. Муҳаррири китоби Такрори Шариат пас аз марги Мусо муддати зиёд зиндагӣ кардааст. Мо медонем, ки ҳамон тавре ки Худо Мусоро барои сухан гуфтан илҳом бахшид, ӯ ба шахсе, ки ин китобро таҳрир кардааст, илҳом бахшид. Муҳаррир ба таърихи Исроил назар кардааст ва омадану рафтани пайғамбарони зиёдеро дидааст. Аммо ҳеҷ яке аз онҳо ба мисли Мусо бузург набуд.

Чаро Мусо хизматгори бузурги Худованд буд? Мусо дар бораи чӣ дуо гуфт (Хуруҷ 33:13)? [6]

Ин се чиз ҳавасу ангезаи Мусо барои тамоми ҳаёташ буд:
- омӯхтани роҳҳои Худо
- шинохтани Худо
- писанд омадан ба Худо.

Чӣ тавр метавонед инро бо он чизҳое, ки шуморо барои анҷом додани корҳое, ки ҳар рӯз мекунед, ҳавасманд мекунад, муқоиса кунед?

## Даъвати 3-юм

Чӣ шуморо ҳавасманд мекунад?

Шумо аз ин ҳавасмандӣ чӣ натиҷа мебинед?

Шумо чиро тағир додан мехоҳед, то бештар ба он намуди хизматгори Исои Худованд табдил ёбед, ки Худо шуморо ба он даъват мекунад?

Мусо на танҳо қавми Худоро аз ғуломӣ берун овард ва ба канори замини ваъдашуда бурд. Ӯ инчунин суханони Худоро навишт, ки мардуми Худо сею ним ҳазор сол боз онро мехонанд!

Суханони ин панҷ китоби аввали Китоби Муқаддас (Таврот) аз Мусо таҳти илҳоми Худо омад. Он барои фаҳмидани Худо ва шахсияти Ӯ бароямон аҳамияти калон дорад.

Бо вуҷуди тамоми исёни қавми Худо, Худо ба онҳо содиқ монд. Ва ҳатто имрӯз ҳам Ӯ барои расидан ба ҳадафи худ корро давом медиҳад, то ҳамон рӯзе, ки:

- қавми муқаддас хоҳад буд (Ваҳӣ 20:6)
- қавми Ӯ аз **ҳар** миллат хоҳанд буд (Ваҳӣ 7:9)
- онҳо дар замини ваъдашудаи абадӣ дар амният, сулҳ ва шукуфой зиндагӣ хоҳанд кард (Ваҳӣ 22:1–5)
- онҳо зери ҳукмронии пурмуҳаббати Шоҳи шоҳон зиндагӣ хоҳанд кард! (Ваҳӣ 19:16)

## Даъвати 4-ум

Шумо чӣ кор карда истодаед, то ба нақшаи Худо барои ҷамъ кардани одамон аз ҳар халқ ҳамроҳ шавед?



### Имрӯз Худо ба воситаи ин дарс ба шумо чӣ мегӯяд?

## Ҷавобҳо

1 – Ӯ ба кӯҳ баромад, то тамоми замини ваъдашударо бинад.
2 – Вақте ки Исо дар кӯҳе дар пеши Петрус, Яъқуб ва Юҳанно дигаргун шуд.
3 – Мо метавонем ба замини ваъдашудаи абадӣ аз дур нигоҳ кунем, аммо ҳанӯз наметавонем ба он дохил шавем. Мо ворисон ҳастем, аммо то даме ки мо дар замин ҳастем мо аз манфиатҳои осмон баҳра намебарем.
4 – Вақте ки мо Каломи Худоро мехонем ва дар бораи он фикр мекунем ва вақте ки бо дигар имондорон ҷамъ мешавем, то ки бештар ёд гирем чӣ хел Исоро пайравӣ кунем, чашмонамон сӯи замини ваъдашудаи абадӣ равона мешавад.
5 – Вазифаи хизматгор ин аст, ки ба оғои худ писанд ояд ва итоат кунад.
6 – *Ва алҳол, агар ман манзури назари Ту шуда бошам, лутфан, роҳҳои Худро ба ман маълум намо, то ки Туро бишносам ва манзури назари Ту гардам.*

# ТАБРИК!

# Шумо курси омӯзишии Такрори Шариатро тамом кардед!

Мо аз ин китоби аҷоиб дар бораи Худо боз ҳам бисёр чизҳои дигар омӯхта метавонем — таъсири онро дар тамоми қисматҳои дигари Китоби Муқаддас дидан мумкин аст! Ин курси омӯзишӣ барои он тайёр карда шудааст, ки шумо китоби Такрори Шариат ва албатта худи Худованд Худоро дӯст доред!

**Шумо дар бораи ин дарс ба кӣ нақл карда метавонед?**

# Мундарича


| | | |
|---|---|---|
| **Такрори Шариат — дарси 1:** | Пайғамбар ва ваъда . . . . . . . . . . . . . . . . | 5 |
| **Такрори Шариат — дарси 2:** | Роҳбарон ва пайравон. . . . . . . . . . . . . . | 14 |
| **Такрори Шариат — дарси 3:** | Ягонагӣ ва роҳбарияти нав . . . . . . . . . . | 22 |
| **Такрори Шариат — дарси 4:** | Ҳаётро интихоб кунед!. . . . . . . . . . . . . . | 28 |
| **Такрори Шариат — дарси 5:** | Доварӣ ва марҳамат . . . . . . . . . . . . . . . | 34 |
| **Такрори Шариат — дарси 6:** | Даҳ аҳком (қисми 1) . . . . . . . . . . . . . . . | 41 |
| **Такрори Шариат — дарси 7:** | Даҳ аҳком (қисми 2) . . . . . . . . . . . . . . . | 48 |
| **Такрори Шариат — дарси 8:** | Худованд Худои худро дӯст дор . . . . . . . | 56 |
| **Такрори Шариат — дарси 9:** | Забт кардани замин. . . . . . . . . . . . . . . . | 63 |
| **Такрори Шариат — дарси 10:** | Шариати Худо. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . | 71 |
| **Такрори Шариат — дарси 11:** | Баракат ва лаънат. . . . . . . . . . . . . . . . . | 79 |
| **Такрори Шариат — дарси 12:** | Нав кардани аҳд . . . . . . . . . . . . . . . . . . | 86 |
| **Такрори Шариат — дарси 13:** | Нигоҳ ба оянда. . . . . . . . . . . . . . . . . . . | 92 |
| **Такрори Шариат — дарси 14:** | Огоҳӣ ва рӯҳбаландкунии ниҳоӣ. . . . . . . | 98 |

Ин курси омӯзишӣ иборат аз 14 дарс шуморо аз китоби аҷоиби Такрори Шариат мегузаронад.

Такрори Шариат барои фаҳмидани боқимондаи Аҳди Қадим ва инчунин Аҳди Нав асос аст.

Паёми ин китоб на танҳо барои исроилиён дар Аҳди Қадим, балки барои ҳамаи мо имрӯз ҳам муҳим аст. Ин курси омӯзишӣ махсусан барои гурӯҳҳои хурди имондорон дар Осиёи Марказӣ барои якҷоя омӯхтани он навишта шудааст.

Дар ҳар дарс саволҳои зиёд аст ва ҷавобҳояшон дар охири дарс аст. Ҳангоми омӯзиши ин китоб, бигзор Худо фаҳмиши шуморо дар бораи он ки Худои аҷоиби мо кист ва он чизҳое, ки Ӯ барои мо кардааст, зиёд кунад!

TG